# Роҳнамо оид ба масъалаҳои гузариш ба пахши рақамии телевизион ва радиошунавонӣ

ш. Вена 2010

# Пешгуфтор

Хонанадаи гиромиқадр!

Китобе, ки ҳоло дар даст дорӣ, масъалаҳои гузариш ба пахши рақамии телевизион ва радиошунавониро дар бар мегирад, ба таъбири дигар раванди технологие (фановарие), ки ба ҳар яки мо имконоти дастрасӣ ба он манбаъҳои иттилоотиеро медиҳад, ки қаблан фаротар аз орзуи мо буданд. Ин раванд ҳамчунин дастрасӣ ба маълумоти оммавиро осонтар мекунад, вале то кадом андоза технологияи нав ба манфиати омма истифода мешавад, то кадом андоза дар инкишофи гуногунандешии ҷомеа мусоидат менамояд, чӣ қадар ба пастшавии нобаробарии иттилоотӣ дар кишварҳои узви САҲА кӯмак мекунад, мустақиман аз қонунгузории соҳаи матбуот ва сиёсати идоракунии ин раванд вобаста аст.

Ҳангоми ба таври бояду шояд татбиқ намудани гузариш ба пахши рақамӣ чунин низоми телевизон ва радиошунавонӣ қодир аст, ки риояи ҳуқуқҳои асосии инсон, аз ҷумла озодии маълумоти оммавӣ ва ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоотро таъмин намояд. Дар сурати ҳамкории тамоми иштирокчиёни ин раванд: паҳнкунандагон, истеҳсолкунандагон, фурӯшандагон ва истифодабарандагон ба натиҷае мерасанд, ки онро ном ВАО-и таъминкунандаи гуногунандешӣ ва озодии баёни афкор аст.

Намояндагони ҳукуматҳо бояд бифаҳманд, ки бо тақдими маълумоти гуногунандеш ба шаҳрвандон озодӣ ва демократия халалдор намешавад, баръакс мустаҳкамтар хоҳад шуд. Шаҳрвандони огоҳ қарорҳои бошуурона қабул мекунанд ва ин қоидаи муҳимтарин – асоси бунёди эъмори ҷомеаи демократист.

Мо аллакай дар асри рақамӣ умр ба сар мебарем, ки барои ба вуҷуд овардани фарҳанги асили демократӣ дар асоси иштироки ҳамаи аъзои ҷамъият имконият медиҳад.

Роҳнамои мо барои кӯмаки амалӣ расондан ба он давлатҳои иштирокчии САҲА пешбинӣ шудааст, ки бояд роҳи рақамикунонии пахши телевизион ва радиошунавониро тай намоянд.

Нашри ҳозира дар муқоиса бо роҳнамои соли 2009 аз тарафи ҳамкори қаблии муҳтарами ман дар вазифаи Намояндаи САҲА оид ба масъалаҳои ВАО Миклош Харасти чопшуда, бо ворид намудани тағйироту иловаҳо фарқ мекунад. Муаллифони он ду нафар коршиноси дар ҷаҳон маъруфи ин соҳа - д-р Катрин Найман-Меткалф ва д-р Андрей Рихтер мебошанд.

Дар роҳнамо ба таври васеъ масъалаҳое тадқиқ мешаванд, ки назди тамоми тарафҳои ба раванди гузариш ба пахши рақамӣ ҷалбшуда меистанд, аз ҷумла дастоварду камбудиҳое, ки аллакай дар ин роҳ дучор гардидаанд.

Ҳамаи мо медонем, ки инқилоби рақамӣ бо гузариш аз пахши аналогӣ ба пахши рақамӣ маҳдуд намегардад. Таъсири технологияи рақамӣ ба ҷомеа ҳақиқатан ҳам хусусияти умумифарогиранда дорад. Расонаҳои нав дар ҳаёти мо, назар ба ВАО-и электронии чанд даҳсола қабл пайдошуда, таъсири бештар расонданд. Технологияи ВАО-и нав барои таъмини дастрасӣ ва истифодаи маводи ҳар гуна ВАО бо ҳар гуна восита, ҳамеша ва дар ҳама ҷо имконият медиҳанд.

Оё технологияҳои нав тасаввуроти бунёдии моро оид ба ВАО тағйир медиҳанд? Шояд. Дар марҳилаи рақамӣ озодии ВАО ва озодии сухан маънои онро доранд, ки ҳама (на фақат он шумораи каме, ки воситаҳои анъанавии иттилооти оммавиро дар даст доранд ва назорат мекунанд) имконияти истифодаи технологияи навро барои иштирок, ҳамкорӣ, омӯзиш ва муҳокимаи ҳар гуна масъалаҳо аз рӯи интихоби худ, пайдо менамоянд. Ҳамзамон аҳамият надорад, ки мубоҳиса атрофи кадом масъала ҳаст: сиёсат, мушкилоти ҷомеа, ё маданияти поп ё ҳар гуна мавзӯъҳои дигар. Муҳим он аст, ки рақамикунонӣ ба ҳамаи мо барои иштирок намудан дар чунин муколама имконият медиҳад.

Чаро ин муколама муҳим аст? Ҷавоб хеле одӣ аст: вай ба одамон барои изҳор намудани ақидаи худ, ба ақидаи одамони дигар таъсир расонидан ва ҳатто онҳоро тағйир додан имконият медиҳад. Ба равандҳои таҷдид, истеҳсол ва эҷод ҷалб шуда, одамон ҳуқуқи худро барои иштирок дар ҳаёти ҷамъият амалӣ мегардонанд.

Мақомоти давлатӣ дар рафти рақамикунонӣ нақши асосиро мебозанд. Роҳҳои осоншудаи дастрасӣ ва паҳн намудани иттилоот дониши одамонро ғанӣ

гардонда, ҳамчунин алоқаҳои ҷамъиятиро мустаҳкам менамояд ва монеаи байни истеҳсолкунандагон ва истифодабарандагони иттилоотро бартараф месозад.

ВАО-и анъанавӣ, махсусан дар ҷамъияти давраи гузариш – таҳаввулотро аз сар мегузаронанд. Мо ҳама дарк менамоем, ки гузариш ба пахши рақамӣ, агар вай дар рӯҳияи эҳтиром намудани озодии ВАО амалӣ карда шавад, барои паҳн намудани доираи васеи медиа-хизматрасониҳои соҳа, аз ҷумла интиқоли фаъолонаи маълумот, телевизиони дақиқияташ баланд, барномаҳо барои ақаллият ва аз рӯи пардохт ва тиҷорати электронӣ қодир аст.

Озод шудан аз маҳдудияти спектри радиобасомадҳо бо шарофати пахши рақамӣ чунин маъно дорад, ки нарасидани басомадҳо дигар асос ё баҳона барои танзими сахти давлатии ВАО-и электронӣ шуда наметавонад. Акнун ба далелҳои анъанавии танзим бовар кардан нашояд, зеро технологияи нав симои воситаҳои иттилооти умум ва коммуникатсияро комилан тағйир дода метавонанд. Дар аксар ҳолатҳо қоидаҳои кӯҳна бесамар мегарданд. Дар марҳилаи конвергенсия (даромехтагӣ) ва тағйироти босуръати технологӣ назорати давлатӣ беш аз пеш ноодилона, беасос ва дар ниҳояти кор ғайривоқеӣ шуда мемонад.

Ҳадафи мо, ба мисли мақсади ин роҳнамо дарёфти усулҳои мустаҳкам намудани озодии ВАО дар марҳилаи рақамӣ мебошад. Ҳоло вазъи озодию гуногунандешии ВАО дар давлатҳои узви САҲА якранг нест. Гарчанде, дар маҷмӯъ дар бораи зиёд шудани ҳаҷми иттилоот ва дастрасии баланди он ҳарф задан мумкин бошад, дар як қатор мамлакатҳо қонунҳо ва чораҳои назоратӣ қабул карда мешаванд, ки имкониятҳои пешниҳоди рақамикунонӣ ва пайдоиши расонаҳои навро маҳдуд менамоянд.

Роҳнамои мо - маводи зинда мебошад: вай ба андозаи гузариш ба пахши рақамӣ таҷдиди назар ва ислоҳ карда мешавад. Хонандаи азиз, агар савол, таклифу пешниҳодоте пайдо шавад, метавонӣ ба Дафтари мо муроҷиат намоӣ.

Бо умеди он ки хондани ин китоб бароят муфид хоҳад буд,
Дуня Миятович

Вена, ноябри соли 2010

# Муаллифон

д-р Катрин Найман-Меткалф, профессор ва мудири кафедраи ҳуқуқу технологияи Донишгоҳи технологии Таллин
(katrinmetcalf@hotmail.com)

ва доктори илмҳои филологӣ Андрей Рихтер, профессор ва мудири кафедраи таърих ва танзими ҳуқуқии ВАО-и факултети рӯзноманигории Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов (richter.andrei@gmail.com)

Бо фармоиши Дафтари Намояндагӣ оид ба масъалаҳои озодии ВАО

ш. Вена
2010

Аз русӣ тарҷумаи Парвина Раҳимова
Муҳаррир Иззатманд Саломов
Мусаҳҳеҳ Фаррухшо Ҷунайдов

# МУНДАРИҶА


I. **Мундариҷаи мухтасар ва тезисҳои асосӣ** ........ 13

II. **Даъватҳо ба сиёсатмадорон ва ҷомеа дар иртибот ба рақамикунонӣ** ........ 22

III. **Тавсияҳо** ........ 25

IV. **IV. Луғати истилоҳот** ........ 31

V. **V. Роҳнамо оид ба масъалаҳои гузариш ба пахши рақамии телевизион ва радиошунавонӣ** ........ 37

**1. Муқаддима** ........ 38

1.1 Барои чӣ ба пахши рақамӣ гузаштан лозим аст? ........ 38

1.2 Контексти ҳуқуқии байналхалқӣ ........ 39

1.3 Вазъияти имрӯзаи Аврупо ........ 42

1.4 Мундариҷа ва мақсади роҳнамо ........ 43

**2. Масъалаҳои зерсохтор: чӣ гуна аз инҳисорталабӣ дурӣ бояд ҷуст?** ........ 44

2.1 Қонунгузорӣ дар бораи рақобат ва рақамикунонӣ ........ 44

2.2 Дастрасӣ ба шабакаҳои интиқолдиҳанда ........ 47

2.3 Тавсияҳои Иттиҳоди Аврупо нисбат ба гуногунандешии ВАО ........ 50

2.4 Тамаркуз ........ 52

2.5 Интихоби пахшкунандагон ........ 54

**3. Барномаҳои пахшкунандагони рақамӣ: чӣ гуна аз инҳисорталабӣ дурӣ бояд ҷуст?** ........ 58

3.1 Гуногунандешии мундариҷа ........ 58

3.2 Ӯҳдадориҳо нисбат ба мундариҷа ........ 63

**4. Пахши ҷамъиятӣ дар марҳилаи рақамӣ** ........ 65

**5. Стратегияи гузариш: раванди банақшагирӣ** ........ 71
5.1 Нақша ........ 71
5.2 Иштироки ҷомеа дар банақшагирии рақамикунонӣ ........ 74
5.3 Кӯмак ба аҳолӣ ........ 76
5.4. Қонунгузорӣ ........ 78

**6. Аудитория: масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ** ........ 82
6.1 Масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва дастрасӣ ба пахш ........ 82
6.2 Гуногунандешӣ, на зиёдкунии одии миқдори каналҳо ........ 84
6.3 Кумаки молӣ барои харидани таҷҳизоти қабулкунанда ........ 84
6.4 Ӯҳдадориҳо оид ба хизматрасониҳои ҳаматарафа ........ 88
6.5 Мукаммалгардонии мутақобила (Ҳамдигаривазкунӣ) ........ 89

**7. Пахшкунандагон: масъалаҳои иқтисодӣ ва техникӣ** ........ 93
7.1 Сармоягузорӣ дар рақамикунонӣ ........ 93
7.2. Платформаи паҳнкунии сигнал ........ 98
7.3 Фоидаи пахшкунандагон ........ 99
7.4 Дастгирии давлатӣ ........ 100

**8. Танзимкунанда: масъалаҳои иҷозатномадиҳӣ** ........ 104
8.1 Раванди иҷозатномадиҳӣ ........ 104
8.2 Намунаҳои иҷозатномадиҳии пахши рақамӣ ........ 106
8.3 Нақши мақомоти танзимкунанда ........ 110
8.4 Мораторияи ........ 113
8.5 Пахши давлатӣ ........ 114
8.6 Хомӯш карда шудани пахши аналогӣ ........ 116

**VI. Мулҳақот. Санадҳои байналхалқии дахлдор** ........ 119

# I. Мундариҷаи мухтасар ва тезисҳои асосӣ

## Мундариҷаи мухтасар ва тезисҳои асосӣ

### Гузариш ба пахши рақамӣ чӣ тавр метавонад ба озодии иттилооти оммавӣ мусоидат намояд?

Пахши рақамӣ шакли дигари «бастабандӣ» ва интиқоли сигнали барномаҳои телевизион ва радио, инчунин гирифтан ва рамзкушоӣ намудани чунин сигнал мебошад. Телевизиони рақамӣ нисбат ба аналогӣ барои таъмини зиёдтари каналҳо имконият медиҳад, инчунин қисме аз спектри электромагнитии басомадҳоро озод менамояд, ки баъдан метавонанд барои мақсадҳои дигар истифода бурда шаванд.

Аз ин рӯ гузариш ба пахши рақамӣ (рақамикунонӣ) имкониятҳои навро барои маҷрои озодонаи иттилоот ва гуногунандешии воситаҳои ахбори омма фароҳам меоварад. Аз мавқеи мустаҳкам намудани озодии ВАО технологияи нав барои боз ҳам бештар ҷустуҷӯ намудан ва гирифтани иттилоот ва идеяҳо тавассути пахши телевизиону радио имконият медиҳад. Вай ҳамчунин ба пахшкунандагон имкониятҳои нисбатан васеъро барои паҳнкунии иттилоот дар ҷамъият фароҳам меоварад.

Табиист, ки барои ноил шудан ба чунин натиҷаҳо бояд раванди гузариш ба пахши рақамӣ бо принсипҳои ҳуқуқӣ ва сиёсие асоснок шавад, ки озодии изҳори ақида, озодии ВАО ва дастрасӣ ба иттилоотро муҳофизат ва мустаҳкам менамоянд. Агар мақомоти миллии ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ принсипу қоидаҳои муайянро ба ҳисоб нагиранд, хатари ҷиддии оқибатҳои манфии рақамикунонӣ пайдо мешаванд. Ба ин оқибатҳо дохил мешаванд: яккасоҳибияти/монополизатсияи минбаъдаи бозори ВАО аз тарафи давлат ё тиҷорат, маҳдудияти гуногунандешии воситаҳои ахбор, эҷод намудани монеаҳои нав дар ҷодаҳои гуногуни фарҳангӣ ва забонӣ, ҳамчунин маҷрои озоди иттилоот, новобаста аз марзҳои давлатӣ.

Раванди гузариш ба пахши рақамӣ хусусияти глобалӣ дорад. Иттифоқи байналхалқии алоқаи барқӣ (ИБА) муқаррар намуд, ки хомӯш намудани пахши аналогии телевизион на дертар аз соли 2015 дар минтақаи фарогирандаи Аврупо ва қисме аз Осиёи Марказӣ ба амал меояд.

### Давлатҳо барои риоя намудани озодии ВАО ҳангоми гузариш ба пахши рақамӣ вазифадоранд

Мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар ҳама ҷо масъалаҳои рақамикунонии телевизионро ҳал менамоянд ва речаи гузариш ба пахши рақамиро муқаррар менамоянд. Пахши анъанавии мавҷударо хомӯш карда истода, мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ барои амалӣ намудани бартарияти телевизиони рақамӣ имконият медиҳанд ва аз тарафи аҳолӣ гирифта шудани маҷмӯи васеи хизматрасониҳои рақамиро таъмин мекунанд.

### Масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ

Бо рақамикунонии пахш масъалаҳои муҳими иҷтимоию иқтисодӣ алоқаманданд. Онҳоро аз мавқеи муҳофизати манфиати шаҳрвандон ҳал намудан муҳим аст, яъне ба назар гирифтани нишондиҳандаи фарогирии аҳолӣ муҳим аст, на нишондиҳандаи фарогирии масоҳату минтақаҳо. Давлат барои таъмини дастрасии ҳаматарафа ба ВАО, аз ҷумла барои ақаллиятҳои миллӣ, одамони камбизоат, бехонаву дар ва одамони дорои нуқсонҳои ҷисмонӣ вазифадор аст. Ин гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ метавонанд ба кӯмаки махсус, аз ҷумла дастгирӣ ҳангоми харидани таҷҳизоти қабулкунандаи сигнали рақамӣ эҳтиёҷманд бошанд. Қоидаҳои чунин дастгирӣ бояд аз воқеияти он мамлакате сар зананд, ки дар он ҷо истифода бурда мешаванд. Таъмини огоҳии аҳолӣ дар бораи бартариятҳои пахши рақамӣ хеле муҳим аст.

Ҳангоми ба нақша гирифтани гузариш ба пахши рақамӣ бояд масъалаҳои муҳофизати ҳуқуқи истеъмолкунандагон ба назар гирифта шаванд.

Шартҳои сахт бояд кафолат диҳанд, ки ширкати ба хизмастрасонии пахши рақамӣ иҷозатгирифта, хароҷоти худро ба души аҳолӣ бор накунад. Ба ин мақсад назорати давлатии таруфаҳои хизматрасониҳои мазкур муқаррар карда мешавад.

### Гуногунандешии ВАО ва рақамикунонӣ

Бартарият доштани пахшкунандагони давлатӣ, ҳангоме ки стансияҳои телевизиону радио ба сифати каналҳои тарғибот баромад мекунанд ва ҳамзамон ба рақобати беинсофона бо ширкатҳои хусусӣ мепардозанд, ба гуногунандешии ВАО таъсири манфӣ мерасонад. Чунин тарзи суиистеъмол намудани озодии иттилооти оммавӣ дар рафти гузариш ба пахши рақамӣ метавонад пурзӯртар гардад.

Суди Аврупо оид ба масъалаҳои ҳуқуқи инсон дар қарорҳои худ чандин карат нишон дода буд, ки раванди гирифтани иҷозатнома бояд кафолатҳои муҳими муҳофизат аз қарорҳои ноодилонаро таъмин намояд, аз ҷумла мақомоти иҷозатномадиҳанда бояд ба таври кофӣ сабабҳои рад кардани дархости аризадиҳандаро шарҳ диҳанд.. Қоидаҳои дақиқ бояд он чизро низ таъмин намоянд, ки опреаторҳои алоқаи иҷозатномадор дар навбати худ бояд чунин маҷмӯи каналҳои рақамиеро пешниҳод намоянд, ки гуногунрангии ақидаҳоро дар ВАО беҳтар инъикос менамояд.

Дар сароғози худ рақамикунонӣ, ки дар ҳолати беҳтарин бояд ба гуногунандешӣ оварда расонад, метавонад боиси пурзӯр шудани тамаркузёбии (консентратсияи) ВАО гардад; чунин хатарҳо аз нуқтаи назари қонунгузории зиддиинҳисорӣ бояд баҳо дода шаванд. Дар баъзе ҳолатҳо тамаркузи муваққатӣ имконпазир аст, агар ҳамзамон гуногунандешии ақидаҳо дар оянда кафолат дода шавад. Бояд назорати мақомоти танзимкунанда аз болои ин раванд амалӣ гардад.

Ҳолате ки барои аҳолӣ асбоби нави қабулкунандаи сигнал - рамзкушо (декодерҳо) ва барои пахшкунандагон бошад – таҷҳизоти нави интиқолдиҳанда талаб карда мешавад, метавонад боиси маҳдудшавии интихоби барномаҳо дар давраи гузариш гардад. Фосилаи замонӣ ва масоҳати фарогирии чунин маҳдудият бояд бо истифодаи ин ё он усули паҳнкунии рамзкушоҳо дар мамлакат ихтисор ва кам карда шаванд.

Моратория дар додани иҷозатномаҳо барои пахш дар раванди рақамикунонӣ қадами зарурӣ мебошад, зеро ба мақомоти танзимкунанда барои банақшагирӣ ва самаранок истифода бурдани спектри басомадҳои радиоӣ имконият медиҳад. Вале ҳолатҳои истифода бурдани моратория ба мақсадҳои сиёсӣ ба пахши барномаҳои стансияҳои мустақил роҳ надодан низ маълуманд. Чунин ҳолатҳо бояд ҷой надошта бошанд.

Хатари он вуҷуд дорад, ки стансияҳои начандон калони хусусии маҳаллӣ наметавонанд мустақилона ба пахши рақамӣ гузаранд. Дар Аврупо мисолҳои зиёде мавҷуд аст, ки бо усулҳои гуногуни ҳуқуқӣ ба пахшкунандагони мавҷудаи эфирӣ ва истеҳсолкунандагони барномаҳо дастрасӣ ба шабакаҳои рақамӣ кафолат дода мешавад. Аз операторони алоқа бовиҷдонона, шаффоф ва бе ягон ҳуқуқпоймолкунӣ ба роҳ мондани тиҷорат талаб карда мешавад. Таруфаҳо барои хизматрасониҳои техникӣ бояд чоп карда шаванд.

Инҳисорталабӣ метавонад барои истеҳсолкунандагони барномаҳо мушкилот эҷод намояд, вале он дар интишори доираи хизматрасониҳо махсусан хатарнок мебошад. Қоидаҳои дастрасӣ ба системаи паҳнкунӣ бояд кафолат диҳад, ки масалан, мавҷуд будани як оператори шабака барои пахшкунандагон мушкилот эҷод намекунад. Ҳамаи дархостҳои онҳо оид ба дастрасӣ, ки мувофиқи қоида амалӣ карда шудаанд, бояд аз тарафи паҳнкунандагон бе тамоюлҳои сиёсӣ баррасӣ карда шаванд.

### Ояндаи телевизион ва радиошунавонии ҷамъиятӣ дар марҳилаи рақамӣ

Пахши барномаҳои телевизион ва радиоҳои ҷамъиятӣ яке аз василаҳои асосии демократия боқӣ мемонад. Навигариҳои воқеӣ, доираи васеи ақидаҳо ва барномаҳои баландсифатро пешниҳод карда истода, пахши ҷамъиятӣ дар мустаҳкам намудани озодӣ ва шаффофияти раванди интихобот, дар муқобили «забони душманӣ», дар ҳимояи манфиатҳои фарҳангии ақаллиятҳо истодагарӣ мекунад. Дар марҳилаи рақамӣ аҳамияти телевизиони ҷамъиятии бидуни реклама зиёд мегардад. Дар ин замина, намунаи васеъ намудани телевизиони рақамӣ дар Британияи Кабир аҷиб аст.

Қолаби барои Аврупо маъмул инкишофи якчанд мултиплексҳо мебошад, ки иборат аст аз бастаи (пакети) барномаҳои эфирӣ, барои ҳамаи истифодакунандагон ройгон ва дорои таҷҳизоти зарурӣ барои тамошои онҳо. Чунин бастаи ТВ-и эфирӣ маҷмӯи каналҳоеро дар бар мегирад, ки талаботи гуногуни тамошобинонро қонеъ менамоянд ва ба он ҳатман каналҳои телевизиони ҷамъиятӣ дохил мешаванд. Дар ин ҷо гуногунандешии ақидаҳои дар эфир пахшшуда аҳамият дорад, на зиёдшавии одии миқдори каналҳо. Дастрасӣ ба иттилоот ва кам шудани нобаробарӣ бо инкишофи барномахои телевизионӣ худ аз худ ба роҳ монда намешавад – гуногунрангии воқеӣ аҳамият дорад. Пас, ба бастаи барномаҳои ройгон дохил намудани пахши ҷамъиятӣ (телевизон ва радио) бо гуногунандешии ҳатмии дохилии он бояд қисми таркибии раванди рақамикунонӣ бошад.

### Иҷозатномадиҳӣ

Яке аз принсипҳои асосии пахши рақамӣ қоидаи тафовутгузорӣ байни иҷозатномаи таҷҳизоти интиқолдиҳанда (платформаҳо) ва иҷозатномаи мазмуни барномаҳо мебошад. Усули интихоби пахшкунандагон дар таркиби мултиплексҳои рақамӣ,

махсусан интихоби бастаи каналаҳои ройгон («иҷтимоӣ») бояд барои назорату танқиди ҷамъиятӣ шаффофу кушода бошад.

Агар дар мамлакат аллакай мушкилоти инҳисорталабӣ ва дар бозори пахш бартарӣ доштан мавҷуд бошад, онҳо бо рақамикунонӣ боз ҳам зиёдтар мешаванд - онҳое, ки «бисёр» доштанд, боз ҳам бештар мегиранд. Ин чунин маъно дорад, ки дар рафти рақамикунонӣ ба ин масъалаҳо низ машғул шудан лозим аст. Масъалаҳои барои кам намудани тамаркузи ВАО пешбинишуда, масъалаҳои танзим ва шаффофияти моликият дар ин ҷо аҳамияти боз ҳам бештаре пайдо мекунанд.

Ташкилоти байнидавлатии «Платформаи аврупоии мақомоти танзимкунанда» (ПАМТ) аҳамияти танзими дастрасии аҳолиро ба имкониятҳои нави техникӣ таъкид менамояд. Дар ин раванд нақши мақомоти миллии танзими пахш калон аст. Дар тақсими имкониятҳои ба эфири рақамӣ баромадани пахшкунандагон бояд чорабиниҳои озмунӣ ба таври васеъ истифода шаванд, на, масалан, музоядаҳо (аукционҳо), ки бештар ҳангоми тақсими доираи басомадҳои радиоӣ барои пешниҳоди хизматрасониҳои телекоммуникатсионӣ қобили қабул мебошанд. Дар ҳар гуна ҳолат ҳуқуқи интиқоли каналҳои телевизиони рақамии рӯизаминӣ (ТРР) ба приёмникҳои мавҷгири эфирӣ бояд аз рӯи қоидаҳои қатъӣ сурат гирад.

Дастрасии ҳаматарафаи ройгон ба хизматрасониҳои рақамии аудиовизуалӣ барои тамоми шаҳрвандон – боз яке аз қоидаҳое мебошад, ки бояд ҳангоми иҷозатномадиҳӣ дар рафти рақамикунонӣ риоя карда шавад.

Моҳияти телевизиони рақамӣ аз он иборат аст, ки бартарияти ҷомеаи иттилоотӣ ба ҳар як оила оварда шавад. Пас, муҳим аст, ки ин қоида бидуни истисноҳо бошад, махсусан дар мавриди дастрасӣ ба барномаҳои ройгони телевизиони эфирӣ ва глобалӣ.

### Таҷҳизот ва зерсохтор

Маҳз тиҷорат, на давлат, ё дар ниҳояти кор ҳам тиҷорат ва ҳам давлат бояд аҳолиро бо асбобҳо барои қабули ТРР бо нархи начандон баланд таъмин намоянд. Мамлакатҳое, ки аввалин шуда ба роҳи рақамикунонӣ қадам гузоштаанд, рақобатро

дар ин бозор инкишоф додаанд ва ба он муяссар гардидаанд, ки декодерҳо ва таҷҳизотҳои нисбатан мураккаб бо нархи начандон гарон дастрас бошанд.

Дар айни замон ҳамдигарро иваз карда тавонистани таҷҳизоти истеҳсолкунандагони гуногун аз ҳадафҳои асосӣ мебошад. Чунин ҳамдигаривазкуниро Шӯрои Аврупо қадр менамояд, зеро бозори аврупоиро барои истеҳсолкунандагон дар тамоми ҷаҳон мароқовартар мегардонад. Стандартҳои таҷҳизотро бошад худи сектори хусусӣ муайян менамояд. Операторҳои платформаҳои рақамӣ бояд барои истифодаи интерфейси кушодаи барномасозии амалие кушиш намоянд, ки ба стандартҳои аврупоӣ мувофиқ бошад ва барои аз як система ба дигараш гузаштан имконият диҳад.

Ёфтани имкониятҳо барои пардохти хароҷоти бунёдии зерсохторҳо, аз ҷумла ҷустуҷӯи сармоягузори эҳтимолӣ вазифаи чандон одӣ нест. Хатари муфлисшавии пахшкунанда дар рафти рақамикунонӣ ба гуногунандешӣ ва гуногунрангии барномаҳо таъсири манфӣ мерасонад. Яке аз усулҳои имконпазири маблағгузорӣ ташкил кардани ҳамкории байни давлат, пахшкунандагон, операторҳои шабакаҳо ва ширкатҳои хусусӣ мебошад. Дар ин ҷо омилҳои зиёде аз сохтори сектори пахш дар давлат вобастагӣ доранд.

Маблағгузориҳои нахустин калонанду бартарияти пахши рақамӣ дарҳол дарк карда намешавад, балки баъди хароҷоти ҷиддӣ. Ҳарчанд аз пахшкунандагони хусусӣ харҷи маблағҳои шахсиро барои рақамикунонӣ интизор шудан мумкин аст, қайд кардан зарур аст, ки натиҷа аз пайдо шудани ҳавасмандӣ барои ин кор вобастагӣ дошта метавонад. Мушкилот боз аз он иборат аст, ки умуман воридот аз реклама дар Аврупо кам гардидааст ва бозори ВАО дар марҳилаи мазкур барои рекламадиҳандагон чандон диққатҷалбкунанда нест.

Дар рафти рақамикунонӣ зерсохтори мавҷударо ҳадди аксар истифода бурдан лозим аст. Истифодаи якҷояи он аз тарафи ширкатҳои гуногун - яке аз усулҳои кам кардани хароҷоти онҳо мебошад. Ин ҳамчунин ба ҳифзи муҳити атроф мусоидат мекунад.

Рақамикунониро барои мустаҳкам намудан ё ба вуҷуд овардани мавқеи бартариятноки соҳиб ё оператори системаҳои интиқолдиҳанда истифода бурдан

лозим нест. Риоя намудани қоидаҳои дастрасӣ ба шабакаҳои алоқа дар ин ҷо аҳамияти калон дорад. Шахсикунонӣ ва ба қисмҳо ҷудокунии операторҳои асосиро гузаронидан лозим аст ва рақамикунонӣ набояд ба ин равандҳо халал расонад.

**Банақшагирии рақамикунонӣ**

Банақшагирии рақамикунонӣ – марҳилаи муҳиме мебошад, ки бояд бидуни таъхир оғоз карда шавад. Ба баъзе аз масъалаҳои асосӣ фавран ҷавоб додан лозим аст, то ин ки барои оғоз намудани пахши рақамӣ тайёр будани мамлакат фаҳмида шавад. Дар муҳити телевизион ва радиошунавонӣ бояд шаффофияти тиҷорат, гуногунандешӣ ва гуногунрангии барномаҳову ақидаҳо ҳукмрон бошад, инчунин бояд мақомоти мустақили танзимкунанда фаъолият намояд.

Қабул намудани нақшаи рақамикунонӣ (аз тарафи давлат ё парламент) одатан қадами аввалин дар ин роҳ мебошад. Ба раванди тайёр намудани чунин нақша, ки вазифаҳои ҳуқуқии фароҳам овардани шароитҳо ва мусоидат намудан ба пахши рақамиро муқаррар менамояд, бояд пахшкунандаҳо ва танзимкунанда ҷалб карда шаванд. Дар нақша бояд ҳамаи шартҳои имконпазир барои мораторияи додани иҷозатнома номбар карда шаванд. Нақша бояд пеш аз қабул намудани лоиҳа ба муҳокимаи ҷамъият пешниҳод шуда, барои танқид аз тарафи шаҳрвандон ва мутахассисон кушода бошад. Онро истисно кардан лозим нест, ки шояд, барои ҳалли вазифаҳои рақамикунонӣ созмон додани мақомоти махсус лозим шуда монад.

То он даме, ки дастрасии қариб садфоизаи қабули сигнали рақамӣ аз тарафи аҳолӣ ба даст оварда мешавад, телевизиони аналогӣ набояд хомӯш карда шавад. Раванди гузариш бояд аз тарафи бозор, вале дар сурати мавҷуд будани механизмҳои тасҳеҳи он, идора карда шавад. Гарчанде технологияи MPEG-2 дар малакатҳое, ки аввалин шуда ин равандро оғоз карданд, аз ҳама бештар истифода бурда мешавад, вале имрӯз стандарти MPEG-4 нисбатан бештар шӯҳрат дорад. Агар истифодаи ин технология фавран ба роҳ монда шавад, пас дар роҳи рақамикунонӣ бартариятҳои муайяне ба амал меоянд.

# II. Даъватҳо ба сиёсатмадорон ва ҷомеа дар робита ба рақамикунонӣ

- Раванди гузариш ба пахши рақамиро бо чунин омилҳои сиёсию ҳуқуқие оғоз намоед, ки нигоҳдорӣ ва мустаҳкам намудани ҳуқуқҳои инсон, аз ҷумла озодии изҳори ақида, озодии ВАО ва дастрасӣ ба иттилоотро кафолат медиҳанд.
- Омилҳои ҳуқуқӣ ва стратегияи созмон додани пахши рақамиро таҳти назорати доимии ҷамъиятӣ қарор диҳед. Стратегияи тасдиқшуда бояд боиси таҳия ва аз тарафи парламент қабул шудани на фақат қарорҳои ҳукуматӣ ё фармонҳои президентӣ, балки қонунгузории нав гардад.
- Нақшаи рақамикунонӣ бояд аз тарафи мақомоти салоҳиятдор (вазорат ё танзимкунанда) бо иштироки тамоми ҷонибҳои манфиатдор, аз ҷумла пахшкунандагон ва провайдерҳои хизматрасонӣ баррасӣ гардад.
- Мақомоти миллии идоракунии пахшро (танзимкунандагони миллиро) ба раванди банақшагирии рақамикунонӣ ва дар амал татбиқ намудани он фаъолонатар ҷалб намоед.
- Тамошобинонро бе пахши телевизионӣ, махсусан эфирӣ ва байналхалқӣ нагузоред. Санаи қатъ намудани пахши муқаррариро бо назардошти он муайян намудан лозим аст, ки ҳеҷ яке аз гурӯҳҳои аҳолӣ бе телевизиони рақамӣ намонад.
- Муҳофизати манфиати истифодабарандагон, аз ҷумла гузаштан аз як оператор ба дигараш ва истифода бурдани таҷҳизоти қобили таъвиз (ҳамдигаривазкунанда)-ро пешбинӣ намудан лозим аст.
- Гузаронидани маъракаҳои иттилоотиро оид ба масъалаҳои рақамикунонӣ пешбинӣ кардан зарур аст.
- Ба провайдерҳои хизматрасонӣ вазифаи хизматрасонии ҳаматарафаро вогузор кардан лозим аст.
- Ҷорӣ намудани мораторияро дар додани иҷозатнома барои пахш пешбинӣ кардан лозим аст, зеро он ба мақомоти танзимкунанда барои банақшагирӣ ва самаранок истифода бурдани спектри басомадҳои радиоӣ имконият медиҳад. Ҳамзамон ба истифода бурдани мораторияи ба мақсадҳои сиёсӣ, масалан, барои монеъ шудан ба пахши стансияҳои мустақил, роҳ додан лозим нест.
- Дастрасии пахшкунандагони мавҷударо ба шабакаҳои рақамӣ кафолат додан лозим аст. Дохил намудани пахшкунандаи миллии ҷамъиятӣ ба бастаи барномаҳои ройгон бояд қисми таркибии раванди рақамикунонӣ бошад.

- Рақамикунониро барои васеъ намудани доираи пахши барномаҳои ҷамъиятии ба аҳолӣ дастрас истифода бурдан зарур аст. Васеъ намудани он бояд ба арзишҳои волои хизмат барои ҷомеа мувофиқ бошад.
- Барои паҳн намудани барномаҳо ва барои интиқоли техникии сигнал иҷозатномаҳоро алоҳида додан лозим аст. Дар рафти рақамикунонӣ нагузоред, ки иҷозатномадиҳӣ ба раванди муғризона ва ғайришаффоф табдил ёбад.
- Тартиби интихоби бастаи каналҳои ройгон («иҷтимоӣ») бояд шаффоф ва барои назорату танқиди ҷамъиятӣ кушода бошад.
- Имконияти фароҳам овардани ҳамкории байни давлат, пахшкунандагон, операторҳои шабакаҳо ва ширкатҳои тиҷоратиро ҳамчун яке аз усулҳои маблағгузории рақамикунонӣ баррасӣ намудан лозим аст.
- Ҷомеаро барои пурра риоя намудани нақшаи рақамикунонӣ водор намоед.
- Одамонро ба он бовар кунонед, ки телевизиони муқаррарӣ ба наздикӣ корношоям мегардад ва хароҷот барои табдили он ба ТВ-и рақамӣ коре оқилона мебошад.
- Ба аҳолӣ бо шарҳи равшани сабабҳои гузариши рақамӣ ва зарурати риоя намудани реҷаи ин раванд муроҷиат намоед.
- Ба раванд тамоми иштирокчиёни асосии доимӣ: пахшкунандагон, продюсерҳо, фурушандагон(реселлерҳо) ва ҷамъияти истифодабарандагонро ҷалб намоед. Ҳамкорӣ – калиди дастовардҳои иттилоотӣ мебошад.
- Бовар накунед, ки зиёд намудани миқдори каналҳои рақамӣ маънои ривоҷи гуногунандешии ақидаҳо ва озодии суханро дорад .
- Зарурати пешниҳод намудани кӯмаки махсусро ба гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, масалан, ҳангоми ба даст овардани таҷҳизот барои қабули сигнали рақамӣ, аз ёд набароред.
- Ба мавҷудияти фақат як оператори шабака дар эҷоди мушкилот барои рақобати озоди пахшкунандагон ва дигар таъминкунандагони аудиовизуалӣ имконият надиҳед.
- Дастгирии давлатиро тарзе ба роҳ мондан лозим нест, ки як ширкати тиҷоратӣ аз ҳисоби дигарон соҳиби бартарияти беасос гардад. Мақомоти ҳокимияти давлатӣ бояд аз фароҳам овардани шароити мусоиди рақамикунонӣ танҳо (яъне дар муқоиса бо дигарон) барои пахшкунандагони давлатӣ (агар онҳо вуҷуд дошта бошанд) худдорӣ намоянд.

- Принсипи бетарафии технологиро нисбати платформаҳои паҳнкунии сигнал сарфи назар кардан лозим нест; мутобиқи чунин фаҳмиш амал намоед.
- Аз дастгоҳҳои коршоями телевизионӣ беасос даст кашидани мардумро ташвиқ накунед.
- Ба воҳима наафтед, оромӣ ва мутаносибиро нигоҳ доред: рақамикунонӣ – ин даъват мебошад, ба он ҷавоби сазовор ёфтан лозим аст!

**Рақамикунонӣ мушкилоти кайҳо боз дар бахши телевизион ва радиошунавонӣ (пахш) мавҷуда, ба мисли имконияти дахолати мақомоти ҳокимият, инҳисорталабӣ, нуқсонҳои сохторӣ, сустии танзимкунанда ё пахшкунандаи ҷамъиятиро ҳал намекунад. Чунин мушкилот бояд то рақамикунонӣ, мувозӣ бо банақшагирии гузариш ба пахши рақамӣ ҳал карда шаванд.**

# III. Тавсияҳо

## Озодӣ ва гуногунандешии ВАО

- Дар рафти гузариш ба пахши рақамӣ мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва танзимкунандагони миллӣ бояд оид ба инкишофи гуногунандешии муҳтаво ва роҳ надодан ба тамаркузи моликият дар ин соҳа чораҳо андешанд.

### Масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ

- Дар рафти рақамикунонӣ манфиатҳои аҳолӣ, инчунин манфиату имкониятҳои тамоми доираҳои пахшкунандагон, махсусан ғайритиҷоратӣ ва маҳаллиро ба назар гирифтан лозим аст.
- Мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва танзимкунандагони миллӣ бояд дар бораи муҳофизати манфиатҳои ноболиғон, эҳтироми шаъни инсонӣ ғамхории махсус зоҳир намуда, ба намоиши зӯроварӣ ва барангехтани душманӣ роҳ надиҳанд. Рушди имкониятҳои техникии назорати волидайн аз болои дастрасии кӯдакон ба барномаҳои телевизионии зарарнок – пахшкунандагон ва операторҳоро барои намоиши чунин барномаҳо аз ҷавобгарӣ озод наменамояд.
- Ба гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ барои дарёфти таҷҳизоти зарурии қабулкунанда ёрӣ расондан лозим аст. Қарор дар бораи он, ки оё ба шаҳрвандон кумаки молӣ додан лозим аст, дар кадом асос ва чӣ тавр, бояд бо назардошти вазъияти ҳар як мамлакати мушаххас қабул карда шавад.

### Пахши телевизион ва радиошунавонии ҷамъиятӣ

- Технологияҳои нав бояд ба вазифаҳои умумӣ - на фақат дар мавриди гузариш ба пахши рақамӣ, балки оид ба инкишофи телевизиони ҷамъиятӣ низ хидмат намоянд. Чунин муқаррарот маънои фароҳам овардани шароити ноодилонаи рақобат миёни телевизионҳои ҷамъиятӣ ва хусусӣ, ё мамониат дар инкишофи бахши телевизиони мустақилро надорад. Васеъ намудани пахши ҷамъиятӣ бояд аз рӯи далелҳои муайян сурат бигирад ва ба арзишҳои волои адои қарзи ҷамъиятӣ мувофиқ бошад.
- Гуногунрангӣ ва гуногунандешӣ ҳангоми муайян намудани бастаи барномаҳо барои интиқол дар платформаи рақамӣ аҳамияти асосӣ доранд. Пахшкунандаи умумимиллӣ бояд дар онҳо мавқеи кафолатноки худро ишғол намояд, ҳамчунин бояд қоидаи барои пахши каналҳои телевизионии рақамии руйзаминӣ (ТРР) ҳатмӣ истифода бурда шавад.

### Ислоҳоти ҳуқуқӣ, иҷозатномадиҳӣ

- Раванди гузариш ба пахши рақамӣ бояд бо чунин мабдаъҳои сиёсию ҳуқуқие асоснок карда шавад, ки нигоҳдорӣ ва таҳкими ҳуқуқҳои инсон, аз ҷумла озодии изҳори ақида, озодии ВАО ва дастрасӣ ба иттилоотро кафолат медиҳанд.
- Давлатҳо бояд омилҳои ҳуқуқӣ ва стратегияи ташкил намудани пахши рақамиро таҳия намоянд. Чунин стратегия бояд ба инкишофи ҳамкории операторҳои алоқа, ҳамдигарро пурра намудани платформаҳо, ҳамдигаривазкунии рамзкушоҳо (декодерҳо) ва дастрасии мундариҷаи гуногунранг, аз ҷумла каналҳои телевизионию радиоии мавҷудаи ройгон, равона шуда бошад.
- Чунин стратегия бояд таҳти назорати доимии ҷамъиятӣ таҳия карда шавад, ки ба таъмини кафолати гуногунандешии хизматрасониҳои радио ва телевизион ва дастрасии аҳолӣ ба доираи нисбатан васеъи барномаҳои босифат равона карда шудааст. Беҳтараш, ки стратегияи тасдиқшуда на фақат танҳо дар қарорҳои ҳукуматӣ ва фармонҳои президентӣ, балки дар қонунгузории нави аз тарафи парламент баррасӣ ва қабулшуда инкишоф дода шавад.
- Мақомоти салоҳиятдор (вазорат, танзимкунанда) бояд нақшаи рақамикунониро бо иштироки тамоми тарафҳои манфиатдор, аз ҷумла пахшкунандагон ва провайдерҳои хизматрасонӣ таҳия намояд.
- Меъёрсозӣ бояд ба таври расмӣ амалӣ карда шавад, аҳолӣ бояд дар бораи рафти рақамикунонӣ ба таври васеъ маълумот гирад.
- Ба раванди беғаразона ва шаффофи иҷозатномадеҳӣ аҳамияти махсус додан лозим аст.
- Додани иҷозатномаи пахши барномаҳои телевизионӣ ва иҷозатнома барои интиқоли техникии сигналро аз ҳамдигар ҷудо кардан лозим аст. Ба иҷозатномадеҳӣ бояд мақомоти мустақили танзимкунанда машғул гардад.
- Дастгирии давлатиро тарзе бояд амалӣ кард, ки бартарияти беасос барои як ширкати тиҷоратӣ аз ҳисоби ширкатҳои дигар ба вуҷуд оварда нашавад. Озод ва хусусигардонии соҳаи ВАО ва телекоммуникатсия бояд мувозӣ бо тайёрӣ ба гузариш ба пахши рақамӣ амалӣ карда шавад.

### Таҷҳизот ва зерсохтор

- Мақомоти миллии идоракунии пахш (ё танзимкунандагони миллӣ) бояд ба раванди рақамикунонӣ фаъолона ҷалб карда шаванд, зеро салоҳияти онҳо дар

соҳаи технология, иқтисодиёт ва ҳуқуқ барои коркарди чорчӯбаҳои нисбатан мувофиқи ҳуқуқӣ хеле муҳим аст.

- Мустақилияти мақомоти танзимкунанда ва иҷозатномадиҳандаро дар марҳилаи рақамӣ барои иҷро намудани вазифаҳояшон ҳам дар қонунгузорӣ ва ҳам дар амал кафолат додан зарур аст.
- Мақомоти ҳокимияти давлатӣ бояд аз фароҳам овардани шароити рақамикунонӣ танҳо барои пахшкунандагони давлатӣ (дар он ҷое, ки онҳо вуҷуд доранд) худдорӣ намоянд.
- Ба зиммаи провайдерҳои хизматрасонии интиқоли сигналҳо вазифаи хизматрасонии ҳаматарафаро вогузор намудан лозим аст, ки иҷрои онҳоро бояд танзимкунандаи мустақил назорат намояд.
- Ба мақсади таъмин намудани озодии рақобат, ҳатто агар миқдори системаҳои интиқолдиҳанда маҳдуд бошанд ҳам, танзимкунанда ҳамчунин бояд риоя намудани қоидаҳои дастрасии ширкатҳои гуногунро ба платформаҳои пахшкунӣ назорат намояд.
- Таҷҳизот бояд ҳамдигарро ивазкунанда бошад. Стандартҳо аз тарафи бозор, вале таҳти назорати танзимкунанда муқаррар карда мешаванд.

**Банақшагирии гузариши рақамӣ**

- Рақамикунонӣ мушкилоти кайҳо боз дар соҳаи пахш (дар телевизион ва радиошунавонӣ) ҷойдоштаро, ба мисли имконияти дахолати мақомоти давлатӣ, инҳисорталабӣ, нуқсонҳои сохторӣ, сустии танзимкунанда ё пахшкунандаи ҷамъиятиро ҳал намекунад. Чунин мушкилот бояд то рақамикунонӣ ҳамзамон бо рафти банақшагирии гузариш ба пахши рақамӣ ҳал карда шаванд.
- Санаи хомӯш кардани пахши аналогиро бояд бо назардошти мушкилоти ҷойдошта тарзе муқаррар намуд, ки ҳеҷ яке аз гурӯҳҳои аҳолӣ бе телевизиони рақамии рӯизаминӣ намонанд. Гарчанде муқаррар намудани санаи хомӯшкунӣ пахшкунандагонро барои андешидани чораҳои нисбатан фаъоли рақамикунонӣ водор менамояд, имконияти ба дигар вақт гузаронидани онро дар ҳолати пайдо шудани мушкилоти мазкур пешбинӣ кардан лозим аст. Аз ин сабаб назорат намудани рафти рақамикунонӣ тавсия дода мешавад.

# IV. Луғати истилоҳот[1]

1 Ҳангоми тартиб додани луғати истилоҳот истифода шуданд: Digital Television Glossary, аз тарафи European Audiovisual Observatory соли 2004 нашр шудааст, нигар ба http://www.obs.coe.int/oea_publ/iris_special/2004_01.html; Digital TV Transition: Glossary by the U.S.Federal Communication Comission, нигар ба http://www.dtv.gov/glossary.html, инчунин ба Консепсияи рушди телевизион ва радиошунавонӣ дар Федератсияи Русия барои солҳои 2008-2015: http://minkomsvyaz.ru/3495/3514/2405.shtml

**Пахши аналогӣ** – намоиши барномаҳои телевизион ва радиошунавонӣ дар эфир, ки тавассути усулҳои коркарди аналогии сигналҳо сурат мегирад (яъне бо ёрии сигналҳои аналогӣ, ки бузургӣ ва (ё) басомади онҳо аз рӯи вақт бетанаффус тағйир меёбад). То пайдоиши телевизиони рақамӣ тамоми системаҳо аналогӣ буданд.

**Пахши дастрасии озод** – пахше, ки барои доираи номуайяни шахсҳо бо таҷҳизоти зарурӣ ва бе гирифтани музд аз истифодабарандагон амалӣ мешавад.

**Ҳамкорӣ** – қобилияти асбобу механизмҳо, ки ҳамдигарро «мешиносанд» ва корашон бо ҳам мувофиқ меафтад, аз ҷумла чунин қобилияти таъминоти барномавӣ ва асбобҳои истеҳсолкунандагони гуногун.

**Ҳамдигарпурракунӣ (Мукаммалгардонӣ)** – вижагии технология ё системаҳои гуногун, ки барои якҷо амал кардан ва ба вуҷуд овардани чизи нав имконият медиҳад.

**Видео аз рӯи дархост** (англ. video-on-demand) — системаи ба таври фардӣ ба муштарӣ дастрас намудани барномаҳои телевизионӣ ё филмҳои видеоӣ аз рӯи шабакаи алоқа. Тамошобинон дастрасии фavриро ба барномаҳо ё филмҳо дар лаҳзаи дархост намудани онҳо аз рӯи видеокаталоги электронӣ намегиранд, вале телесеанси муайянро интизор мешаванд.

**Рамзкушо** (Декодер) – асбоб барои рамзкушоии сигнали рақамии рамзнок. Азбаски қисми зиёди барномаҳои рақамӣ (на танҳои ТВ-и музднок) рақамзгузорӣ карда шудаанд, пас ҷанбаи муҳим қобилияти таҷҳизоти қабулкунанда барои аз нав табдил додани сигналҳо мебошад. Ин кор тавассути истифодаи Рамзкушо амалӣ карда мешавад.

**Интерфейси барномасозии амалӣ** (англ. application programme interface, API) – ҷузъи асосии приставкаи рақамии телевизионӣ (ниг.). Дастрасиро ба барномаи амалиётии приставка, ки барномарезии амалӣ дар асоси он бунёд шудааст, таъмин мекунад. Азбаски И.б.а. барномаест, ки барои ҳар гуна истифодабарии минбаъда

омода мебошад, - И.б.а. ихтисосӣ метавонад барои табдил додани приставка ба воситаи маҳдуд намудани дастрасӣ истифода бурда шавад. Агар хусусияти техникии И.б.а. махфӣ нигоҳ дошта шавад, пас таҳиягарони таъминоти барномавӣ наметавонанд барномаи барои он мувофиқро пешниҳод намоянд ва асбобҳо ба ҳам ҷур нахоҳанд шуд.

**Каналҳои барои намоиш** (транслятсия) **ҳатмӣ** (англ. must-carry). Ширкатҳои кабелӣ метавонанд бори қонуниро нисбат ба интиқоли сигнали аналогӣ ё рақамии пахшкунандагони эфирӣ бар душ дошта бошанд.

**Мигратсия** – интерфейсҳои мавҷудаи барномасозии амалӣ (ниг.) ва приставкаҳои мувофиқи рақамии телевизионӣ (ниг.) бояд тарзе истеҳсол карда шаванд, ки бо асбобҳои минбаъд сохташаванда бо ҳам оянд, то ки приставкаҳои кӯҳнашуда барои истифодабарии минбаъда корношоям нашаванд.

**Мултиплекс** (MUX) – бастаи каналҳои телевизионӣ ва каналҳои радиоӣ, ки пахши онҳо бо истифодаи як канали басомади радиоӣ амалӣ мегардад.

**Оператори хизматрасониҳои алоқа** – шахси ҳуқуқие, ки ба аҳолӣ хизматрасониҳои алоқаро амалӣ мекунад (шабакаҳо, системаҳои телекоммуникатсионӣ, Интернет ва ғайра). О.х.а. одатан барои мазмуни гуфтаҳои воситаҳои коммуникатсионӣ ҷавобгар нест, вале барои расонидани сигнал ҷавобгар аст.

**Таҷҳизоти интиқолдиҳанда** – назар ба асбобҳои интиқолдиҳанда (ниг.) мафҳуми нисбатан тангтаре мебошад, ки таҷҳизоте ба мисли мавҷгирак, шабакаҳои кабелӣ ва ғайраро дар бар мегирад.

**Асбобҳои интиқолдиҳанда** – сохтор, таҷҳизот ва системаи интиқоли сигналҳои алоқаи барқӣ. Интиқол метавонад технологияҳои гуногунро дар бар гирад ва чунин А.и. тамоми намудҳои таҷҳизоту иншоотҳои заруриро (манораҳо, биноҳо ва ғайра) дар бар мегирад.

**Пиксел** (англ. pixel — ихтисор аз picture element, ҷузъи инъикос) — ҷузъи хурдтарини акси дученакаи рақамӣ дар ҷадвали тасвир (графикаи растрӣ), ки онро ташхис намудан ва дар масофа ирсол кардан мумкин аст. П. объекти тақсимнашавандаи одатан чоркунҷашакл мебошад, ки ранги муайян дорад. Ҳар қадар ки акс дар воҳиди майдони экрани монитор пиксели бисёртар дошта бошад, ҳамон қадар возеҳтар аст.

**Платформаи ТВ-и рақамӣ** – системаи технологӣ, ки восита ва хатҳои алоқаро (шабакаи алоқаи барқӣ) дар бар мегирад ва барои транслятсияи (ретранслятсия) барномаҳои истеҳсолкунандаи маҳсулоти аудиовизуалӣ ба истифодабарандагон пешбинӣ шудааст.

**Фарогирии пурра** – вазъияте, ки сигнал (эфирӣ ё дигар) қариб ба тамоми сокинони минтақаи муайян рафта мерасад.

**Таҷҳизоти қабулкунанда** – воситаи техникӣ барои қабули сигнали барномаҳои пахшшаванда.

**Мақомоти танзимкунанда** (танзимкунанда, танзимкунандаи миллӣ, мақомоти миллии идоракунӣ дар қисмати пахш). Пахши телевизионӣ ва радиоӣ одатан ҳуқуқи М.т.-ро дар иҷозатномадиҳӣ ба пахшкунандагон, назорати иҷрои ӯҳдадориҳои қонуниашон ва дар ҳолати вайрон намудани чунин ӯҳдадориҳо ба онҳо раво дидани ҷазоро дар назар дорад. Ба ин вазифаҳои анъанавии М.т. ташкилу ҳамоҳангсозии фаъолияти инкишофи системаи пахшро илова кардан мумкин аст.

**Спектр** – маҷмӯи басомадҳои радиоӣ, ки метавонанд барои интиқоли сигнали радиоӣ, иттилоот ва аксҳо истифода бурда шаванд.

**Стандарт**. Воридкунии С. маънои мувофиқа намудани маҷмӯи талаботҳо доир ба параметрҳои техникӣ ва характеристикаи технологияҳои навро дорад. Дар Аврупо аксари С.-ҳои ТВ-и рақамӣ аз тарафи Гурӯҳи пахши телевизионии рақамӣ (англ. Digital Video llioadcasting Group, DVB) таҳия шудаанд, ки аз тарафи доираи коргузорони консорсиум роҳбарӣ карда мешавад. Ба ин Гурӯҳ намояндагони зиёда

аз 35 мамлакат ва 300 пахшкунанда, истеҳсолкунандагони таҷҳизот, операторҳои алоқа, таҳиягарони таъминоти барномавӣ, намояндагони мақомоти танзимкунанда ва ғайра дохил мешаванд.

**Телевизиони баландсифат ё дақиқияташ баланд** (ТДБ ё HDTV) – барои додани тасвир бо таҷзияи зиёда аз 700 сатр ба таври амудӣ ва зиёда аз 1000 пиксел (ниг.) ба таври уфуқӣ имконият медиҳад. Акси васеъэкран (16x9) дорад. Дар Аврупо инкишофи ТДБ бо суръати начандон калон пеш меравад, зеро системаи мавҷудаи возеҳияти стандартӣ истифодабарандагонро қонеъ мекунад.

**Телевизиони фаромарзӣ (бурунмарзӣ)** – мафҳумест, ки асосан дар ҳуқуқи аврупоӣ (ИА ва Шӯрои Аврупо) барои ифодаи пахши барномаҳои телевизионие истифода мешавад, ки сарҳадҳои миллиро убур мекунанд.

**Хизматрасонии ҳаматарафа (хизмати ҳаматарафа)** – истилоҳи ҳуқуқӣ барои ифодаи ӯҳдадориҳои давлат нисбат ба ҳар як фард. Он аз таъмини имконияти дастрасӣ ба ин ё он хизматрасониҳо иборат аст, ки барои ҳар як шаҳрванд новобаста аз вазъи иқтисодӣ, ҷойи истиқоматаш ва дигар омилҳо ҳамчун амри табиӣ баррасӣ мешавад. Х.ҳ. одатан таъминоти барқ, таъминоти об, хизматрасониҳои нақлиёт, инчунин хизматрасониҳои алоқа, аз ҷумла алоқаи барқиро низ дар бар мегирад. Х.ҳ. одатан аз тарафи ширкатҳои хусусӣ мувофиқи шартҳои иҷозатномаашон пешниҳод карда мешавад, вале масъулияти муқаррар намудани чунин шартҳо ва иҷрои амалии онҳо ба души давлат меафтад.

**Приставкаи рақамии телевизионӣ** – воситаи техникӣ барои қабул ва табдил додани сигнали рақамии телевизионӣ ба аналогӣ мебошад. Зоҳиран тюнери ТВ-и моҳворавиро ба хотир меоварад, ки ба телевизор пайваст шудааст. Номи англисии худро set-top box (қуттича дар телевизор) аз сабаби ҷойгиршавии муқарраркаш дар болои телевизор гирифта, ҳамчунин приёмники ҳамбастаи декодер (IRD) номида мешавад. Вазифаи асосии П.р.т. қабул, коркард ва ба телевизор имконият додани азнавҳосилкунии сигнали аудиовизуалии (овозиву тасвирӣ) фиристодашаванда мебошад.

**Рақамикунонӣ** – қадами аввалин дар рафти пахши рақамии телевизион мебошад, ки аз ҷониби табдилдиҳандаи сигнали аналогӣ ба рақамӣ нахуст бо рамзноккунии сигнали аналогӣ сурат мегирад. Ба маънои васеъ Р. - раванди табдили системаи пахши аналогӣ ба системаи ракамии ТВ ва радиоро дорад.

**Роҳнамои телевизионии (телегиди) электронӣ** (EPG) – барномаи амалӣ мебошад, ки бо интерфейси барномасозии амалии (ниг.) приставкаи рақамии телевизионӣ (ниг.) асоснок шудааст. Барои он ки чунин барнома кор кунад, мувофиқати он бо интерфейси барномасозии амалӣ зарур аст. Р.т.э. иттилоотро дар вақти воқеӣ оид ба барномаҳои ҷорӣ ва минбаъдаи пахшкунандагони дастрас дар бар мегирад. Р.т.э.-ро истифода бурда, тамошобинон метавонанд иттилооти нисбатан муфассалро дар бораи барномаҳо талаб кунанд. Дар он метавонанд ҳамчунин пораҳои барномаҳои телевизионӣ ва аксҳо мавҷуд бошанд.

# V. Роҳнамо оид ба масъалаҳои гузариш ба пахши рақамии телевизион ва радиошунавонӣ

# Боби 1. Муқаддима

Роҳнамои мо раванди гузариш ба формати пахши рақамӣ, аз ҷумла пахши телевизиониро баррасӣ менамояд, инчунин ҷанбаҳои гуногунеро шарҳ медиҳад, ки ҳангоми банақшагирии рақамикунонӣ ба назар гирифтан лозим аст. Роҳнамо барои хонандагоне, ки ба гунае ба ин раванд ҷалб шудаанд: қонунгузорон, намояндагони мақомоти танзимкунанда, пахшкунандагон, мутахассисони ВАО, тамоми шаҳрвандон, ки аудиторияи ВАО-и электрониро ташкил медиҳанд, пешбинӣ карда шудааст.

Рақамикунонӣ раванди давомдоре мебошад, ки тадриҷан тамоми мамлакатҳоро дар бар мегирад. Вай натиҷаи қарорҳое мебошад, ки аз тарафи мақомоти ба масъалаҳои телекоммуникатсия масъул – Иттифоқи байналхалқии алоқаи барқӣ (ИБАБ) қабул карда мешаванд. Пахши рақамӣ бартариятҳои зиёде дорад, ба мисли имконияти паҳнкунии миқдори бештари каналҳо бо истифодаи худи ҳамон як спектри басомади радиоӣ ва таъмини пахши нисбатан босифат. Аз ин рӯ, рақамикунонӣ – омили мусбати инкишофи озодии ВАО мебошад. Вале раванди гузариш ба «рақам» ниёз ба тарҳрезии ҷиддӣ дорад, зеро дар роҳи он монеаҳои зиёде мавҷуданд, ки барои рафъашон омода бояд буд, то ки дар азнавсозии чунин муҳити муҳим дучори оқибатҳои ногувор нагардем.

Умедворем, ки роҳнамои мо ба хонанда шарҳ дода метавонад, ки чӣ тавр раванди рақамикунониро бояд ба нақша гирифт, чӣ гуна таъсири судманди онро ба озодии ВАО ва ба интихобу сифати барномаҳо таъмин намуд.

## 1.1. Барои чӣ ба пахши рақамӣ гузаштан лозим аст?

Рақамикунонӣ усули дигари паҳнкунии сигнал, усули дигари омода намудани мундариҷаи барнома барои интиқоли минбаъда ва усули дигари (ва таҷҳизот) қабул ва берамзгардонии сигнал дар муқоиса бо пахши аналогиро пешбинӣ менамояд. Пахши рақамӣ барои паҳн намудани каналҳои зиёдтаре нисбат ба пахши аналогӣ имконият медиҳад, вай спектри басомадҳои радиоиро озод менамояд, ки барои хизматрасониҳои гуногунранг, масалан барномаҳои телевизионии возеҳияти стандартӣ ё баланд, Интернети бесим ва ТВ-и маҳаллӣ истифода бурдан мумкин аст.

Дар ниҳояти кор телевизиони рақамии руйзаминӣ барои ба ВАО-и озод ва гуногунандеш қобилияти пешниҳод намудани имкониятҳои нав дорад. Агар сухан дар бораи озодии ВАО равад, пас технологияи нав метавонад ба шаҳрванд имконияти ҷустуҷӯ ва гирифтани иттилооту идеяҳои бештар диҳад. Пахши рақамӣ ба пахшкунандагон каналҳои зиёдтарро барои интишори иттилоот дар ҷомеъа медиҳад.

Аммо барои он ки суханони боло амалӣ щаванд, бояд раванди гузариш ба пахши рақамӣ ба чунин принсипҳои ҳуқуқӣ ва сиёсие асос ёбад, ки озодии изҳори ақида, озодии ВАО ва дастрасӣ ба иттилоотро муҳофизат ва мустаҳкам менамоянд. Агар мақомоти миллии ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ принсипу қоидаҳои муайянро ба назар нагиранд, хатари ҷидди оқибатҳои манфии гузариш ба пахши рақамӣ ба вуҷуд омада метавонанд. Ба ин оқибатҳо инҳисори минбаъдаи бозори ВАО аз тарафи давлат ё тиҷорат, ба вуҷуд овардани монеаҳои нав дар роҳи гуногунрангии фарҳангию забонӣ, инчунин манъи маҷрои озоди иттилоот, newбаста аз марзҳои давлатӣ, дохил шуда метавонанд.

Раванди гузариш ба пахши рақамӣ хусусияти глобалӣ дорад. Иттифоқи байналхалқии алоқаи барқӣ (ИБАБ) муқаррар намуд, ки хомӯш кардани пахши анологии телевизион на дертар аз соли 2015 дар минтақаҳое ба вуҷуд меояд, ки Аврупо ва қисме аз Осиёи Марказиро дар бар мегиранд. Ба ҳамин тариқ зарурати рақамикунонӣ аз уҳдадориҳои байналхалқӣ бармеояд (зеро амалан тамоми давлатҳои ҷаҳон ба ҳайати ИБАБ дохил мешаванд), вале чӣ гуна ҷорӣ намудани ин раванд тибқи параметрҳои муқаррраршуда аз мамлакати мушаххас вобастагӣ дорад.

## 1.2 Контексти байналхалқии ҳуқуқӣ

Роҳнамои мо аз эътирофи умумии озодии ВАО, ки аз ҳуҷҷатҳои сершумори Созмони Амнияту Ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) бармеоянд, манша мегирад. Чи хеле ки нағз маълум аст, САҲА чунин мешуморад, ки ВАО-и мустақил «шарти муҳимтарин барои ҷомеаҳои озоду кушода ва системаҳои давлатии барои фаъолияти худ ҷавобгар мебошанд ва дар кори муҳофизати ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон нақши махсус мебозанд». Дар як қатор ҳолатҳо давлатҳои иштирокчии САҲА тасдиқ намудаанд, ки «озодии изҳори ақида ҳуқуқи асосии инсон ва яке аз ҷузъҳои асосии ҷамъияти демократӣ мебошад. Дар ин замина мустақилият ва гуногунандешии воситаҳои ахбори омма барои ҷамъияти озоду кушода ва кафолати посухгуии мақомоти идоракунии давлатӣ хеле муҳим мебошад». Ба сифати принсипи асосии САҲА -давлатҳои иштирокчӣ зарурати муҳофизати ин ҳуқуқро қабул намуданд.

Кафолати ҳуқуқ ба изҳори озодонаи ақида дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, резолютсияҳои Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид, инчунин дар Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (ПБҲШС) - шартномаи ҳатмӣ аз ҷумла барои тамоми давлатҳои иштирокчии САҲА, муқаррар шудаанд. Озодии изҳори ақида инчунин дар матни Конвенсияи Аврупо оид ба муҳофизати ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон (КАМҲОАИ) кафолат дода мешавад, ки онро аксарияти мамлакатҳои иштирокчии САҲА қабул намудаанд. Ташкилотҳои байналхалқӣ ва судҳо равшан дар бораи он сухан меронанд, ки озодии изҳори ақида ва озодии иттилоот ба зумраи ҳуқуқҳои аз ҳама муҳими инсон дохил мешаванд. Шубҳае нест, ки озодии изҳори ақида бо озодии ВАО ба ҳамдигар алоқаманд мебошанд. Суди Аврупо оид ба ҳуқуқҳои инсон муқаррар намудааст:

*«Озодии матбуот ба ҷамъият воситаи беҳамтоеро медиҳад, ки тавассути он шаҳрвандон бо пешвоёни сиёсии худ шинос мешаванд ва оид ба идеяву мавқеи онҳо тасаввурот ҳосил менамоянд. Аз ҷумла вай ба сиёсатмадорон барои андеша ва изҳори нуқтаи назарашон дар масъалаҳое, ки афкори ҷомеаро ба ташвиш меоваранд, имконият медиҳад; ба ҳамин тариқ ҳама имконияти озодона иштирок намудан дар мубоҳисаҳои сиёсиро пайдо мекунанд, ки дар худи маркази консепсияи*

*ҷамъияти демократӣ қарор дорад».*[2] Ҳарчанд дар ҷамъияти демократӣ танзим ва ворид намудани маҳдудиятҳо дар масъалаҳои озодии ВАО имкон дорад, вале чунин маҳдудиятҳо мувофиқи ӯҳдадории давлатҳои иштирокчии САҲА бояд ҳамеша аз тарафи қонун пешбинӣ карда шаванд ва ба стандартҳои байналхалқӣ мувофиқ бошанд[3]

Озодии ВАО кафолати яке аз таъсирбахштарин бахшҳои он - телевизион: ҷамъиятӣ, давлатӣ, хусусӣ ва ҷамоавиро дар бар мегирад. Стандартҳои дар ин замина мавҷуда дар як қатор санадҳои байналхалқӣ ифода ёфтаанд. Дар онҳо маҳдудиятҳои имконпазири озодии пахш, инчунин стандартҳои муайяни иҷозатномадиҳӣ ва дигар шаклҳои танзими пахш муқаррар карда мешаванд.

Дафтари Намояндаи САҲА оид ба масъалаҳои озодии ВАО дар байни ташкилотҳои байналхалқӣ аввалин ниҳоде нест, ки ба масъалаҳои рақамикунонӣ муроҷиат менамояд. Иттиҳоди Аврупо (ИА), Шӯрои Аврупо, Иттифоқи телевизион ва радиошунавонии Аврупо ва дигарон бошанд бо тавсияву пешниҳодҳои худ нисбат ба ин раванди начандон одӣ муроҷиат намудаанд.[4] Раҳнамои мо аз стандартҳои байналхалқии СММ ва ташкилотҳои дар боло номбурдаи байналхалқӣ бармеояд, зеро онҳо ба давлатҳои иштирокчии САҲА муносибат доранд. Шӯрои Аврупо, ки ба он миқдори зиёди мамлакатҳо шомиланд (47-то соли 2010) масалан, як қатор тавсияҳоро оид ба масъалаҳои ВАО, аз ҷумла мушкилоти рақамикунонӣ, нашр намуд. Иттиҳоди Аврупо дар доираи салоҳияти худ ҳуҷҷатҳоеро нашр менамояд, ки барои мамлакатҳои ба он шомил ҳатмӣ мебошанд. Гарчанде ба он 27 давлат дохил мешаванд, ин ҳуҷҷатҳо аҳамияти муҳим доранд: онҳо аксаран аз тарафи дигар

---

2 Банди 26 ҳуҷҷати ҷаласаи Москвагии конфронси МАҲА оид ба ченакҳои инсонӣ (октябри с.1991). Ниг. ҳамчунин б. II. 26 маърӯзаи семинари коршиносони МАҲА оид ба институтҳои демократӣ дар Осло ба Шӯрои МАҲА (ноябри с.1991.)/Озодии баён, маҷрои озоди иттилоот, озодии ВАО. Муқаррароти асосии МАҲА/САҲА солҳои 1975-2007 – Вена, 2007. Ниг: http://www.osce.org/publications/rfm/2008/03/30426_1084_ru.pdfl

3 Банди 36 ҳуҷҷати «Дар роҳи ҳамкории ҳақиқӣ дар марҳилаи нав», (1994. Будапешт) Ниг. ҳамчунин б. 27 Декларатсияи вохӯрии Истамбулии САҲА дар сатҳи олӣ соли 1999/ Озодии баён, маҷрои озоди иттилоот, озодии ВАО. Муқаррароти асосии МАҲА/САҲА, 1975 -2007) – Вена 2007. Ниг. http://www.osce.org/publications/irm/2008/03/30426_1084_ru.pdfl

4 Castells v. Spain, 24 April 1992, Application No. 11798/85, para. 43.

мамлакатҳо ба сифати ҳуҷҷатҳои намунавӣ истифода бурда мешаванд, ба онҳо ҳангоми бастани шартномаҳои ИА бо мамлакатҳои беруна истинод менамоянд.

## 1.3 Вазъияти имрӯзаи Аврупо

Пахши рақамии таҷрибавии рӯизаминӣ дар Аврупо кайҳо боз оғоз шуда буд. Барномаҳои аввалини рақамӣ дар қитъа соли 1998 дар Британияи Кабир ва соли 2000 дар Испания ба эфир баромаданд. Дар ҳарду мамлакат барои омезиши каналҳои ройгон ва музднок кӯшиш ба харҷ доданд. Ширкатҳои пахшкунанда ба умеди ҷалб намудани он миқдори тамошобиноне, ки хароҷоти гузариш ба шакли рақамиро пӯшонад, хариди приёмникҳои рақамиро маблағгузорӣ намуданд. Дар ҳарду ҳолат аз сабаби шавқи ками муштариён, рақобат аз тарафи телевизионҳои мавҷудаи пулакии моҳворавӣ ё дигар хизматрасониҳо, чизи муайяне ба даст наомад.

Шеваи кори имрӯзаи Аврупо аз он таҷрибаҳо бо он фарқ мекунад, ки онро мақомоти давлатӣ роҳбарӣ менамоянд ва ин мақомот нақшаҳои рақамикунониро қабул намуда, реҷаи гузариш ба пахши рақамиро муқаррар мекунанд ва ба ин васила пахшкунандагони хусусӣ ва ҷамъиятӣ, инчунин худи муштариёнро барои омода шудан ба тағйирот тайёр мекунанд. Раванди гузариш аз пахши аналогӣ ба рақамӣ мутобиқкунӣ ё навсозии телеприёмникҳо ва таҷҳизоти сабткунандаро ба он мақсад пешбинӣ менамояд, ки онҳо сигнали рақамиро қабул намоянд. Шаҳри аввалине, ки пурра ба пахши рақамӣ гузашт, соли 2002 Берлин буд. Мамлакати аввалини ТВ-и рақамӣ соли 2006 Финландия гардид (гарчанде раванд қатъиян соли 2007 ба анҷом расид). Мамлакатҳои иштирокчии ИА барои то соли 2012 ба анҷом расондани гузариш ӯҳдадор гардидаанд, гарчанде баъзе аз онҳо (масалан, Юнон) шояд, дар бораи якчанд сол мавқуф гузоштан дархост кунанд.

То соли 2010 ин раванд аллакай дар Дания, Олмон, Ҳолланд, Люксембург, Финландия ва Шветсия ба анҷом расид. Соли 2010 гузариш ба пахши рақамӣ дар Австрия, Испания, Латвия, Малта, Словения ва Эстония ба анҷом мерасад.

Пахши аналогии мавҷударо хомӯш карда истода, мақомоти миллии давлат ва мақомоти идоракунии пахш ба инкишофи пахши рақамӣ такон медиҳанд ва ба аҳолӣ интихоби доираи нисбатан васеи хизматрасониҳоро пешниҳод менамоянд.

Гарчанде оид ба ҳуқуқи давлатҳои иштирокчии САҲА дар мустақилона танзим намудани масъалаҳои гузариш ба пахши рақамӣ шубҳае нест, вале танзимкунандагони миллии ин давлатҳо бояд созишномаҳои байналхалқӣ оид ба инкишоф, эҳтиром ва муҳофизати озодии изҳори ақида ва озодии ВАО-ро ба назар гиранд.

## 1.4. Мундариҷа ва мақсади роҳнамо

Роҳнамои мо масъалаҳои ҳуқуқии барои рақамикунонӣ ва идоракунӣ зарур ва дилхоҳро (масалан, тағйир додани қонунҳои мавҷуда, қонунҳои нав ё дигар механизмҳои ҳуқуқӣ), инчунин моҳияти навгониҳои ҳуқуқиро инъикос менамояд. Роҳнамо ба тафсилоти техникии рақамикунонӣ диққат намедиҳад, вай инчунин ҷанбаҳои ҳуқуқи муаллифиро баррасӣ намекунад. Дар роҳнамо мисолҳои амалии гузариш ба пахши рақамӣ оварда мешавад, тавсияҳои мувофиқ дода мешаванд, мисолҳои хусусияти мусбат ва манфӣ дошта таҳлил карда мешаванд. Дар роҳнамо ба телевизион диққати асосӣ дода мешавад, гарчанде бисёре аз масъалаҳои умумӣ ҳам ба телевизион ва ҳам ба радио дахл доранд. Стандарти пахши рақамии рӯизаминӣ (DAB) солҳои 80-ум дар Аврупо таҳия гардида ва барои он пешбинӣ шуда буд, ки пахши аналогии миллӣ ва маҳаллии модулятсияи гуногун иваз карда шавад. Каналҳои радиои рақамӣ ҳанӯз дар миёнаҳои соли 1990 пайдо шуда буданд. Инкишофи чунин пахши радиоӣ мушкилоти худро дорад: приёмникҳои аналогӣ – тамоман қимат нестанд ва аҳолӣ миқдори зиёди онҳоро дар ихтиёр доранд ва ба пахши радиоии рақамӣ чандон мароқ зоҳир намекунанд. Радиои аналогӣ аллакай интихоби васеи барномаҳоро пешниҳод менамояд. Озод намудани спектри басомадҳои радиоӣ аз ҳисоби татбиқи радиои рақамӣ назар ба ТВ-и рақамӣ аҳамияти камтар ва мушкилоти зиёд дорад.

# Боби 2. Масъалаҳои зерсохтор: чӣ гуна аз инҳисиорталабӣ дурӣ ҷустан лозим аст?

Аз сабаби он ки дар натиҷаи пайдоиши пахши рақамии эфирӣ муносибатҳои ғайримуқаррарӣ байни пахшкунандагон ва ташкилотҳои алоқа пайдо мешавад, вазъиятеро пешгирӣ кардан лозим аст, ки соҳибони таҷҳизоти пурқимат ва мураккаб барои пахш монеа эҷод нанамоянд ва ин бозорро инҳисор нанамоянд. Ҳам дар ҳуқуқ ва ҳам дар истифодаи амалии он ба таъмини гуногунандешӣ ва гуногунрангии барномаҳо диқати асосӣ додан лозим аст.

Дар ин фасл мо талошҳоеро баррасӣ менамоем, ки қонунгузор ва танзимкунанда бояд бар он сайъ кунанд, то ки рақобати пахшкунандагон, инчунин гуногунандешӣ ва гуногунрангии барномаҳоро таъмин намоянд.

## 2.1. Қонунгузорӣ дар бораи рақобат ва рақамикунонӣ

Дар иқтисоди бозории дорои рақобати озод ҳуқуқ барои ҳимояи рақобат аз дахолат ба он дар натиҷаи забон як кардани ширкатҳо ё фаъолияти ширкатҳои мустақили қодир ба дигаргун намудани бозор, зарур аст. Чунин ҳуқуқ - қонун дар бораи рақобат номида мешавад ва истифодаи он одатан аз тарафи мақомоти мустақили зиддиинҳисорӣ таъмин карда мешавад. Чӣ гуна истифода шудани қонунгузорӣ дар бораи рақобат, дар он чӣ гуна роҳ дода шудани рақобатҳо аз доираи иқтисодиёт ва аз сохтори бозор – ҳам бозори истеҳсолӣ ва ҳам бозори истеъмолӣ вобастагӣ дорад.

Илова ба чунин фарқиятҳо қоидаҳои махсус барои бахшҳое муқаррар карда мешаванд, ки аз сабабҳои воқеӣ муносибати махсусро нисбати худ талаб мекунанд. Сабабҳои муносибати махсус одатан дар ду вазъият ба вуҷуд меоянд: инҳисори табиӣ бо истифода аз зерсохтори (шабакаи) нодири асоснокшуда ё молу хизматрасониҳои табиаташон махсуси қаблан аз тарафи давлат пешниҳодшуда, сухан, масалан, дар бораи энергетика, обтаъминкунӣ ва хизматрасониҳои алоқа меравад. Нақши асосии мақомоти зиддиинҳисорӣ дар доираҳои мазкури иқтисодиёт аз он иборат аст, ки имконияти рақобат таъмин карда шавад ва тақдими хидматрасониҳои барои одамон муҳимро бо қоидаҳои махсус пешниҳод намояд. Дар истилоҳоти қонунгузории

ғарб оид ба рақобат таҳти мафҳуми «зерсохтори асосӣ» шабака ё қисмати дигари зерсохтор фаҳмида мешавад, вале ин мафҳум ҳамчунин метавонад маънои зарурати гирифтани иҷозати махсусро барои машғул шудан ба фаъолияти махсус, масалан, дарёфти иҷозатномаро дошта бошад.

Нақши мақомоти ҳокимият аз он иборат аст, ки ҳаддалимкон, рақобат дастгирӣ карда шавад. Дар аксари мамлакатҳои дорои иқтисодиёти бозорӣ ва зерсохтори хусусишуда вазифаи таъмин намудани рақобат ҳам дар назди мақомоти зиддииинҳисорӣ ва ҳам дар назди танзимкунанда дар ин ё он бахши зерсохтор меистад. Яке аз вазифаҳои асосии он таъмин намудани қоидаҳои одилона ва баробари истифодаи зерсохтор мебошад. Масалан, ширкатҳои алоқаи симии телефон бояд ба шабакаҳои алоқа бо шартҳое дастрасӣ дошта бошанд, ки барои нигоҳ доштани рақобати байни онҳо имконият диҳанд. Дар ҳолате ки агар чунин шабака ба рақибони онҳо тааллуқ дошта бошад, ин омил набояд монеаи озодии рақобат аз тарафи соҳиби шабака гардад. Ана барои чӣ ба соҳибони шабака пешниҳод намудани хизматрасониҳо бо истифодаи шабакаҳои худашон иҷозат дода намешавад. Дар бисёре аз мамлакатҳо ин қоида аллакай боиси ба қисмҳо ҷудо гардидани собиқ монополияҳои давлатӣ гардидааст. Дар заминаи пахши рақамӣ ин принсип чунин маънӣ дорад, ки соҳибони воситаи интиқоли сигнали телевизионӣ наметавонанд барои пахшкунандагон ба сифати таъминкунандагони барномаҳо бошанд.

Раванди рақамикунонӣ дар оғози инкишофи худ боиси тамаркузёбӣ шуда метавонад, ки бояд аз тарафи қонунгузорӣ дар бораи рақобат маҳдуд гардонда шавад. Чунин вазъият аз он сабаб ба вуҷуд меояд, ки фақат шумораи ками ширкатҳо барои пурзӯр намудани ин раванд қобилият доранд, ки хароҷоти зиёд ва салоҳиятро талаб мекунанд. Технологияи нав барои пахшкунандагон мушкилотро дар интиқоли сигналҳо эҷод мекунанд. Қонунгузорӣ дар бораи рақобат махсусан дар соҳаи пахш барои нигоҳдории гуногунрангӣ, пайгирӣ намудани ҳадафҳои маданию иқтисодӣ пешбинӣ шудааст. Намунаи мамлакате, ки ҳимояи маданияти миллӣ дар доираи мазкур аҳамияти махсус дорад, Фаронса мебошад.

Маҳз гуногунандешии ақидаҳо кафолати гуногунандешӣ ва гуногунрангии барномаву назарҳои пешниҳодшаванадаро медиҳад. Гарчанде ба тамаркузи аз ҳад зиёд муқобилият намудан лозим меояд, гоҳо дараҷаи муайяни он барои таъмини қобилияти «зинда мондан» -и ширкатҳои телевизиону радио муҳим аст. Вале он ҳам бояд бо кафолати гуногунандешии ақидаҳо ҳамбастагӣ дошта бошад. Қонунгузорӣ дар бораи рақобат, одатан, аз он замина мегирад, ки озодии фаъолияти соҳибкорӣ фақат дар ҳолати зарурати чунин рафтор ба хотири манфиати ҷамъият, масалан, муҳофизати гуногунандешӣ, бояд маҳдуд карда шавад.

Дар бисёре аз мамлакатҳо ба масъалаҳои тамаркуз дар соҳаи пахш сохторҳо ва мақомоти назоратие, ки ба ҳамдигар алоқаманд нестанд, масалан, мақомоти масъалаҳои зиддиинҳисорӣ ва мақомоти масъалаҳои пахш машғул мешаванд.

Миқдори чунин мақомот аҳамияти ҳалкунанда надорад. Масалан, дар Олмон мақомот яктост, вале дорои гуногунандешии дохилӣ мебошад: бахшҳои гуногуни идораи ягона ба масъалаҳои гуногун машғуланд ва новобаста аз якдигар фаъолият мекунанд.

Дар марҳилаи рақамӣ, эҳтимол, зарурати маҳдудиятҳои сахти миқдории мавҷудаи тамаркузи ВАО дар қонунгузории расонаҳо, бо монеаҳои физикии онҳо, аз нав дида шавад ва қоидаҳои сабуктаре, ки метавонанд дар қонун дар бораи рақобат истино ҳам дошта бошанд, муқаррар намоянд.[5]

5 Arino M. Digital war and peace: Regulation and Competition in European Digital Broadcasting / European Public Law 2004 Vol. 10 Issue 1, pp.135-160

Дар **Фаронса** ба ин масъалаҳо ҳам танзимкунандаи миллӣ – Шӯрои олии аудиовизуалӣ (CSA), ҳам мақомоти зиддиинҳисорӣ машғуланд. Мақомоти зиддинҳисорӣ ҳангоми баррасии масъалаҳои ширкатҳои телевизион ва радио ақидаи CSA-ро мепурсад, шӯро бошад вазифадор аст, ки хулосаи худро дар муддати як моҳ пешниҳод намояд. Ҳатто дар мавриде, ки кор расман ба CSA тааллуқ надорад, вай барои огоҳ намудани мақомоти зиддиинҳисорӣ оид ба камбудиҳои мушоҳидашуда вазифадор аст. Ҳардуи ин мақомот бо ақидаҳои ҳамдигар алоқаманд нестанд, зеро дар доираҳои гуногун салоҳият доранд. Ин дар амал чӣ гуна татбиқ мешавад, гуфтан душвор аст, зеро мақомоти зиддиинҳисорӣ ҳуқуқи назорат намудани бахши аудиовизуалиро фақат моҳи августи соли 2008 соҳиб гардидааст. Дар омади гап ин тағйирот аз сабаби рақамикунонӣ ба вуҷуд омад, зеро нақши конвергенсияи технология ва рақобат берун аз доираи бозори анъанавии барномаҳо пурзӯр мегардад

## 2.2. Дастрасӣ ба шабакаҳои интиқолдиҳанда

Ба ҳамин тариқ, инҳисорталабӣ на фақат дар бозори барномаҳо, балки дар бозори пахши хизматрасониҳои телекоммуникатсионӣ мушкилиҳо эҷод карда метавонад. Аз нуқтаи назари муҳофизати рақобат бояд дар соҳаи хизматрасониҳои таъмини сигнал танҳо ба як ширкат иктифо накунем. Инро махсусан дар мамлакатҳои начандон калон амалӣ кардан мушкил аст, зеро ин бо сабабҳое, мисли зарурати насб кардани асбобҳои зиёд барои зерсохтор тамоман қулай нест. Дар ҳолати мавҷуд будани фақат як шабакаи алоқа барои пахш қоидаҳои дастрасӣ ба он бояд аз тарафи соҳибон риоя намудани бетарафиро ҳангоми пешниҳод намудани хизматрасонии пахшкунандагон таъмин намояд. Ҳамзамон дар ҳама ҷойҳое, ки рақобат имконпазир аст, барои он бояд шароит фароҳам оварда шавад.

Ҷузъи асосии стратегияи рақамикунонӣ бояд инкишофи ҳамкории операторони алоқа ва таъмини ивазшавандагии мутақобилаи таҷҳизот бошад. Бояд талаботи ҳуқуқӣ оид ба дастрасии мутақобил ба зерсохтори рақибон вуҷуд дошта бошад.

«Дастурамал дар бораи дастрасӣ»-и аз тарафи ИА қабул шуда нишон медиҳад, ки бозори барои рақобат кушода ва озод мавҷуд будани маҳдудиятро барои ширкатҳое, ки дар бораи дастрасӣ ва муттаҳидшавӣ, аз ҷумла ба шабакаҳои хориҷимарзии электронӣ созиш кардан мехоҳанд, пешбинӣ наменамояд. Тамоми дархостҳои софдилона дар бораи чунин муттаҳидшавӣ бояд дар асоси тиҷоратӣ баррасӣ карда шаванд. Тарафҳо шартҳои чунин дастрасиро муайян месозанд, вале агар имконият дар шеваи гуфтушунид хеле фарқ кунанд, ва яке тарафҳо аз имконияти истифода бурдани зерсохтори контрагенти худ вобастагӣ дошта бошад, бояд механизми ҳуқуқӣ ва мақомоти мустақил барои таъмин намудани кори лозимии бозор мавҷуд бошад. Дар ин ҷо қоидаҳои Иттиҳоди Аврупо барои танзим ҳатто дар хориҷи он намуна мебошанд.

Таъмини дастрасӣ онро мефаҳмонад, ки ширкатҳое,ки дастрасии таъминкунандагони барномаҳои телевизион ва радио ва дигар хизматрасониҳои коммуникатсионро ба исеъмолкунандагон назорат мекунанд (яъне дастрасии онҳо ба тақсими шабака ба хонаҳо ва ҳуҷраҳо, дастрасӣ ба таҷҳизоти қабулкунанда ва ғайра), тибқи талаботи мақомоти танзимкунанда бояд дастрасии алоқаи байниҳамдигарро ба шабакаву таҷҳизотҳои худ таъмин намоянд. «Дастурамал дар бораи дастрасӣ»-и ИА аз ин сабаб махсус пахши рақамии телевизион ва радиошунавониро ёдовар мешавад[6] Муқаррароти он барои ширкатҳо – таъминкунандагони хидматрасониҳое пешбинӣ шудаанд, ки воситаҳои алоқа ё зерсохтори дигари барои расонидани чунин хизматрасониҳои хосро назорат мекунанд. Дар доираи пахши рақамӣ онҳо операторони платформаҳо мебошанд, ки каналҳои интиқоли сигналро назорат мекунанд.

6 Дастурамали 2002/19/ИА оиди дастрасӣ ва ҳамрохшавӣ ба шабакаҳои электронии алоқа ва бо асбобҳои ба он алоқаманд (Дастурамал оиди дастрасӣ) бо иловаҳои бо ислоҳҳои Дастурамали 2009/140 ША

**Аз сабаби мураккабӣ ва қимат будани интиқоли барномаҳои пахши рақамӣ дар бозор пайдо шудани ширкатҳои бартаридошта имконпазир аст. Аз ин сабаб барои Танзимкунанда вазифаи муҳим - назорати риояи қоидаҳои дастрасӣ - пайдо мешавад. Қоидаҳои дастрасии танзими алоқа бояд дар шароити муҳити рақамӣ ҳифз ва такмил ёбанд, то барои расидан ба истифодабаранда роҳҳои навро кушоянд.[7]**

Дар соҳаи телекоммуникатсия собиқаҳо ва таҷриба оид ба чӣ тавр таъмин намудани дастрасӣ ба шабакаҳо вуҷуд дорад. Қоидаи асосӣ баён менамояд, ки барои бастани шартномаҳо байни ширкатҳои манфиатдор кӯшиш намудан зарур аст. Агар созишнома ба чизе оварда нарасонад, дар чунин ҳол Танзимкунанда ҳуқуқи дахолат намудан ба ин соҳа пайдо мекунад. Вазъи пахши рақамӣ бо вазъи соҳаи телекоммуникатсия бо он шабоҳат дорад, ки зерсохтори барои интиқоли сигнал зарур қимати гароне дорад, ки аз ҷиҳати иқтисодӣ, мантиқӣ ва аз нуқтаи назари нигоҳдории муҳити зист сохтани шабакаҳои алоҳида барои ҳар як таъминкунандаи хизматрасониҳо ғайриоқилона менамояд. **Танзимкунанда (дар соҳаи танзими зиддиинҳисорӣ ё соҳавӣ) бояд дастрасии одилонаро ба зерсохтори пахши рақамӣ таъмин намояд.** Барои Танзимкунанда бевосита муқаррар намудани таруфаҳо ва шартҳои истифодаи шабака ҳамчун усули фароҳам овардани вазъи дилхоҳ дар бозор ҷолиби диққат мебошанд, вале чунин муносибат дахолати аз ҳад зиёд ба озодии бозор аст, ки боиси талафёбии арзишҳои эътирофшудаи он: рақобати нархҳо ва мубориза барои сифат мегардад. Таруфаҳо ва шартҳоро бояд худи бозор муқаррар намояд, Танзимкунанда бошад метавонад фақат дар ҳолати нобарор будани иқтидори ҷонибҳои бозор ба ин раванд дахолат намояд.

Дар марҳилаи ибтидоии рақамикунонӣ, то даме ки механизмҳои бозорӣ ба кор надаромадаанд, ба зиммаи Танзимкунандагон ҷавобгарии зиёд вогузор мегардад. Ҳамкории зичи бозингарони гуногуни ин соҳа зарур аст. Барои боз доштани хусусигардонии шабакаҳои алоқа сабабе вуҷуд надорад, вале ширкатҳои хусусии

7 Моддаи 5 1(b) ва моддаи 6, инчунин замимаи 1, қисми II. Дастурамалҳо дар бораи дастрасӣ 2002/19/ИА

пайдошаванда бояд дарк намоянд, ки таруфаҳо ва шартҳои пешниҳод намудаи онҳо бояд ба меъёрҳои ақлоният мувофиқ бошанд. **Агар пахшкунандагон бо шартҳои оқилона ва зерсохтор дастрасӣ надошта бошанд, пас рақамигардонӣ хатари маҳдудшавӣ дорад, на инкишофи гуногунандешӣ ва гуногунрангӣ.** Ин яке аз сабабҳое мебошад, ки мувофиқи нуқтаи назари танзими ҳуқуқӣ, пахши рақамӣ бо телекоммуникатсияҳо шабоҳат дорад. Баръакси пахши аналогӣ, ки дар он таҷҳизот нисбатан арзон ва одӣ мебошад, дар муҳити рақамӣ пахшкунандагон ва провайдерҳои хизматрасонӣ бо як гуруҳи маҳдуди ширкатҳои интиқоли сигнал сару кор доранд.

**Дастурамали ИА метавонад ҳамчун дастури муфид нисбат ба параметрҳои ҳуқуқӣ баррасӣ гардад,** зеро вай ба ҳал намудани мушкилоти эҳтимолӣ аз мавқеи имрӯза наздик мешавад. Чунин қонунгузории мушобеҳ дар бисёре аз мамлакатҳои иштирокчии САҲА, ки ба Иттиҳоди Аврупо дохил намешаванд, мавҷуд аст. Дар он мамлакатҳое, ки марҳилаи рақамикунониро аз сар гузаронидаанд, ҳуқуқи миллӣ ин масъаларо бо усулҳои гуногун ҳал намуд, вале дар ҳамаи давлатҳои ба Иттиҳоди Аврупо шомил, вай бо Дастурамал мувофиқ карда шуда буд.

## 2.3 Тавсияҳои Иттиҳоди Аврупо нисбат ба гуногунандешии ВАО

Агар дар банақшагирии рақамикунонӣ мақомоти ҳокимият ва Танзимкунандагон ба масъалаҳои тамаркуз диққати лозимӣ надиҳанд, пас хатар вуҷуд дорад, ки рақамикунонӣ боиси муттаҳидшавии ширкатҳо, барҳам хурдани ширкатҳои хурд ва умуман – боиси камшавии имкониятҳои интихоби аудитория мегардад.

Иттиҳоди Аврупо тавсияҳои махсусро нисбати ВАО ва рақамикунонӣ нашр намудааст. Вай ба давлатҳои иштирокчӣ доштани чунин қонунгузориеро тавсия медиҳад, ки тамаркузи ВАО-ро маҳдуд менамояд ва инчунин барои инкишофи гуногунандешии ахбори умум механизмҳои дигари иловагии ҳуқуқиро ворид менамояд. Вай ҳамчунин

тақвияти пахши телевизион ва радиошунавонии ҷамъиятиро ҳамчун истодагарии ҳалкунанда дар муқобили тамаркузи бахши ВАО-и хусусӣ тавсия менамояд.[8] Чораҳои барои ин амр зарур дар як қатор ҳуҷҷатҳо номбар карда шудаанд.

Нисбатан муфассалтар онҳо дар Эъломия оид ба муҳофизати нақши ВАО дар ҷомеаи демократӣ вобаста ба тамаркузи ВАО ва дар Тавсияҳо оид ба гуногунандешии ВАО ва гуногунрангии мундариҷаи онҳо, ки аз тарафи Кумитаи вазирони Иттиҳоди Аврупо 31 январи соли 2007 қабул карда шудааст, таҳия шудаанд.

Дар Эъломия қайд карда мешавад, ки дар натиҷаи ҷаҳонишавӣ ва тамаркуз дар соҳаи ВАО тағйирот ба амал меоянд. Онҳо хусусияти мусбат доранд, зеро боиси кори самараноки бозор, мундариҷаи ба истифодабарандагон нигарондашуда ва боиси фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ мегарданд. Вале ин тағйирот ҷанбаҳои манфӣ ҳам дорад, зеро аз як тараф гуногунрангии ВАО-ро дар бозорҳои хурд,аз тарафи дигар, гуногунрангии каналу «минбар»-ҳоро барои гузаронидани мубоҳисаҳои ҷамъиятӣ маҳдуд менамояд. Тамаркузи ВАО метавонад боиси вазъияте гардад, ки як қисмати соҳибони ВАО назорати «рӯзномаи маҷлис»-и чунин мубоҳисаҳоро ба даст меоваранд. Аз ин сабаб Эъломия ҷудо намудани назорати ВАО-ро аз ҳокимияти сиёсӣ дар давлат мувофиқи максад медонад. Вай ҳамчунин аҳамияти механизмҳои ҳуқуқии таъмини шаффофияти масъалаҳои моликияти ВАО-ро нишон медиҳад ва тасдиқ мекунад, ки пахши барномахои телевизиони ҷамъиятии дуруст муҷҷаҳазшуда ва ба қадри кофӣ маблағгузоришуда метавонад ба оқибатҳои манфии тамаркузи аз ҳад зиёди ВАО истодагарӣ кунад. Роҳи дигари инкишофи гуногунрангии ақидаҳо метавонад қадр намудани рушди ВАО-и ғайритиҷоратӣ гардад.
Тавсияҳо тезисро дар бораи он тасдиқ мекунанд, ки ВАО барои фаъолияти ҷамъияти демократӣ заруранд, зеро онҳо мубоҳисаи ҷамъиятӣ, гуногунандешии сиёсӣ ва дарки зарурати гуногунрангии ақидаҳоро инкишоф медиҳанд. Дар ин ҳуҷҷат ба давлатҳои

8 Ниг. Мубоҳиса дар ҳуҷҷати «Таклифҳои Иттифоқи пахшкунандаи Аврупо барои Комиссияи Аврупоӣ дар ҷавоб ба даъвати Комиссияи Аврупоӣ бинобар баррасии банақша гирифташудаи доираҳои ҳуқуқии ИА нисбати алоқаи электронӣ ва хизматрасониҳо» (EBU Contribution to the European Comission call for input on the forthcoming review of the EU regulatory framework fpr electronic communication and services), 30.1.2006. Ниг. http://www.edu.ch/CMSimages/en/led_pp_telecom_package_310106_tcm6-42308.pdf

иштирокчӣ дар қонунгузории миллӣ ё амалия дохил намудани як қатор чораҳо тавсия карда шудааст. Ба онҳо қоидаҳои гуногун – аз танзимкунандаи масъалаҳои моликият то гирифтани иҷозатномаи пахш ва намоиш додани каналҳои барои транслятсия ҳатмӣ дохил мешаванд.
Ҳанӯз пештар Тавсияи № R (99) 1-и Кумитаи вазирони давлатҳои иштирокчии Иттиҳодии Аврупо нисбат ба чораҳои ҳавасмандгардонии гуногунандешӣ дар воситаҳои ахбори омма инкишофи тамаркузи телевизион ва радиошунавониро ҳамчун таҳдид ба гуногунандешии ВАО баррасӣ намуда буд. Вай андешидани чораҳои зарурӣ, мисли дар воситаҳои ахбор ташкил намудани мақомоти махсуси дорои ҳуқуқи муқобилият намудан ба якҷояшавии ширкатҳо ва дигар амалиёти таҳдидкунандаи тамаркузи онҳо, ки ба гуногунандешии воситаҳои ахбори омма таҳдид мекунад ё додани чунин ҳуқуқҳоро ба мақомоти аллакай мавҷудаи танзими соҳаи пахш, пешниҳод намуда буд. Ба ин монанд Тавсияи (2003) 9 давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Аврупоро барои муқаррар намудани қоидаҳои маҳдуд намудани тамаркузи моликияти ВАО даъват намуда буд.[9]

Резолютсияи № 1636 (2008)-и Ассамблеяи Парламентии Иттиҳоди Аврупо муқаррар менамояд, ки шаффофияти масъалаҳои моликияти ВАО ва таъсири иқтисодӣ ба ВАО яке аз индикаторҳои ВАО дар ҷомеаи демократӣ мебошад. Дар матни Резолютсия қайд карда мешавад: «Бояд фашангҳои қонунгузорӣ истифода бурда шаванд, ки ба пайдо шудани монополияҳои ВАО ва мавқеи бартаридошта дар бозори ВАО монеъ мешаванд. Иловатан чораҳои мушаххасе қабул кардан лозим аст, ки рушди гуногунандешии ВАО-ро қадр менамоянд».

9 Замима ба Тавсияҳои Rec (2003) 9 Кумитаи вазирони Шӯрои Аврупо ба давлатҳои иштирокчӣ оид ба чораҳои ҳавасмандгардонии сахми демократӣ ва иҷтимоии пахши рақамӣ

## 2.4 Тамаркуз

Дар рафти рақамикунонии телевизион (ба мисли ҳолати озодсозии бозори соҳаи телекомуникатсия) ширкатҳое, ки хароҷоти асосиро бар душ доранд, ба андозаи муайян гуё барои имконияти рақобати худашон бо дигар ширкатҳо, маблағгузорӣ мекунанд. Табиист, ки ин ба зиммаи мақомоти ҳокимият дар муайян намудани таносуби мувофиқ байни мусоидат ба ҳамкорӣ ва додани ҳуқуқҳои махсус ба бозингарони ин бозор масъулият вогузор менамояд. Ҳангоми баррасии чунин масъала ба мисли рақобат ба назар гирифтани маблағгузориҳои хеле калон ба зерсохтор зарур аст. Шояд дараҷаи муайяни тамаркуз усули ягонаи пешгирии муфлисшавии ширкатҳо бошад. Агар маҳдудкунии тамаркуз ё якҷояшавии ширкатҳо аз ҳад зиёд ҷиддӣ бошад, пас бисёре аз онҳо наметавонанд «гузариш ба рақам»-ро амалӣ намоянд. Вале суст намудани маҳдудият низ бояд бодиққат баррасӣ карда шавад, то ин ки қонунгузорӣ оид ба рақобат ҷонибдори манфиатҳои истифодабарандагон боқӣ монад.

Аллакай имрӯз мо дар бозори пахш, масалан, дар бозори ТВ-и музднoки аналогӣ намунаи тамаркузро мушоҳида менамоем. Рақамикунонӣ усули истифодаи ахбори умумро тағйир дода, онро бо раванди истифодаи дигар хизматрасониҳои коммуникатсионӣ шабеҳ месозад. Ҳангоми муайянкунӣ ва танзими имконпазири тамаркуз таърифи мафҳуми «бозор» аҳамияти калон пайдо мекунад. Масалан, ТВ-и музднок ва пахши ройгони эфирӣ ҳамон як бозор аст ё ду бозори гуногун? Маҳсулот дар ин ҷо метавонад худи ҳамон як чиз, вале шароити истифодабарӣ гуногун бошанд. Алҳол чунин мешуморанд, ки инҳо ду бозори гуногунанд, вале вазъият метавонад тағйир ёбад. Телевизиони рақамӣ, худ аз худ ҳатто бештар аз як телевизион, бештар соҳаи мураккаби дорои хароҷоти бозгаштнопазир, тамоюлҳои инҳисорталабӣ, талабот ба зерсохтори махсус ва дорои якчанд «ҷойҳои мушкилгузар» мебошад. Операторони платформаҳо метавонанд барои назорати стандартҳои асбобҳои қабулкунанда ва муайян намудани технологияи дар онҳо истифодашаванда кӯшиш намоянд. Ба ибораи дигар, мушкилот барои бозори озод ногузир аст. Такомули мутақобилаи таҷҳизот (ивазкунӣ) ва қоидаи дастрасӣ ба ин тамоюлҳои манфӣ муқобилият менамоянд, вале амалан барои пешгирии тамаркуз қодир нестанд. Рақобат дар кӯшиши барои системаи паҳнкунии сигналҳои худ ба даст овардани

беҳтарин барномаҳои телевизионӣ аз маҷмӯи нисбатан маҳдуди онҳо ва бастани шартномаҳо оид ба ҳуқуқи истисноии паҳнкунии онҳо зоҳир мегардад. Чунин шартномаҳо – ҳангоми риояи шароитҳои муайян – метавонанд аз рӯи қонунгузории зиддиинҳисорӣ иҷозат дода шаванд.[10] Аммо ин зарурати назорати тамаркуз ва кӯшиши маҳдуд намудани дастрасӣ ба бозорро истисно намекунад.

**Дахолати қонун барои муқобилият намудан ба оқибатҳои манфии тамаркуз, ҳангоме ки ин оқибатҳо аз доираи натиҷаҳои табиии тағйироти сохтори бозор берун мебароянд, зарур аст.** Ҳамеша хатари майл ба сӯи танзим «аз рӯи далел» мавҷуд аст, зеро вазъияти ба амаломадаро бо ёрии танзим барқарор кардан мумкин нест[11] Дар як қатор ҳолатҳо пешбинӣ намудани танзими вазъияти эҳтимолӣ зарур аст. Миқдори зиёди сарчашмаҳо, агар мундариҷаи ба ҳам монанди барномаҳо пешниҳод намоянд, гуногунандеширо кафолат намедиҳад. Вале азбаски ҳуқуқи зиддинҳисорӣ рақобатро пуштибонӣ мекунад, на рақибонро, пас метавон якеро ҳимоят накард, агар «овоз»-и дигаре ҳаст, ки аз ҷиҳати молӣ қавитар аст, ба кумак ниёз надорад ва қодир аст ҳамон вазифаҳоро иҷро намояд. Аз нуқтаи назари ҳуқуқи анъанавии зиддиинҳисорӣ дар бозор мавҷуд будани ширкатҳои зиёд – шарти кофии рақобат буда, аз он сарчашма мегирад, ки худи истифодакунанда аллакай маҳсулоти барояш лозимро интихоб менамояд. Вай вазъияти дар бозор мавҷуд будани бозингарони зиёд, вале аз ҷониби аксарият пешниҳоди ҳамон як молро пешбинӣ наменамояд. Ана барои чӣ пахш ба танзими махсус ниёз дорад, ки мундариҷаи маводи ВАО-ро ба назар мегирад. Дар рафти рақамикунонӣ оқибатҳои ҳақиқии таъсири ин ё он фашангҳои ҳуқуқиро фаҳмидан муҳим аст[12]

---

10 Банди 18 Замима ба Тавсияҳо Rec (2003)9.
11 Б. 8.18. Ниг. матни Резолютсияи № 1636 Ассамблеяи Парламентии Иттифоқи Аврупо «Индикаторҳои ВАО дар ҷамъияти демократӣ» (ба забони русӣ): http://medialaw.ru/laws/other_laws/european/1636.htm
12 Arino M. Иншои ишорашуда., саҳ. 137-138.

Ба сифати мисол ҳодисаи якҷояшавии ширкатҳоро ҳангоми ташкили бозори пахши рақамии телевизион дар **Испания** дида мебароем. Ҳукуматдорон қувваи бозорро, на қувваи худи ВАО ва на дараҷаи назорати ВАО-ро ба назар гирифтанд. Манфиати истеъмолкунандагон ба назар гирифта шуд, вале на ҳатман манфиати шаҳрвандоне, ки берун аз манфиати истифодабарандагон мондаанд. Дар ҳолати мазкур, чи хеле ки дар боло нисбати танзими зиддиинҳисории пахш қайд карда шуд, на он қадар миқдори пахшкунандагон, балки гуногунрангии мундариҷаи барномаҳо пурра ба назар гирифта нашуд.
Тағйироти дар боло номбаршудаи қонунгузории **Фаронса**, ки ба мақомоти зиддинҳисорӣ барои тафтиш намудани якҷояшавӣ дар доираи пахши телевизион ва радио имконият доданд – боз як намоиши он аст, ки чӣ гуна маҷмӯи гуногуни механизмҳои ҳуқуқӣ дар дасти танзимкунандагони навъи гуногун дар доираи ВАО-и рақамӣ ба ҳамдигар таъсир мерасонанд.

## 2.5 Интихоби пахшкунандагон

Яке аз принсипҳои асосии иҷозатномадиҳии пахши рақамӣ аз он иборат аст, ки иҷозатнома барои хизматрасониҳои алоқа оид ба намоиши барнома ва иҷозатномаи паҳн намудани барномаҳо бояд аз ҳамдигар ҷудо карда шаванд. Тартиби интихоби пахшкунандагон барои ворид шудани барномаҳои онҳо дар таркиби мултиплексҳо, махсусан дар ҳолати бастаи каналҳои ройгон (иҷтимоӣ), бояд шаффоф ва кушода бошад.
Бартариятҳое, ки боиси дастрасӣ ба иттилоот ва кам намудани нобаробарии иттилоотӣ мегарданд, ҷузъи инкишофи механикӣ намебошанд, онҳо аз ҳисоби зиёдшавии одии миқдори каналҳо бартараф намешаванд – дар ин ҷо доштани гуногунрангии ҳақиқии онҳо муҳим аст. Ҳангоми ҳалли масъалаи таркиби (маҷмӯи каналҳои) мултиплексҳо инро дар хотир доштан лозим аст. Дар ин маврид нақши пахши ҷамъиятӣ асосӣ аст. Дар мамлакатҳои дорои бозори мутараққии пахши рақамӣ тамошобинон ба андозаи зиёд бо истеъмолкунандагон шабоҳат доранд; пахш дар ин ҷо ба дараҷаи зиёд метавонад аз талаботи аудитория ба васеъ намудани имкониятҳои интихоб ва гуногунрангӣ вобастагӣ дошта бошад.

Ҳамзамон таҳдиди ёдоваршудаи инҳисор боқӣ мемонад, агар яке аз операторони хизматрасонӣ мавқеи бартариятдоштаро ишғол намояд. Дар ин ҳолат аз сабаби хароҷоти зиёд ва аз сабаби он ки истеъмолкунадагон ба оператори мазкур алоқаманданд: тавассути воситаҳои техникӣ, шартнома ё дилбастагӣ ба бартариятҳои барномаҳо, монеа барои ба бозор баромадани дигар ширкатҳо хеле зиёд аст. Ин метавонад боиси маҳдудкунии интихоб барои истифодабарандагони ВАО гардад. Агар пахшкунандагон барои дарёфти дастрасӣ ба воситаҳои интиқоли сигнал қодир набошанд, пас онҳо соҳиби аудитория намегарданд, ки боиси маҳдудшавии имкониятҳои воқеии бозори хизматрасониҳо бо имконияти интихоби озоди операторон мешавад.

Танзимкунандагон бояд имконияти пайдоиши вазъиятеро ба назар гиранд, ки пахши рақамӣ боиси вазъи берақобатӣ ва инҳисорӣ мешавад. Ин мушкилот эҷод мекунад, зеро мақсади раванд одатан инкишоф ё мусоидат ба пахши рақамист, на боз доштани навгониҳо. **Рақамикунонӣ метавонад инҳисори мавҷуда ва бартарӣ доштан дар бозорро боз ҳам пурзӯр намояд.** Ин мушкилот ҳаллу фасли фаврӣ талаб мекунад. Дар доираи пахши рақамӣ қоидаҳои ба маҳдуд намудани тамаркузи моликияти ВАО равонашуда ва қоидаҳои бо он алоқаманди шаффофияти он аҳамияти калонтаре пайдо мекунанд. Дар мамлакатҳое, ки қонунгузорӣ оид ба моликият ва шаффофияти он фаъолият намекунад, хатари маҳдуд намудан гуногунандешӣ калон аст. Мушкилоти номбаршудаи соҳаи пахшро бояд мувозӣ бо масъалаҳои банақшагирии рақамикунонӣ ҳал кард.

Барои ба даст овардани гуногунрангии фарҳангӣ ва гуногунандешии ВАО дар доираи телевизиони рақамӣ танҳо қоидаҳои рақобат метавонанд нокифоя бошанд. Ин далел бори дигар ба зарурати назорат аз ҷониби мақомоти дахлдори соҳа барои иҷрои ӯҳдадориҳои барои иштирокчиёни бозори пахши рақамӣ муайяншуда ишора мекунад, то ки дар ниҳояти кор инҳисорталабӣ ҳадалимкон кам шавад. **Масъалаҳои мундариҷа бояд аз масъалаҳои интиқоли сигналҳо ҷудо карда шаванд, вале мундараиҷаи барои аҳолӣ зарур (аз назари ҳуқуқу сиёсати миллӣ) бояд барои пахнкунӣ роҳ ёбанд.** Доштани қоидаҳои пахш бо забонҳои ақаллият, қонунгузорӣ дар бораи пахши ҷамъиятӣ ва ғайраро доштан бемаъно аст, агар пахшкунандагони мувофиқ барои баромадан ба эфир имконияти дастрасӣ ба

зерсохтор надошта бошанд. Танзим ва баҳогузорӣ ба ҳолати барномаҳо аз нуқтаи назари қонеъ намудани манфиатҳои қонунии аудитория – ин раванди бемайлоне мебошад, ки бояд мувозӣ бо таҳлили ҳолати бозор пеш бурда шавад. Танзимкунанда бояд ҳам талаботи соҳиби зерсохтор, ҳам талаботи дигар истифодабарандагони шабака, ба мисли пахшкунандагон ва таъминкунандагони дигар хизматрасониҳои телекоммуникатсиониро ба назар гирад.

Дар он мамлакатҳое, ки қонунгузории зиддиинҳисорӣ ва истифодаи он дар дараҷаи баланд қарор надорад, вазифаи танзимкунанда дар назорат намудани кори мувофиқи бозор аҳамияти боз ҳам бештаре пайдо мекунад. Шаффофияти шартҳои дастрасӣ ва алоқаи байниҳамдигарии шабакаҳоро таъмин намудан лозим аст. **Танзимкунандаи мустақил бояд салоҳияти кофӣ дошта бошад. Муҳим аст, ки дар кори худ вай принсипҳои воқеъбинӣ, ошкорбаёнӣ, мутаносибият ва набудани поймолкунии ҳуқуқро риоя намояд.**[13]

Иттифоқи пахшкунандагони Аврупо (ИПА) ба он исрор мекунад, ки системаи танзими алоқаи электронии дар Иттиҳоди Аврупо қабулшуда бояд шаклан тағйир дода шавад, ҳамзамон ба алоқаи мундариҷаву шабакаҳо, махсусан – дастрасӣ ба мундариҷа бояд диққати доимӣ дода шавад. Аз рӯи ақидаи ИПА сухан дар бораи дастрасии шаҳрвандон ва истифодабарандагон ба мундариҷа ва дастрасии ширкатҳои телевизионӣ – пеш аз ҳама пахшкунандагон – ба шабакаҳо ва ҷузъҳои бо он алоқаманди зерсохтор меравад, ки дастрасӣ ба аудиторияро таъмин менамоянд. Ин масъала аз он сабаб ба ташвиш меоварад, ки онҳо кӯшишҳои гуногунрангии маданӣ ва гуногунандешии ВАО-ро пайгирӣ ва муҳофизат менамоянд.

Қонунгузории зиддиинҳисорӣ фақат ба масъалаҳои ВАО машғул нест, танҳо худи вай барои ба даст овардани чунин ҳадафҳои аз нуқтаи назари ҷамъиятӣ муҳим, ба

---

13 Дар Итолиё бо ном «қонуни Гаспари» (Қонуни № 112 аз 3 майи соли 2004 муқаррар намуд, ки барои гирифтани иҷозатнома барои пахши таҷрибавии рақамӣ фақат пахшкунандагони мавҷуда даъвогар бошанд, ҳамзамони талаботи расмии баргардондани басомади аналогӣ вуҷуд надошт. Моҳи декабри соли 2005 ширкати телевизионии ҷамъиятии РАИ ва яке аз пахшкунандагони тиҷоратӣ фақат барои панҷ мултиплексҳо иҷозат гирифтанд, вале ба шарте ки ҳар як оператори дорои зиёда аз як иҷозатномаи рақамӣ барои пешниҳод намудани 40%-и захираҳои худ барои пахшкунии ширкатҳои телевизионии аз вай вобаста набуда вазифадор бошад.

мисли гуногунандешии ВАО ва дастрасии аудитория ба доираи васеи мундариҷа, кофӣ нест. ИПА ба зарурати мавҷудият ва ҳатто дар марҳилаи телевизиони рақамӣ инкишоф ёфтани баъзе аз қоидаҳое бовар дорад, ки барои ислоҳ намудани вазъи мавҷуда, масалан ба номгӯи каналҳои барои намоиш ҳатмӣ ва қоидаҳои дастрасӣ ба шабакаҳои алоқа имконият медиҳанд.[14]

14 14 Дастурамал дар бораи дастрасӣ (Access Directive) аз шабакаҳои оммавии алоқаи (сухан дар бораи зерсохторе меравад, ки барои мақсадҳои алоқа – манораҳо, шабакаи кабелӣ ва ғайра меравад) паҳнкундаи ТВ-и рақамӣ дастгирӣ намудани ТВ-и васеъэкран, технологияи нави пахши телевизиониро талаб менамояд. Талаботи махсусе, ки ба системаҳои дастрасии шартӣ ба пахши рақамии телевизионӣ ва радиоӣ пешниҳод карда мешаванд, дар замимаҳои ин Дастурамал номбар карда шудаанд. Ҳатто дар мамлакатҳои ИА танзимкунандагон салоҳияти муқаррар намудани дигар меъёрҳои технологияҳои истифодашаванда ва таҷҳизоти навро барои таъминкунандагони хизматрасониҳо ба андозаи инкишофи бозорро доранд.

# Боби 3. Барномаҳои пахшкунандагони рақамӣ: чӣ гуна аз инҳисорталабӣ дурӣ бояд ҷуст

## 3.1. Гуногунандешии мундариҷа

Кафолати муҳими озодии иттилоот -риояи принсипҳои гуногунрангии идеологӣ ва сиёсӣ дар ҷамъият мебошад, ки гуногунандешии иттилоот ва идеологияро дар дохили худи рӯзноманигорӣ (журналистика) дар бар мегирад. Дар навбати худ озодии иттилоот мавҷуд будани фазои гуногунандешии идеологиро дар дохили ҷамъият ва гуногунандешии сарчашмаҳои мухталифи иттилоотро таъмин менамояд. Гуногунрангии идеологӣ, сиёсӣ ва иттилоотӣ мантиқи дохилии худро дорад. Бархурди ақидаҳо дар ҳолати дастрасии озоди шаҳрвандон ба иттилооти барояшон зарур ва озодии мубоҳисаҳо имконпазир аст.

Чунин бархурд дар навбати худ ба зуҳури далелҳое роҳ мекушояд, ки баъдан дар сатҳи сиёсӣ санҷида мешавад ва боиси гуногунандешии сиёсӣ мегардад. Гуногунрангии сиёсӣ ва идеологӣ натиҷаи гуногунрангии иттилоотӣ аст ва баръакс. Афзалияти гуногунандешии идеологӣ ва сиёсӣ муқаррар карда мешавад: гуногунрангии иттилоот, аз ҷумла дар шакли озодии иттилоот танҳо восита аст, на ҳадафи гуногунандешии идеологӣ ва сиёсӣ.

Имконияти дастрасӣ ба мундариҷаи гуногунандешии ВАО яке аз аломатҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад. Гуногунрангии иттилоот ҷамъияти кушодаро инкишоф медиҳад. Дар ВАО инъикос намудани манфиатҳо ва нуқтаи назарҳои гуногун ба паст намудани таъсири ақидаҳои иртиҷоӣ ва инкишофи таҳаммулпазирӣ ва кӯшиш барои созиш мусоидат менамояд.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки давлатҳои иштирокчии САҲА барои "*истифода бурдани ҳамаи имкониятҳои пешниҳоднамудаи воситаҳои муосири алоқа... барои таъмини*

*паҳнкунии нисбатан озод ва нисбатан васеи тамоми шаклҳои иттилоот"* ӯҳдадор гардиданд.[15]

Ба ҳамин тариқ дар рафти гузариш ба пахши рақамӣ муҳим аст, ки танзимкунандагони миллӣ на фақат барои пешгирии тамаркузи моликият дар ин соҳа чораҳо андешанд, балки ба мустаҳкам намудани гуногунандешии мундариҷа низ машғул гарданд. Дар Аврупо якчанд қолаби интихоби каналҳо мавҷуд аст, ки дар мултиплексҳо ҷойи худро ишғол менамоянд. Ин интихоб метавонад аз тарафи танзимкунанда амалӣ карда шавад, вале метавонад аз тарафи соҳиби мултиплекс низ ба амал бароварда шавад. Дар ҳолати охир якчанд варианти қоидаҳо ва муқобилият барои он вуҷуд дорад, ки гуногунрангии барномаҳо таъмин карда шавад.
Ба чораҳои дар Аврупо мавҷуда диққат медиҳем, ки барои таъсир расондан ва маҳдуд кардани озодии интихоб аз тарафи оператори шабакаҳо, барои мултиплексҳои каналҳоро муайян намудан қодиранд:

1. Дар Голландия ва Австрия нисбат ба пахши ҷамъиятӣ ва дигар каналҳои эфирӣ қоидаи каналҳо роиҷ аст, ки барои намоиш (транслятсия) ҳатмӣ мебошанд. Аз тарафи дигар чунин чораҳо барои Британияи Кабир, Испания, Италиё ва дигар мамлакатҳое лозим нестанд, ки барои пахшкунандагони эфирӣ дар платформаи паҳнкунии ТВ-и рақамӣ ҷой ҷудо карда мешавад.
2. Дар Норвегия оператори мултиплекс имкониятҳоро барои бо ном «каналҳои кушода» банд менамояд ва дар ҳолате, ки агар стансияҳои маҳаллӣ дастрасиро ба платформа талаб намоянд, оператор барои ёфтани имконияти мувофиқ вазифадор аст.
3. Дар Италиё чораҳое андешида шудаанд, ки дастрасӣ ба платформаи бо ном «каналҳои мустақил», яъне каналҳои аз ширкатҳои калони пахшкунанда новобастаро, ки имрӯз операторҳои мултиплексҳоро назорат мекунанд, кафолат медиҳанд. Ин чораҳо қобили қабул мебошанд, зеро мултиплексҳо оператори худро на дар доираи тартиби муқаррарии озмун ба даст овардаанд, балки аниқтараш аз тарафи пахшкунандагони миллие «ба даст оварда шудаанд», ки

15 «Таклифҳои Иттифоқи пахшкунии Аврупо барои Комиссияи Аврупоӣ дар ҷавоби даъвати Комиссяи Аврупоӣ аз сабаби баррасии банақшадаровардашудаи чорчӯбаҳои ҳуқукии ИА нисбати алоқаву хизматраосниҳои электронӣ» аз 30.01.с. 2006

хоҳиши идора кардани шабакаи рақамии пахшро доранд. Фароҳам овардани чунин кафолатҳо ба пешгирӣ намудани мушкилоте равона карда шудааст, ки дар ҳолати ташкил намудани интегратсияи амудии опреаторҳои шабакаи ТРР, ки боз каналҳои телевизионии хусусӣ низ доранд, ногузиранд.[16]

Вазъи тамаркузи ТВ-и аналогӣ дар Италиё бо вазъияти мамлакатҳои собиқи шӯравӣ монандӣ дорад. Аз ин сабаб баррасӣ намудани кӯшиши таъмини гуногунандешии мундарича дар рафти гузариш ба ТРР дар ин мамлакат фоидаовар аст.

Дар робита ба ин мушкилот қарори танзимкунандаи итолиёвӣ – Идораи кафолатҳо дар соҳаи коммуникатсия (AGCOM) мувофиқи мақсад аст. Худи ин қарор меъёрҳои муқарраршудаи Қонун дар бораи пахшро аз соли 2004 пайгирӣ менамояд. Дар он AGCOM муайян намуд, ки пахшкунандагони мустақил квотаҳоро аз рӯи 40%-и ғунҷоиши мултиплексҳои ТРР ба даст меоваранд, ки барои онҳо то ба анҷом расидани тақсими басомадҳо барои ҳадафҳои телевизиони рақамӣ вобаста карда шудааст. Таҳти мафҳуми мустақилият дар ин ҷо набудани алоқа бо ду бозингари асосӣ дар соҳаи пахш – ширкатҳои РАИ ва РТИ (ба гурӯҳи Медисет тааллуқ доранд) фаҳмида мешавад. Бо вуҷуди ин пахшкунандагони мустақил вазифадоранд:

- Риояи эҳтироми принсипҳои гуногунандешӣ ва воқеъбинӣ, пешниҳоди барномаҳои гуногунжанр ба мақсади қонеъ намудани доираҳои мухталифи тамошобинон, махсусан дар соатҳои нисбатан муҳим барои намоиш (прайм-тайм);
- Риояи эҳтироми ҳуқуқҳои асосии инсон ва худдорӣ аз намоиши зӯроварӣ ва фаҳш (порнография);
- Пешниҳоди барномаҳои шӯҳратдошта ба мақсади зиёд намудани ҳиссаи тамошобинон ва даромад аз реклама дар басомадҳои ТРР ва мувофиқ будан лоақал ба ин меъёрҳо:

---

16 Банди 35 Ҳуҷҷати ниҳоии «Ҳамкорӣ дар соҳаҳои башардӯстӣ ва дигар соҳаҳо» вохурии Вена, САҲА (с.1986) / Озодии баён, маҷрои озоди иттилоот, озодии васоити ахбори умум. Муқаррароти асосии МАҲА/САҲА, с. 1975-2007 – Вена с.2007. Ниг.: http://www.osce.org/publications/rfm/2008/03/30426_1084_ru.pdf

1. Намоиши барномаҳои шавқовар (масалан, ток-шоу, бозиҳои телевизионӣ), намоиши мустақими воқеаҳои муҳим (мусобиқаҳои варзишӣ, чорабиниҳои ҷамъиятӣ, маданӣ, мусиқӣ);
2. Намоиши барномаҳо барои аудиторияи оммавӣ, ки доираи ҷаҳонбиниро дар масъалаҳои илм, маданият, таърих ё мусиқӣ васеъ менамоянд;
3. Намоиши барномаҳои бадеӣ, филмҳои телевизионӣ, силсилафилмҳо, мазҳакаҳо ва кинофилмҳо бо назардошти ӯҳдадориҳо нисбат ба нишон додани асарҳои аврупоӣ тибқи Дастурамали Иттиҳоди Аврупо «Телевизиони бидуни марз» (баъдан ба Дастурамал оид ба медиа-хизматрасониҳои аудиовизуалӣ[17] табдил дода шуд).
4. Намоиши барномаҳо барои кӯдакону ҷавонон.

Дар ҳолати номумкин будани қонеъгардонии тамоми дархостҳо барои гирифтани ҷой дар пахши рақамӣ ба онҳое афзалият дода шавад, ки таъмини намоиши маҷмӯи аксари навъҳои дар боло номбаршудаи барномаҳоро ба ӯҳда мегиранд. Ҷойҳо дар мултиплекс бояд вобаста ба принсипҳои адолат, ошкорбаёнӣ ва набудани поймолкунии ҳуқуқ ва ба мақсади таъмини гуногунандешии барномаҳо тақсим карда шаванд.
Аз ин сабаб ҳам РАИ ва РТИ бояд лоақал 60 рӯз қабл аз тақсимот дар сомонаҳои Интернетии худ оид ба пешниҳод намудани канали ТРР хабар дода, дар эълон талаботи техникию иқтисодиро барои аризадиҳандагон нишон диҳанд. Ҳамаи созишномаҳои байни РАИ ё РТИ ва пахшкунандагони манфиатдор бояд пешакӣ ба AGCOM бо мақсади таъмини мувофиқати онҳо ба ӯҳдадориҳои гирифташуда фиристода мешаванд. AGCOM ҳамчунин барои баррасии баҳсҳое салоҳиятдор аст, ки метавонанд дар нисбати воқеъият доштани чунин созишномаҳо пайдо шаванд.[18]

Дигар чораҳои ҳуқуқӣ, ки барои кафолати дастрасӣ ба шабака андешида мешаванд, дар маърӯзаи ташкилоти байнидавлатии «Платформаи аврупоии мақомоти

17 Working Group on Digital Terrestrial in EPRA Countries. Final Report. 2 June 2004. Ниг. ба сомонаи расмии ташкилоти байнидавлатии «Платформаи Аврупоии мақомоти танзимкунанда» (ЭПРА): http://www.epra.org/content/english/press/papers/DTTWG_finalreport.doc
18 Дастурамали № 2010/13/EU.

тазимкунанда» номбар шудаанд. Масалан, оператори шабака барои ҳадафҳои пахши телевизион ва радио бо ӯҳдадории қонунии пешниҳод намудани хизматрасониҳои худ дар асоси одилона, ошкоро ва ғайридискриминатсионӣ алоқаманд буда метавонад. Аз оператори шабака, инчунин операторони мултиплексҳо барои хизматрасониҳои техникии аз ҷониби пахшкунандагон (аз ҷумла хизматрасониҳо оиди барамздарорӣ, дохил намудан ба телегид ва ғайра) пешниҳодшуда ҳуқуқи талаб кардани нашри таруфаҳоро доранд. Аз оператори шабака ё мултиплекс, ки ҳамзамон пахшкунанда ҳам мебошад, ҳуқуқи талаби ҷудокунии ҳисоботи бухгалтериро аз рӯи ин намудҳои гуногуни фаъолият дорад.[19]

Тавсияҳои Кумитаи вазирон ба давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Аврупо оид ба чорабиниҳои ҳавасмандгардонии гуногунандешӣ дар васоити ахбори омма мунтазам дар сатҳи миллӣ баҳо додани самаранокии чораҳои мавҷудаи инкишофи гуногунандешӣ ва гуногунрангии мундариҷаи ВАО-ро пешниҳод карда, зарурати имконпазири мутобиқ кардани онҳоро ба тағйироти соҳаи иқтисодиёт, техника ва ҳаёти ҷамъиятӣ тадқиқ менамояд.

Дар конфронсҳои аз тарафи Намояндагии САҲА оид ба озодии ВАО ташкилшуда, ки баояндаи пахши ҷамъиятӣ дар заминаи гузариш ба телевизиони рақамӣ дар Алмаато (Конфронси 10-уми Осиёи Марказии ВАО, 16-17 октябри с. 2008) ва дар Тбилиси (Конфронси 5-уми Қафқози Ҷанубии ВАО, 13-14 ноябри соли 2008) бахшида шуда буданд, иштирокчиён аз он изҳори нигаронӣ карданд, ки пахшкунандагони начандон калони эфирӣ (масалан, ба мисли ГАЛА-ТВ дар Гюмри, Арманистон) бе кӯмаки беруна ба бозори ТРР баромада наметавонанд. Ин стансияҳо дар маҳалҳо шӯҳрат доранд, онҳо барои нигоҳ доштани гуногунандешии иттилоотӣ ва сиёсӣ муҳиманд, вале давлат онҳоро дар назди зарурияти маблағгузориҳои азим барои «рақам» танҳо мегузорад. Боиси нигаронист, гуё давлат аз ин вазъ ҳатто қаноатманд аст, вақте ки дар натиҷаи рақамикунонӣ ширкатҳои кучаки хусусӣ бар хилофи иродаву хоҳиши худ аз бинандаҳояшон маҳрум мешаванд.

---

19 Capello M. Italy: 40% of DTT Capacity on the Multiplexes of RAI and RTI dor Independent Content Provides / IRIS 2005-9:15/26. Ниг.: http://merlin .obs.coe.int/iris/2005/9/article26.en.html

Шӯрои Аврупо тавсия медиҳад, ки чунин як гузариши босуръату зарурӣ ба мақомоти давлатӣ барои таъмини баҳисобгирии манфиатҳои аҳолӣ, пахшкунандагон, пеш аз ҳама ғайритиҷоратӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ халал нарасонад. Аз ин нуқтаи назар таъмини самарабахши чораҳои мувофиқи ҳуқуқӣ, инчунин фароҳам овардани шароитҳои мусоиди техникию иқтисодӣ зарур аст. [20]

## 3.2 Ӯҳдадориҳо нисбат ба мундариҷа

Конвенсия дар бораи телевизиони бурунмарзии Иттиҳоди Аврупо, Дастурамал оид ба медиа-хизматрасониҳои аудиовизуалӣ[21] ва ҳамчунин санади мувозии Иттифоқи Аврупо номгӯи баъзе аз ҳадафҳои умумии муҳимро медиҳад, ки ба мундариҷаи аудиовизуалӣ муносибате доранд. Ба онҳо ӯҳдадориҳои давлатҳои иштирокчӣ барои андешидани чораҳои зерин дохил мешавад:

- фаро нагирифтани хизматрасониҳои аудиовизуалие, ки дорои барангехтани бадбинӣ бо аломатҳои нажод, ҷинс, динпарастӣ ё миллатчигӣ ҳастанд;
- мутаносибан маҳдуд кардани медиа-хизматрасониҳои аудиовизуалӣ аз рӯи дархостҳо, дар ҳолате ки агар онҳо метавонанд ба инкишофи ҷисмонӣ, фикрӣ ё ахлоқии ноболиғон зарари ҷиддӣ расонанд;[22]
- таъмини ҳуқуқи дастрасии ҳар як пахшкунанда ба ҳодисаҳои дорои аҳамияти ҷамъиятӣ, барои таҳияи гузориши кутоҳи навигариҳо, дар асоси адолат, ошкоро ва бе нақзи ҳуқуқи дигарон агар ҳуқуқҳои эксклюзивии нашри онро яке аз пахшкунандаи ватанӣ дошта бошад.[23]

Мусаллам аст, ки дар даврai гузариш ба пахши рақамӣ, ки имконияти дастрасиро ба доираи васеи мундариҷа фароҳам меоварад, мақомоти ҳокимият ва танзимкунандагон бояд махсусан дақиқкор бошанд, то ба халадоршавии ҳуқуқу

---

20 Ниг. ҷадвали 5.4. дар: Working Group on Digital Terrestrial Television in EPRA Countries. Final Report. 2 June 2004. Ниг. ба расонаи расмии ташкилоти байнидавлатии «Платформаи Аврупоии мақомоти танзимкунанда» (ПАМТ): http://www.epra.org/content/english/press/papers/DTTWG_finalreport.doc

21 Ниг. замима ба Тавсияҳои Rec (2003) 9 Кумитаи вазирони давлатҳои иштирокчӣ оид ба чораҳои инкишофи имкониятҳои демократӣ ва иҷтимоии пахши рақамӣ

22 Матни 5 майи соли 1989 қабулшуда мувофиқи муқаррароти протоколи № 171 тағйир дода шуд, ки аз 1-уми марти соли 2002 қувваи қонунӣ пайдо намуд. Ниг. матн ба забони русӣ: http://conventions.coe.int/Treaty/RUS/Treaties/Html/132.htm

23 Дастурамали № 2010/13 EU оид ба ҳамоҳангсозии муқаррароти бо ҳуҷҷатҳои ҳуқуқии меъёрӣ ва маъмурӣ дар давлатҳои иштирокчӣ нисбати пешниҳоди медиа-хизматрасониҳои аудиовизуалӣ муайянкардашуда («Дастурамал оид ба медиа-хизматрасониҳои аудиовизуалӣ»)

манфиатҳои ноболиғон, паҳншавии даъватҳо ба зуроварӣ ва бераҳмӣ роҳ дода нашавад. Сарфи назар аз он, ки инкишофи воситаҳои нави техникӣ ба волидайн имконият медиҳанд, ки чиро тамошо кардани бачаҳояшонро назорат кунанд, ин масъулияти пахшкунандагонро барои мундариҷаи барномаҳо бекор намесозад.

Муҳтавои барномаҳои пахши рақамӣ аз ӯҳдадориҳои оид ба транслятсияи каналҳои пахшкунандаи ҷамъиятӣ гирифта низ вобастагӣ дорад. Тавсияи 9 (2003) Кумитаи вазирони Иттиҳоди Аврупо нисбати чораҳои ҳавасмандгардонии саҳми демократӣ ва иҷтимоии пахши рақамӣ нишон медиҳад, ки аз тарафи давлатҳои иштирокчӣ ворид намудани номгӯи каналҳои барои намоиш ҳатмӣ бояд бартарияти пахши барномаҳои ҷамъиятиро ба мақсади дастрасии кафолатноки онҳо тавассути TPP дар сатҳи олӣ ба назар гирад. Чунин номгӯи каналҳои барои намоиш ҳатмӣ метавонанд барномаҳоеро дар бар гиранд, ки дидани онҳо аз тарафи шахсони қобилияти биноӣ ва шуновоияшон халалёфта имконпазир бошад, инчунин онҳое, ки ба тарҷумаи қатори овозӣ ба забони дигар ниёз доранд, дар канор намонанд.

# Боби 4. Телевизион ва радиошунавонии ҷамъиятӣ дар марҳилаи рақамӣ

Пахши телевизион ва радиои ҷамъиятӣ – унсури муҳими демократия мебошад. Пахши ҷамъиятӣ, новобаста аз он ки кӣ онро амалӣ мекунад, хоҳ ташкилотҳои ҷамъиятӣ бошаду хоҳ ширкатҳои хусусӣ, аз пахш бо ниятҳои сиёсӣ ва тиҷоратӣ бо вазифаи хоси худ фарқ мекунад: яъне ба роҳ мондани фаъолият новобаста аз ҳокимияти сиёсӣ ва иқтисодӣ. Пахши ҷамъиятӣ аҳолиро умуман бо барномаҳои иттилоотӣ, маданӣ, маърифатӣ ва шавқовар таъмин намуда, ба инкишофи фаъоли иҷтимоӣ, сиёсӣ ва мадании шаҳрвандон ва муттаҳидшавии ҷомеа мусоидат менамояд. Аз ин сабаб вай одатан аз нуқтаи назари мундариҷа ва дастрасӣ ҳаматарафа мебошад, мустақилият ва беғаразии таҳрирро кафолат медиҳад, намунаи меъёрҳои сифат аст, барномаву хизматрасониҳои зиёди гуногунрангеро пешниҳод менамояд, ки дархости тамоми гурӯҳҳои аҳолиро таъмин менамоянд ва дар назди тамоми ҷамъият ҷавобгарӣ дорад.

Ин принсипҳо новобаста аз он, ки барои қонеъ намудани талаботи рақамикунонии телевизион ва радио кадом тағйиротро дохил намудан лозим меояд, дурустанд. Дар Эъломияи «Дурнамои пахши ҷамъиятӣ ва гузариш ба шакли рақамии пахш дар Осиёи Марказӣ»- Конфронси даҳуми Осиёи Марказии ВАО тасдиқ намуд, ки пахши ҷамъиятӣ яке аз воситаҳои асосии демократия мебошад. Вай дар таъмини озодӣ ва шаффофияти интихобот, мубориза бар зидди «забони душманӣ», инчунин дар ҳимояи маданияти ақаллиятҳои маскуни мамлакат ивазнашаванда мебошад, зеро вай ба аудитория пахши воқеии навигариҳо ва барномаҳои баландсифатро пешниҳод менамояд.

САҲА баъдан нишон дод, ки дар марҳилаи рақамӣ аҳамияти пахши ҷамъиятӣ бо барномаҳои баландсифату воқеӣ, вале ҳамзамон бе реклама, фақат рушд меёбад.[24] Чунин нуқтаи назар бо мавқеи Иттиҳоди Аврупо мувофиқ аст, ки қайд намудааст:

---

24 Моддаи 3ᵇ 6.9 Тавсияҳои Rec (2003) 9 ҳамчунин ба масъалаи роҳ надодани бадбинию зӯроварӣ аз рӯи аломатҳои нажод ва дин дар пахши рақамӣ муроҷиат менамояд

«нақши махсуси пахши ҷамъиятӣ ҳамчун омили муттаҳидкунанда барои идомаи доираи васеи барномаву хизматрасониҳо барои тамоми табақаҳои аҳолӣ бояд дар муҳити нави рақамӣ нигоҳ дошта шавад.[25]

Тавсияи Rec (2007) 3-и Кумитаи вазирони Иттиҳоди Аврупо барои давлатҳои иштирокчӣ дар бораи рисолати пахши ҷамъиятӣ дар ҷомеаи иттилоотӣ (аз 31 январи соли 2007) перомуни нақши махсус ва оқибатҳои пайдоиши муҳити нави рақамӣ барои пахши ҷамъиятӣ андеша ронданро пешниҳод менамояд. Дар ин ҳуҷҷат тасдиқ карда мешавад, ки дар марҳилаи рақамӣ нақши пахши ҷамъиятӣ фақат меафзояд ва аз ин сабаб давлатҳои иштирокчӣ бояд вуҷуд доштани чунин барномаҳоро дар платформаҳои гуногун, ки бо пайдоиши технологияи нав ба вуҷуд меоянд, таъмин намоянд. Дар тавсияҳо ба давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Аврупо кафолат додани нақши асосии ВАО-и ҷамъиятӣ дар марҳилаи нави рақамӣ пешниҳод карда мешавад:
дар қонунгузории миллии худ ворид намудани меъёрҳое, ки ба рисолати ВАО-и ҷамъиятӣ дар нисбати хизматрасониҳои нави коммуникатсионӣ дахл доранд;
кафолат додани шароити ташкилӣ ва молӣ барои ВАО-и ҷамъиятӣ, то ки дар шароити нав вазифаҳояшонро хубу самаранок анҷом диҳанд;
мусоидат ба мувофиқати пурра ва самараноки ВАО-и ҷамъиятӣ ба талаботи ҷомеаи иттилоотӣ, саҳми онҳо дар системаҳои дуалии ВАО-электронии (ҷамъиятӣ ва хусусӣ) Аврупо;
таъмини дастрасии ҳаматарафа ба ВАО-и ҷамъиятӣ барои ашхос ва тамоми гурӯҳҳои аҳолӣ.[26]

Тавсияи 9 (2003) Кумитаи вазирони Шӯрои Аврупо оид ба чораҳои ҳавасмандгардонии саҳми демократӣ ва иҷтимоии пахши рақамӣ нисбати принсипҳои дар муҳити нав истифодашавандаи пахши ҷамъиятӣ хеле мушаххас мебошанд. Принсипи аввал ба рисолати пахши ҷамъиятӣ тааллуқ дорад. Дар он нишон дода мешавад, ки:

---

25 Моддаи 3[i] 6.9 Тавсияҳои Rec (2003) 9 ҳамчунин ба ин масъала муроҷиат менамояд
26 Моддаи 3[к] дар ҳамон ҷо

*"...дар назди хостаҳое (талабот), ки бо пайдоиши технологияи рақамӣ алоқаманданд, пахши ҷамъиятӣ бояд рисолати махсуси ҷамъиятии худро нигоҳ дорад. Ин рисолат аз хизматрасониҳои бунёдӣ/асосии умумифарогиранда оид ба таъмини барномаҳои иттилоотӣ, маърифатӣ ва шавқовар барои доираҳои гуногуни аҳолӣ иборат аст. Давлатҳои иштирокчӣ бояд шароити молиявӣ, техникӣ ва шароити дигарро фароҳам оваранд, ки ба пахшкунандагони ҷамъиятӣ барои ба таври беҳтар иҷро намудани вазифаҳои худ дар шароити барояшон нави муҳити рақамӣ имконият медиҳад. Аз ин нуқтаи назар воситаҳои барои иҷрои вазифаҳои хизматрасонии ҷамъиятӣ зарурӣ метавонанд ҷудо намудани каналҳои нави махсусгардондашуда, масалан, каналҳои иттилоотӣ, маърифатӣ ва маданӣ ва хизматрасониҳои нави интерактивӣ, масалан, хизматрасониҳои телегиди электронӣ ва паҳнкунии барномаҳоро дар Интернет дар бар гиранд. Пахшкунандагони ҷамъиятӣ бояд дар рафти гузариш ба пахши рақамии рӯизаминӣ нақши асосиро иҷро намоянд".*

Принсипи дуюм ба масъалаи дастрасии ҳаматарафа ба пахши рақамӣ рабт дорад.

*"«Фарогирии ҳамаҷониба – асоси тараққиёти пахши ҷамъиятӣ дар марҳилаи рақамӣ мебошад. Пас, давлатҳои иштирокчӣ бояд фароҳам овардани шароити ҳуқуқӣ, иқтисодию техникиро таъмин намоянд, то ки ба хидматрасониҳои гуногунранг ва барномаҳои хушсифати пахшкунандагони ҷамъиятӣ тавассути воситаҳои рақамии технологӣ (тавассути кабел, моҳвора, дар мавҷ) имконият диҳанд, зеро муттаҳид намудани ҷамъият, махсусан бо назардошти хатари порашавии аудитория дар натиҷаи ба навъҳо ҷудошавӣ ва тахассуси барномаҳои мавҷуда ба онҳо хос аст. Аз ин сабаб ва бо назардошти танаввуъи (ба навъҳо ҷудошавӣ) воситаҳои интиқоли сигнали рақамӣ, қоидаи каналҳои транслятсияи ҳатмӣ бояд нисбати пахшкунандагони ҷамъиятӣ ба андозае истифода бурда шавад, ки чунин имконият барои кафолати дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониву барномаҳои онҳо тавассути воситаҳои номбаршудаи технологӣ имконпазир бошад».".*

Принсипи сеюм ба масъалаҳои маблағгузории пахши ҷамъиятӣ муносибат дорад.

*"Дар шароити нави инкишофи технологӣ фарогирии аҳолӣ ва саҳми пахши ҷамъиятӣ дар раванди рушди ҷомеа метавонад кам гардад, агар системаи маблағгузории боэътимод ва мувофиқи пахши ҷамъиятӣ вуҷуд надошта бошад. Вобаста ба афзоиши хароҷоти харид, истеҳсол ва нигоҳдории барномаҳо ва баъзан ҳатто хароҷот барои пахш, давлатҳои иштирокчӣ бояд ба пахшкунандагони ҷамъиятӣ имконияти дастрасӣ ба маблағҳои молиявии барои иҷрои рисолати онҳо зарурро пешниҳод намоянд".*

Агар дар бораи нақши пахши ҷамъиятӣ сухан ронем, пас дар ҳар як мамлакате, ки дар тадқиқоти «Платформаи Аврупоии мақомоти танзимкунанда» (ПАМТ) пешниҳод намудааст, (ба ғайр аз Испания), пахшкунандаи ҷамъиятӣ дар ихтиёри худ як ё якчанд мултиплекс дорад, ки он барои транслятсияи зарурии фақат барномаҳои мавҷудаи пахши ҷамъиятӣ фаротар аз қобилияташон аст. Дар аксари ҳолатҳо пахшкунандаи ҷамъиятӣ дар таҳия/ташкили бастаи барномаҳояш пурра озод аст..[27]

Бешубҳа, технологияи рақамӣ барои васеъ намудани доираи барномаҳои пахши ҷамъиятӣ имконият фароҳам меоварад. Ин дар навбати худ ба ҳадафҳои умумии ҳар давлат оид ба рушди ҳам пахши рақамӣ (умуман тамоми соҳа) ва ҳам ҷамъиятӣ хизмат менамояд. Ҳамзамон имкониятҳои наве, ки одатан аз ҳисоби пардохти абонентии тамошобинон ё буҷети давлатӣ маблағгузорӣ карда мешаванд, набояд ба рақобати одилона бо пахшкунандагони хусусӣ зарар расонад ва ба инкишофи бахши телевизиони ғайридавлатӣ халал расонад. Чунин васеъкунӣ бояд равшану дақиқ ба ифои арзишҳои пахши ҷамъиятӣ равона карда шавад. Аз ин сабаб васеъкунии доираи барномаҳоро ба як қатор шартҳо вобаста намудан зарур аст.

27 Working Group on Digital Terrestial in EPRA Countries. Final Report. 2 June 2004 Ниг. ба расонаи расмии ташкилоти байнидавлатии «Платформаи Аврупоии мақомоти танзимкунанда» (ПАМТ)

Барои мисол тавсеаи пахши рақамии ширкати телевизиони ҷамъиятии Би-би-си-ро дар Британияи Кабир мегирем. Моҳи сентябри соли 2011 вазири Англия оид ба масъалаҳои маданият, ВАО ва варзиш ташкил намудани се канали нави рақамии Би-би-сиро маъқул донист (маъқул донистани вазорат барои ҳар гуна васеъкунии хизматрасониҳои Би-би-си зарур аст).
Аз ин каналҳо дутояш барои кӯдакон пешбинӣ шудаанд (яке барои кӯдакони то 6-сола, дигаре барои кӯдакони аз 6 то 13 сола), сеюмаш бо барномаҳо дар бораи маданият, санъат ва фалсафа махсус гардонда шудааст. Соли 2003 вазир ташкил намудани боз як канали нави Би-би-си - «Ҷадвали рақамӣ» (Digital Curriculum) – ро маъқул донист, ки ба мақсади хизмат расонидан ба захираҳои маърифатӣ барои мактабҳои олӣ, омӯзгорон, хонандагон, инчунин барои онҳое, ки ба худомузӣ машғуланд, пешбинӣ шудааст. Дар ҳамаи ҳолатҳо мувофақаи вазорат бо риоя намудани шартҳои зарурӣ, масалан, квотаи баланд барои нишон додани барномаҳои дар ИА ва минтақаи иқтисодии Аврупо[2] истеҳсолшуда, инчунин ҷадвали пурмуҳтавои шабакаҳое, ки на фақат таълим ва иттилоот медиҳанд, балки шавқовар низ ҳастанд, дар назар аст. Дар робита ба канали «Ҷадвали рақамӣ» муқобилият аз тарафи пахшкунандагони хусусӣ хеле пурзӯр буд, аз ин ру мувофақаи вазорат 18 шартро дар бар мегирифт, ки фарқияти ин барнома ва хусусиятҳои комилгардониашро дар нисбати хизматрасониҳои телевизиони тиҷоратӣ муайян мекунад.
Шарти сохтани канали «Ҷадвали рақамӣ» иборат аст аз: талабот оид ба ҷустуҷӯ ва инкишофи таҷрибаҳои маърифатӣ ва техникӣ, дастгирии дараҷаи баланди сифати мундариҷа ва мустақилияти таҳрир ва ҳамасола нашр намудани нақшаҳои инкишофи мундариҷаи барномавӣ барои панҷ соли оянда.
Аз Би-би-си нашр кардани ҳисоботи ҳамасола оид ба кори канал ва ташкил намудани аудити он баъди ду сол пас аз оғози пахш, ба мақсади муқаррар намудани он ки ба кадом андоза ширкат шартҳои пешбинишударо риоя мекунад, талаб карда мешавад. Чунин аудит бояд мустақил бошад, машваратро бо шаҳрвандон ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар бар гирад, таъсири канали «Ҷадвали

рақамӣ»-ро дар бозори барномаҳои рақами тадқиқ намояд. Би-би-си барои харидани барномаҳои телевизионӣ аз ширкатҳои хусусӣ ӯҳдадор шудааст, ки нисфи хароҷоти буҷети канали навро (90 млн. ф.ст.) сарф намояд[3].

2 Минтақаи Аврупоии иқтисодӣ тамоми мамлакатҳои Иттифоқи Аврупо ва се мамлакати Ассотсиатсияи Аврупоии тиҷорати озодро (Исландия, Норвегия ва Лихтейншен) дар бар мегирад

3 Prosser T. United Kingdom: Minister Approves New BBC Digital Education Service Subject to Strict Conditions / IRIS 2003-3:12/21. Ниг. ба: http://merlin.obs.coe.int/iris/2003/3/article21.en.html.

Иттиҳоди Аврупо ӯҳдадории мақомоти ҳокимиятро барои нигоҳ доштан, дар он ҷое ки зарур аст – муқаррар намудани системаи маблағгузории зарурӣ ва кофии пахшкунандагони ҷамъияиро эътироф менамояд. Системае, ки иҷрои ҳадафҳои дар давлатҳои иштирокчӣ муқарраршударо дар шароити муҳити нави рақамӣ кафолат медиҳад.[28]

28 Тавсияҳои Rec (2003)9 Кумитаи вазирони Шӯрои Аврупо ба давлатҳои иштирокчӣ оид ба чораҳои рушди имкониятҳои демократӣ ва иҷтимоии пахши рақамӣ

# Боби 5. Стратегияи гузариш: раванди банақшагирӣ

Нақшаи таҳияшудаи рақамикунонӣ, ки тамоми масъалаҳои гуногунро ба назар мегирад ва роҳнамо онҳоро мавриди таҳлил қарор медиҳад, барои муваффақияти ин раванд муҳим аст.

Бисёре аз мушкилоти эҳтимолиро метавон сарфи назар намуд, агар ба онҳо пешакӣ таваҷҷӯҳ карда шавад ва роҳҳои ҳалли онҳо дар нақшаи бо иштироки ҳамаи тарафҳои манфиатдор таҳияшуда муайян карда шавад. Пеш аз он ки чунин нақша тартиб дода шавад, як қатор масъалаҳоро қаблан баррасӣ намудан лозим аст. Раванди банақшагирӣ бояд доираи ба таври максималӣ имконпазири ақидаҳоро дар бар гирад. Ин боб раванди банақшагирӣ ва мундариҷаи нақшаи рақамикунониро баррасӣ менамояд.

## 5.1. Нақша

То оғози банақшагирӣ ба як қатор суолҳои асосӣ оид ба омодагии мамлакат барои гузариш ба пахши рақамӣ ҷавоб додан лозим аст. **Барои он ки самараи мусбати зоҳиршавандаи рақамикунонӣ дар соҳаи пахш – ҳанӯз то оғози ин раванд – ба даст оварда шавад, бояд тартиби муайян, гуногунандешӣ ва гуногунрангии пахш вуҷуд дошта бошад ва танзимкунандаи мустақил фаъолият намояд.** Рақамикунонӣ барои ҳалли мушкилоти мавҷудаи асосҳои ҳуқуқии пахши ҷамъиятӣ ё инҳисори давлат ба системаи паҳнкунии сигнал қодир нест. Ба раванди гузариш ба пахши рақамӣ ҷанбаҳои гуногуни системаи дар мамлакат мавҷудаи алоқа, пеш аз ҳама – масъалаи усули дастрас намудани барномаҳо (фарогирии аҳолӣ бо телевизиони кабелӣ, Интернети фароҳраҳ, пахши бевоситаи моҳвора ва дигар усулҳои паҳнкунӣ) таъсир мерасонанд. Ин ҷанба бо масъалаи миқдори приставкаҳои рақамии барои аҳолӣ зарур алоқаманд аст.

Азбаски рақамикунонӣ тағйиротро дар шароити мавҷудияти иштирокчиёни ин раванд пешбинӣ менамояд, раванди мазкурро бодиққат ба нақша гирифтан муҳим аст. Қадами аввалин одатан аз тарафи ҳукумат ё парламенти мамлакат қабул

шудани нақшаи гузариш ба пахши рақамӣ мебошад. Дар таҳияи он бояд ширкатҳои хусусӣ, ширкатҳои пахши ҷамъиятӣ, танзимкунанда дар соҳаи пахш иштирок намоянд; зарур аст, ки ин нақша ҳуҷҷати сиёсии маҳдуди ҳизбӣ набошад. Оид ба зарурати омодагии аризишманд ба рақамикунонӣ ташкилотҳои байналхалқӣ, ба мисли Иттиҳоди Аврупо ва Шӯрои пахши Аврупоӣ ҳарф мезананд. Чунин омодагӣ барои риояи аниқияти ҳуқуқӣ муҳим аст, зеро яке аз принсипҳои муҳими давлати ҳуқуқбунёд мебошад. Ба ибораи дигар, ҳангоме ки тартиби устувор ва боэътимоди ҳуқуқӣ вуҷуд дорад, фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ пешбинишаванада аст ва шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ бошанд барои пешакӣ муайян намудани ӯҳдадориҳои худ қобилият доранд.

Хомӯш накардани пахши аналогӣ то пурра фарогирии аҳолӣ бо сигнали рақамӣ муҳим аст. Ин чунин маъно дорад, ки ба мақсади ба ҳисоб гирифтани тағйирёбии суръати рақамикунонӣ санаи хомӯш кардан метавонад ба вақти дигар гузаронида шавад. Имконияти сарфа намудани вақт барои банақшагирӣ бо ном «оғози мулоим»-ро дар бар мегирад, яъне ки басомадҳои озод истифода бурда мешавад ва раванд марҳила ба марҳила мегузарад. Ҳолати ноқулай дар ин маврид ворид намудани пахши мувозӣ (баробар) дар реҷаи аналогӣ ва рақамӣ аст. Вале гузариши марҳила ба марҳила ба пахши рақамӣ аз минтақа ба минтақа барои аз хатоҳо сабақ гирифтан ва минбаъд ба онҳо роҳ надодан имконият медиҳад, ҳамзамон реҷаи Иттифоқи байналхалқии алоқаи барқӣ умуман барои ба дарозо кашондани раванди рақамикунонӣ имконият намедиҳад. Такондиҳандаи раванди рақамикунонӣ худи бозор мебошад. Ҳамзамон ҳамоҳангсозии пахшкунандагон ба мақсади гузариши мувофиқ ва сарфакорона (масалан мувофиқа намудани реҷаи гузариш) зарур аст. ИА чунин мешуморад, ки он мамлакатҳои иштирокчие, ки на фақат ба бозор, балки ба сиёсати возеҳи фаъолияти пахшкунандагон такя мекунанд, барои тезтар гузаштани ин марҳила қодиранд. Нишондиҳандаи муҳими ҳамоҳангсозии фаъолиятҳо бастани созишномаҳо дар бораи мӯҳлатҳои давраҳои гуногуни

рақамикунонӣ мебошад. Комиссияи Аврупо дар меморандуми худ нишон медиҳад, ки чунин сиёсат ба қувваҳои бозор, ки дар пешниҳод намудани технологияву хизматрасониҳои рақамӣ аниқияти бештаре медиҳад, ба онҳо барои ҳавасманд намудани талабот кӯмак мерасонад[29].

Рақамикунонӣ ба технологияҳои гуногун таъсир мерасонад. Вале дар аксари ҳолатҳо накшаи гузариш ба пахши рақамӣ ба интиқоли сигналҳо тавассути пахши эфирӣ, на масалан кабелӣ ё моҳворагӣ, диққати бештаре медиҳад. Ҳамзамон дар тартиботи муосири ҳуқуқӣ принсипи бетарафии технологӣ вуҷуд дорад, ки маъноаш мутобиқи санадҳои ҳуқуқиву мёъёрӣ роҳ надодан ба истифодаи афзалиятноки як технологияи иттилоотӣ нисбат ба дигараш аст. Фақат андешидани тадбирҳои мутаносибе роҳ дода мешаванд, ки умуман ба инкишофи намудҳои технология, масалан, ба инкишофи самаранокии доираи басомадҳои радиоӣ, равона карда шудаанд.[30] Дар ҳар ҳолат **то қадри имкон корҳои ташкилиро дар реҷаи машварат бо тарафҳои манфиатдор,** аз ҷумла бо намояндагони соҳаи пахши телевизион ва радио ва шаҳрвандон зудтар ба роҳ мондан лозим аст.

Рақамикунонӣ набояд боиси кам шудани гуногунрангӣ ва гуногунандешӣ гардад ва набояд ҳамчун баҳона барои ворид намудани маҳдудияти озодӣ ва мустақилияти пахшкунандагон истифода бурда шавад. Агар дар мамлакат гуногунандешӣ ва гуногунрангии пахш набошад, беҳтараш рақамикунониро мавқуф гузошта маҳз ба ҳамин вазифаҳои аввалдараҷа машғул шудан лозим аст. Рақамикунонӣ масъалаҳои нави танзим ва сиёсатро ба миён мегузорад, имкониятҳои навро фароҳам меоварад ва мушкилоти навро низ ба вуҷуд меоварад. Қонунгузорӣ на танҳо бояд масъалаҳои мазкурро ҳал намояд, балки ба ин раванд мусоидат намояд.

Барои фишурдани маълумот дар шакли битҳо, ки интиқол додан ва рамзкушоӣ намудан мумкин аст, стандартҳои гуногуни рақамии фишурдашавии видео

---

29 COM (2005) 204 «Оид ба тезонидани гузариш аз пахши аналогӣ ба рақамӣ», ниг. http://ec.europa.eu/information_society/policy/ecomm/doc/info_centre/communic_reports/switchover/com_2005_0204_f_en_acte.pdf

30 Дар ҳамон ҷо

(компрессия) ва қолабҳои файлҳо истифода бурда мешаванд. Маҷмӯи стандартҳоро Гурӯҳи коршиносон оид ба аксҳои мутаҳаррики назди Ташкилоти байналхалқии стандартикунонӣ (ISO) таҳия намудааст. Ин стандартҳо, ки бо ихтисораи номи англисии ин гурӯҳ номгузорӣ карда шудаанд (Moving Pictures Expert Group) рақамҳои гуногун доранд, ки ба насли гуногуни онҳо ҷавоб мегӯянд ва одатан рамзкушоҳои ҳархеларо талаб мекунанд. Стандарти MPEG2 дар мамлакатҳое ба таври васеъ истифода бурда мешавад, ки аввалин шуда рақамикунониро гузарониданд. Имрӯз барои воридкунии телевизиони рақамӣ стандарти MPEG-4 бештар шӯҳрат дорад. Таҷҳизоти MPEG-4 метавонад барои қабули мавҷҳо дар стандарти MPEG-2 истифода бурда шавад, на баръакс. MPEG-4 бартариятҳои худро дорад, вале онҳоро фақат ба шарте амалӣ кардан мумкин аст, ки агар масъала дар худи оғози раванд ҳал карда шавад. Дар акси ҳол одамонеро, ки аллакай як намуди таҷҳизотро доранд, барои харидани таҷҳизоти дигар ва ба замми он қимат, бовар кунонидан душвор аст. Чунин мушкилот имрӯз дар мамлакатҳое мавҷуд аст, ки аллакай рақамикунониро гузаштаанд, масалан Шветсия.

### 5.2. Иштироки ҷомеа дар банақшагирии рақамикунонӣ

Рақамикунонӣ – ҳодисаи муҳимтарин дар инкишофи системаи пахш аст ва барои истифодабарандагон, инчунин барои тамоми соҳа мароқовар мебошад. Бояд ба имконияти максималии иштироки аҳолӣ дар таҳияи стратегия аҳамияти калон дода шавад. Шояд, мақомоти махсус оид ба масъалаҳои рақамикунонӣ, аз ҷумла масъалаҳои таъминоти иттилоотии он, ташкил намудан лозим аст. Чунин мақом дар тарғибу мубоҳисаҳои ҷамъиятӣ атрофи масъалаҳои рақамикунонӣ метавонад нақши муҳим бозад. Вай ҳамчунин бояд бо танзимгари мустақил ҳамкорӣ намояд. Дар омади гап, чунин мақом дар бисёре аз мамлакатҳо аллакай вуҷуд дорад. Қисмати муҳими раванди рақамикунонӣ ҳавасмандгардонии манфиат ва талабот ба телевизиони рақамӣ, инчунин хоҳиши ихтиёрӣ ба каналҳои рақамӣ гузаштан ва талабот ба приставкаи рақамии телевизионӣ мебошад. Ҳоло шавқу ҳаваси гузариш ба пахши рақамӣ дар Аврупо бисёр умедбахш нест, ки ин бори дигар аҳамияти маъракаҳои иттилоотиро дар ҳавасмандгарадонии манфиати шаҳрванд ва фаҳмиши боидроконаи равандҳои пайдошуда таъкид менамояд. Маъракаҳои иттилоотӣ дар Британияи Кабир, Финландия ва Шветсия дар Интернет намунаи онро пешниҳод

менамояд, ки дар рафти рақамикунонӣ чӣ гуна шавқу ҳавас барангехта ва донишҳо интишор меёбанд.

Дар Британияи Кабир аз тарафи пахшкунандагони ҷамъиятӣ ва операторони мултиплексҳо барои амалӣ намудани рақамикунонӣ ташкилоти ғайритиҷоратие бо номи «Британияи Кабири рақамӣ» ( анг. Digital UK) ташкил карда шуд. Вазифаҳои он аз ҳамоҳангсозии корҳои таъминоти техникӣ дар ташкили шабакаи пурзӯри пахши рақамии рӯизаминӣ; иттилоотонии аҳолӣ дар масъалаҳои гузариш ба пахши ҷамъиятӣ (то ин ки ҳар кас бояд донад, ки чӣ шуда истодааст, кай ва чиро иҷро кардани вай зарур аст), инчунин ҳамкорӣ бо тарафҳои манфиатдор барои таъмини дарк ва дастгирии барномаи рақамикунонӣ аст[4].

4 Ниг. Интернет саҳифаи ин ташкилот: http://www.digitaluk.co.uk/

Вазифаҳои тазимкунанда ҳатто дар ҳолате, ки танзимкунанда дар интихоби каналҳо иштирок мекунад, хеле муҳим аст. Зарур аст, ки қарорҳои қабулшаванда дар асоси меъёрҳои маъмулӣ ва воқеӣ сурат гиранд. Эҳтимолияти дахолати мақомоти танзмикунандаро дар низои ширкатҳои гуногуне, ки дар раванди рақамикунонӣ ширкат доранд, масалан, дар баҳсҳои пахшкунандагон бо оператори мултиплексҳо оид ба интихоби каналҳо барои намоиш пешбинӣ намудан зарур аст. Дар робита бо ин, назорат аз болои риояи мустақилияти танзимкунанда аз тиҷорат хеле муҳим аст. Аз ҷумла, алоқаи наздик байни собиқ пахшкунандагони давлатӣ ё соҳиби шабакаи алоқа, аз як тараф ва танзимкунандагон аз тарафи дигар, набояд дастгирӣ карда шаванд, зеро хатари пайдоиши манфиатҳои маҳаллӣ имконпазир аст.

Яке аз принсипҳое, ки Иттиҳодии Аврупо[31] тавсия мекунад, аз он иборат аст, ки ҳар як давлат стратегияи равшани рақамикунониро таҳия менамояд. Дар бисёре аз мамлакатҳо ба ин мақсад ҷомеа ба меъёрэҷодкунӣ ҷалб карда мешавад. Ҳатто бо назардошти он, ки шаҳрвандони қаторӣ дар ин раванди аз ҷиҳати техникӣ мураккаб

31 Тавсияҳои Rec (2003)9 Кумитаи вазирони Шӯрои Аврупо ба давлатҳои иштирокчӣ оид ба чораҳои рушди имкониятҳои демократӣ ва иҷтимоии пахши рақамӣ

фаъолона иштирок карданашон дар гумон аст, ин нуктаро намояндагони соҳа ва дигар шахсони манфиатдор сарфи назар нахоҳанд кард. Саҳми онҳо дар чунин ҷанбаҳои стратегӣ ба мисли мундариҷаи пахш, шароити техникӣ, масъалаҳои инкишофи зерсохтор ва ғайра муҳим аст.

Тавсияи Rec (2003) 9 оид ба чораҳои инкишофи имкониятҳои демократӣ ва иҷтимоии пахши рақамӣ зарурати таҳияи стратегияи миллии рақмикунониро «дар асоси машварат бо намояндагони соҳаҳои гуногуни бо ин раванд алоқаманд ва ҷамъият» нишон медиҳад. Вай ҳамчунин нақши муҳими ҳамкории операторҳои алоқа ва мусоидат намудан ба аҳолӣ дар гузариш ба пахши рақамӣ тавассути иттилоотонии васеи шаҳрвандон, диққати махсус додан ба иттилоотонии шаҳрвандони кӯҳансол ва қишрҳои нисбатан камбизоати аҳолиро нишон медиҳад. Рақамикунонӣ барои кӯмак расонидан ба талаботи махсуси аудиторияи дорои нуқсонҳои ҷисмонӣ қодир аст. Дар бораи ба истифодабарандагон дастрас будани идоракунии телегиди электронӣ ва асбобҳои қабулкунӣ диққат додан лозим аст[32]. Боз як омили муҳими муваффақияти рақамикунонӣ таҳия ва татбиқи стратегияи самараноки иттилоотонии истифодабарандагон оид ба барномаҳои нави телевизиони рақамӣ ва таҷҳизоти барои қабули онҳо зарур мебошад.

## 5.3 Кӯмак ба аҳолӣ

Муносибатҳои гуногуни амалӣ нисбат ба таъмини аҳолӣ бо приставкаҳои рақамии телевизионӣ вуҷуд доранд. Ба дутои онҳо «Мақомоти танзимкунандаи платформаи Аврупоӣ» (МТМА) ишора менамояд:

1. Маблағҷудокунӣ ё расонидани ёрии дигари молиявӣ ба шаҳрвандон ба мақсади барои харидани таҷҳизоти қабулкунанда водор намудани онҳо.
2. Гузаронидани сиёсати стандартикунонии техникӣ, ки ба паҳнкунии таҷҳизоти қабулкунанда ё таъмини телеприёмникҳо бо чунин таҷҳизот мусоидат менамояд[33].

32 COM (2005) 204 «Оид ба тезонидани гузариш аз пахши аналогӣ ба рақамӣ»
33 Working Group on Digital Terrestial in EPRA Countries. Final Report. 2 June 2004. саҳ.49 Ниг. ба расонаи расмии ташкилоти байнидавлатии «Платформаи Аврупоии мақомоти танзимкунанда» (ПАМТ): http://www.epra.org/content/english/press/papers/DTTWG_finalreport.doc

Намунаи мамлакате, ки аз ҷиҳати ҳуқуқӣ чораҳои дастгирии молиявии аҳолиро пешбинӣ менамояд, **Итолиё** мебошад. Қонуни дар ин ҷо қабулшуда имтиёзҳои андозро барои шаҳрвандоне пешниҳод намуд, ки соли 2007 телевизорҳои дорои тюнерҳои васлшуда (встроенный) TPP ва рамзкушо (декодер)-ҳои рақамӣ харидаанд[34]. Имтиёзи андоз аз даромад баробар ба 20 фоизи нархи таҷҳизоти харидашуда, вале на зиёдтар аз 200 евро барои оила аст; барои ин ҳадафҳо буҷет он вақт 40 млн. евро ҷудо карда буд.[35]

Барои аҳолӣ гузариш ба пахши рақамӣ маънои зарурати харидани таҷҳизоти нав барои қабул ва рамзкушоӣ кардани сигнали рақамӣ, яъне хароҷоти муайянро дорад. Барои аз ҳар гуна шакли поймолкунии ҳуқуқ ва хатари «нобаробарии рақамӣ»-и доираҳои гуногун ва категорияҳои ҷамъият дурӣ ҷустан, Иттиҳоди Аврупо ба давлатҳои иштирокчӣ ба роҳи кам намудани нархи чунин таҷҳизот, аҳамияти махсус доданро пешниҳод менамояд.[36]

Мувофиқи ин тавсияҳо **Британияи Кабир** соли 2005 бо ном «системаи кӯмак дар рафти рақамикунонӣ»-ро ташкил намуд, ки он мусоидат ба шаҳрвандони аз 75 сола боло, маъюбон, шахсони қисман ё пурра қувваи босираашон аз даст додаро пешбинӣ менамояд. «Системаи кӯмак» таҳти идоракунии Би-би-си қарор дорад ва таҷҳизоти қабулкунандаро барои телевизорҳои мавҷуда тақсим менамояд, барои ба роҳандозии он кӯмак мерасонад, хизматрасониҳои зарурӣро оид ба беҳтар намудани кори антенаҳои фардӣ пешниҳод менамояд. Барои иддае аз шаҳрвандони ин гурӯҳ, ки соҳиби имтиёзҳои муайяни давлатианд, ҳамаи ин ройгон мебошад, дигарон бошанд 40 ф.ст. ба сифати ҷуброни қисме аз хароҷот пардохт менамоянд.[37]

---

34 Қонун дар борaи буҷет барои соли 2007, № 296/2006 аз 25-уми декабри с. 2006, бандҳои 357 ва 361. Ниг. http://europa.eu/rapid/pressReleasesAction.do?reference=IP/07/960&format=HTML&aged=0&language=EN&guiLanguage=en#fn1

35 Худи ҳамон ҷо. Чунин чораҳо дар дигар мамлакатҳо, масалан Австрия андешида шудаанд.

36 Замима ба Тавсияҳои Rec (2003)9 Кумитаи вазирони Шӯрои Аврупо ба давлатҳои иштирокчӣ оид ба чораҳои рушди имкониятҳои демократӣ ва иҷтимоии пахши рақамӣ

37 Prosser T. Legislation to Permit Disclosure of Data to Assist Help in Digital Switchover / IRIS 2007-9:15/20. Ниг.: http://merlin.obs.coe.int/iris/2007/9/article20.en.html Ниг. инчунин ба: http://www.opsi.gov.uk/acts/acts2007/en/ukpgaen_20070008_en.pdf

Дар **Литва** ҳукумат соли 2010 дар бораи тартиби ҷуброни хароҷот барои харидани таҷҳизоти барои қабули телевизиони рақамӣ зарур қарор қабул намуд. Мувофиқи ин ҳуҷҷат оилаҳои камбизоат ва шаҳрвандон (яъне онҳое, ки даромади сарикасии ҳармоҳаи камтар аз 525 лит ё 125 евро доранд) ҳуқуқи ҷуброни ин хароҷотро аз ҳисоби буҷети давлат барои харидани приставкаҳои телевизионҳои рақамӣ доранд. Раванди ҷуброн шаш моҳ қабл аз дар мамлакат хомӯш кардани шудани телевизиони аналогӣ оғоз мегардад ва се моҳ баъд аз хомӯшкунӣ ба анҷом мерасад.[38]

## 5.4. Қонунгузорӣ

Гузариш ба пахши рақамӣ тағйироти мусбатро дар бар мегиранд, вале он хатарҳои муайянро низ дар худ дорад. Ба он тавре омода шудан лозим аст, ки он ба манфиати аҳолӣ, пахшкунандагон ва умуман соҳаи аудиовизуалӣ гузаронида шавад. Бояд тавозун байни манфиатҳои иқтисодӣ ва талаботи ҷамъиятӣ ёфта шавад, вале афзалияти манфиатҳои дарозмӯҳлати шаҳрвандон бояд аниқ муайян карда шавад. Дар солҳои наздик монеа дар роҳи гузаштан аз як система ба дигар система бояд бартараф карда шавад, вале бартарияти дурнамои пахши рақамӣ маълум аст.

Ҳам Комиссияи Аврупоӣ ва ҳам Шӯрои Иттиҳоди Аврупо чунин мешуморанд, ки чунин гузариш танҳо раванди техникӣ нест. Дар заминаи оқибатҳои эҳтимолии иқтисодиву иҷтимоии гузариш ба пахши рақамӣ Комиссияи Аврупоӣ барои давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Аврупо як қатор меъёрҳои муносибати сиёсиро ба рақамикунонӣ таҳия  намуд. Асос он шуморида мешавад, ки қувваҳои ҳаракатдиҳандаи ин раванд бояд иштирокчиёни бозор ва талаботи истеъмолкунандагон бошанд. Вобаста ба ин, гомҳое ки давлат дар ин самт мегузорад бояд «ошкоро, асоснок, мутаносиб ва саривақтӣ бошанд», бояд «ҳадафҳои мушаххаси сиёсӣ ва возеҳ баёншуда ва ба ҳалли мушкилоти бозор равона шуда бошанд». Онҳо набояд хусусияти поймолкунии ҳуқуқро дошта бошанд, бояд ба принсипи бетарафии технологӣ мувофиқ бошанд.[39]

38 le mantait J.Order on Remuneration of the Acquisition Costs of Set-Top-Boxes Approved /IRIS 2010-3/30. Ниг.: http://merlin.obs.coe.int/iris/2010/3/article30.en.html

39 Тавсияҳои Rec (2003) 9 Кумитаи вазирони Шӯрои Аврупо ба давлатҳои иштрокчӣ нисбати ҳавасмандгардонии саҳми демократӣ ва иҷтимоии пахши рақамӣ

Давлатҳо бояд чорчӯбаҳои ҳуқуқӣ ва стратегияи пахши рақамиро таҳия намоянд. Ин хоҳиши Иттиҳоди Аврупо дар Тавсияҳои аллакай ёддоваршуда оид ба чораҳои инкишофи имкониятҳои демократию иҷтимоии пахши рақамӣ баён шудаанд. Ин ҳуҷҷат давлатҳои иштирокчиро барои «Ташкили шароити ҳуқуқию иқтисодии барои инкишофи пахши рақамӣ зарур» даъват менамояд. Он ҳамчунин таҳияи стратегияи дақиқеро пешбинӣ менамояд, ки гузариши қатъиян фикркардашударо аз пахши аналогӣ ба рақамӣ сабук менамояд. Чунин стратегия «бояд ба инкишофи ҳамкории операторҳо, ҳамдигарро пурракунии платформаҳо, ҳамдигарро ивазкунии рамзкушоҳо, аз ҷумла барномаҳои пахши эфирии телевизион ва радиои дастрасиашон озод, ба таври васеъ истифода бурдани он имкониятҳои нодире, ки барои баррасӣ намудани технологияи рақамӣ дар натиҷаи азнавтақсимкунии зарурии басомадҳо қодир аст, ҷаҳд намояд».

Стратегияи рақамикунонӣ набояд дар натиҷаи гуфтушунидҳои пӯшидаи тиҷорат ва ҳокимият таҳия ва қабул карда шавад, баръакс чунин гуфтушунидҳо бояд таҳти назорати муҳокимаи васеи ҷамъият ба мақсади таъмини гуногунандешии пахши телевизион ва радио ва таъмини аҳолӣ ба дастрасии васеъ ва гуногунрангии барномаҳои баландсифат гузаранд. Хуб мешавад агар стратегияи қабулшуда дар қонунгузории нав, ки аз тарафи парламент қабул карда мешавад, инъикос гардад ва бо қарорҳои ҳукуматӣ ва фармонҳои президентӣ маҳдуд нагардад. Ин ба инкишофи рақамикунонӣ бе расонидани зарар ба принсипи дақиқияти ҳуқуқӣ мусоидат менамояд.

Намунаи ин метавонад раванди ҳуқуқӣ дар Венгрия бошад. Пахши рақамии телевизионии рӯизаминӣ дар ин ҷо соли 2004 пайдо шуд. Лоиҳаи аввалини стратегия моҳи октябри соли 2006 чоп шуд, баъд муҳокимаи думоҳаи он дар ҷомеа баргузор гардид. Ҳукумат варианти ниҳоии стратегияро бо назардошти натиҷаи мубоҳисаҳои ҷамъиятӣ баррасӣ намуд. «Стратегияи миллии гузариш ба пахши рақамӣ» аз тарафи ҳукумат 7 марти соли 2007 тасдиқ гардид ва худи ҳамон вақт қарор шуд, ки иқдомҳои дорои хусусияти қонунгузорӣ барои ба ҳаёт татбиқ намудани он қабул карда шаванд.
Моҳи июни соли 2007 парламенти Венгрия қонуни махсусро дар бораи танзими пахш ва гузариш ба пахши рақамӣ қабул намуд. Ин қонун дақиқ тақсим намудани танзими мундариҷа ва танзими масъалаҳои интиқоли сигналҳоро пешбинӣ намуд. Дар нисбати операторҳои ҳам системаи телевизиони кабелӣ ва ҳам дигар системаҳои паҳнкунии сигналҳо вай як қатор меъёрҳоеро дар бар мегирад, ки ба инкишофи гуногунрангии каналҳои ВАО тавассути аниқ намудани принсипи барои намоиши каналҳо ҳатмӣ нигаронида шудаанд. Дар ин ҷо мақсад нигоҳдорӣ ва инкишофи маданияти миллӣ, гуногунрангии маданӣ ва гуногунандешии ақидаҳо мебошад. Қисми муҳимтарини қонун муайян намудани чорчӯбаҳои ҳуқуқии татбиқи хизматрасониҳои пахши рақамии рӯизаминӣ мебошад. Он ба қонунгузорӣ ворид намудани тафсири чунин мафҳумҳое ба мисли «мултиплекс», «интерфейси барномасозии амалӣ», «телегиди электронӣ» ва «хизматрасонии интерактивии рақамии телевизионӣ»-ро дар бар мегирад. Ҳуҷҷат ҳамчунин мафҳуми тартиби истифодаи басомадҳо барои мақсадҳои пахш ва маҷмӯи қоидаҳоеро ворид менамояд, ки ба рақобати хизматрасониҳои рақамӣ мусоидат мекунанд.
Ин қонунро пайгирӣ намуда, мақомоти ҳокимияти иҷроия ва кумитаи парламентӣ эълонҳоро дар бораи гирифтани иҷозатномаи идоракунии мултиплексҳо таҳия ва чоп намуд[5]. Чунин озмуни мултиплексҳои миллии пахши рӯизаминӣ, бо ғолибон бастани шартномаҳо оид ба амалӣ намудани ТРР ва оғози пахши рақамӣ соли 2008 ташкил карда шуданд.

5 Lengyel M. Act on Digital Switchover and Amendment of the Broadcasting Act /IRIS 2007-8:14/23.

Мисолҳои дигар аз қонунҳо дар бораи пахши рақамӣ вуҷуд доранд, ки дар мамлакатҳои САҲА қабул шудаанд.

Моҳи марти соли 2007 қонун дар бораи пахши рақамӣ дар **Словакия** қабул карда шуд[6]. Дар **Ирландия** гузариш ба пахши телевизиони рақамии рӯизаминӣ дар қонун оид ба пахш соли 2001 муқаррар карда шуд. Дар **Итолиё** қонун дар бораи пахш аз соли 2004 фасли махсус оид ба телевизиони рақамӣ дорад.
Дар **Чехия** асоси ҳуқуқии телевизиони рақамӣ аз тарафи парламент бо роҳи илова намудани тағйирот ба қонун дар бораи ВАО муайян карда шуд. Дар он таърифи ҳуқуқии чунин истилоҳоте ба мисли «телегиди электронӣ», «шабакаи алоқаи электронӣ ва «хизматрасониҳои пахш» пайдо шуданд. Меъёрҳо нисбат ба мафҳуми тамаркуз дар доираи пахши рақамӣ низ илова карда шуданд. Пахшкунандагоне, ки ба онҳо басомадҳои истифодашудаи аналогӣ баргардонда мешаванд, мувофиқи нақшаи техникии рақамикунонӣ иҷозтномаи иловагиро барои барномаи телевизиони рақамӣ пешниҳод менамоянд. Салоҳияти Иттифоқи пахш ва Идораи алоқаи барқӣ аз нав тақсим карда шуданд, то ин ки танзими мундариҷа ва танзими масъалаҳои интиқоли сигналҳо пурра тақсим карда шаванд[7].

6 Zakon.220/2007 Z.z. z.29. marca 2007 o digitalnom vysielani progravych sluzeb a poskytovani inych obsahovych sluzeb prostrednictvom digitalneho prenosu a o zmene a dopjneni neiktorich zakonov (zakon o digitalnom vysielani). Ниг.: http://www.culture.gov.sk/ministerstvo/legislatva2/prvnepredpisy-v-oblasti-kultry/zkony/zkon-.-220/2007

7 Fuik J. Czech Republic: Switchover to DVB /IRIS 2006-6:7/10/ Ниг.: http://merlin.obs.coe.int/iris/2006/6/article10/en/html

# Боби 6. Аудитория: масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ

Барои он ки аудитория аз бартариятҳои рақамикунонӣ, васеъкунии интихоб, беҳтар намудани сифати барномаҳо истифода барад, ба он диққат додан лозим аст, ки оё ҳамаи гурӯҳҳои ҷамъиятӣ бо ивазкунии воситаҳои қабули сигналҳо дастрасӣ ба пахши рақамӣ доранд? Рақамикунонӣ ҳамчунин масъалаеро ба миён мегузорад, ки чӣ гуна аҳолӣ ба барномаҳои гуногунранг ва баландсифат аз рӯи нархҳои қобили қабул дастрасӣ дошта метавонанд. Ин масъалаҳои имконият ва усули гирифтани субсидияро (ёрии пулӣ) барои харидани таҷҳизот ва аз тарафи пахшкунандагон риоя шудани зарурати таъмини дастрасии ҳаматарафаро дар бар мегиранд.

## 6.1. Масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва дастрасӣ ба пахш

**Рақамикунониро ба нақша даровarда, дар бораи инсон фикр кардан лозим аст,** ба таъбири дигар, дар баробари дигар омилҳо ин дар назар гирифтани фарогирии аҳолӣ бо пахши рақамист, на фарогиии масоҳату минтақаҳо. Ба ин Иттиҳоди Аврупо аҳамият медиҳад[40]. Эъломияи Иттиҳоди Аврупо оид ба азхудкунӣ ва идоракунии дивиденди рақамӣ ва дар бораи манфиатҳои ҷамъиятӣ («Эъломия дар бораи дивиденди рақамӣ») муқарраротеро дар бар мегирад, ки аз давлат мусоидат дар таъмини дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои аудиовизуалиро талаб мекунад[41]. Тавсияи Rec (2007) 3-и Кумитаи вазирони Иттиҳоди Аврупо оид ба рисолати пахши ҷамъиятӣ дар ҷомеаи иттилоотӣ ба давлатҳои иштирокчӣ пешниҳод мекунад: «таъмини дастрасии ҳаматарафа ба ВАО-и ҷамъиятӣ бо ёрии воситаҳои гуногуни техникӣ ба ҳамаи шахсон ва гурӯҳҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла ақаллиятҳо ва гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ пешниҳод карда шавад».

40 Тавсияи Rec (2003)9 Кумитаи вазирони Иттиҳоди Аврупо ба давлатҳои иштирокчӣ оид ба чораҳои рушди имкониятҳои демократӣ ва иҷтимоии пахши рақамӣ

41 Эъломияи Кумитаи вазирон оид ба азхудкунӣ ва идоракунии дивидендҳо ва дар бораи манфиати ҷамъиятӣ (on the allocation and management of the digital dividend and the public interest). Аз тарафи Кумитаи вазирон 20-уми феврали соли 2008 дар маҷлиси 1018-уми муовинони вазирон қабул карда шудааст.

Ба ин тариқ, омили муҳимтарин дар банақшагирӣ он масъалае мегардад, ки чӣ тавр имконияти истифодаи технологияҳои нав (бо бартарияти эҳтимолии онҳо) ба шумораи максималии одамон барои некуаҳволии шахсиашон таъмин карда шавад. Ин маънои диққати махсус додан ба гурӯҳҳои осебпазири аҳолиро мефаҳмонад, ки онҳо метавонанд имконият ё кӯшиши истифода бурдани пахши рақамиро надошта бошанд. Дастгирии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ ва одамони имконияташон маҳдуд аз чӣ иборат аст? Дастурамали ИА «Телевизиони бемарз» (дар таҳрири Дастурамал дар бораи медиа-хизматрасониҳои аудиовизуалӣ) давлатҳоро ӯҳдадор менамояд, ки медиа-хизматрасонҳоро водор созанд то батадриҷ доираи барномаҳои барои шахсони қобилияти биноӣ ва шунавоияшон халалдоршударо васеъ ва дастрас намоянд.

Бартарияти пахши рақамӣ илова ба имконияти зиёд намудани миқдори барномаҳо дар он аст, ки он қодир аст тавассути конвергенсияи технология ба аҳолӣ дигар намуди хизматрасониҳои иттилоотро пешниҳод намояд. Хизматрасониҳои гуногуни барои ҷомеаи иттилоотӣ хос беш аз пеш метавонанд худи ҳамон як воситаи интиқоли сигналро истифода баранд ва аз ҷониби як баста расонда шаванд ё худи ҳамон як зерсохтор (лоақал қисман) ва таҷҳизоти қабулкунандаро истифода баранд. Дар сурати ба роҳ мондани сиёсати дурусти рақамикунонӣ кам намудани нобаробарӣ дар гирифтани чунин хизматрасониҳо ва васеъ намудани дастрасӣ ба иттилоот имконпазир аст. Вале он далел, ки барои аудитория акнун приставкаҳои рақамии телевизионӣ ва барои пахшкунандагон бошад – таҷҳизоти нави интиқолдиҳанда зарур аст, метавонад боиси паст шудани имконоти ба давраи гузариш мувофиқ гардад. Дар чунин ҳолат хатари инкишофи нобаробарии гуруҳҳои гуногуни аҳолӣ, ки бо мавқеи гуногуни иқтисодию ҷуғрофӣ замина доранд, пайдо мешавад.

## 6.2 Гуногунандешӣ, на зиёдкунии одии миқдори каналҳо

Ҷузъи муҳими ин раванд таъмини маҳз гуногунандешист, на зиёдкунии одии миқдори каналҳо. Қолаби умумӣ барои Аврупо инкишофи якчанд мултиплекси телевизиони рақамӣ мебошад, аз ҷумла бастаи барномаҳои эфирии дастрасиашон озод барои ҳамаи онҳое, ки таҷҳизоти зарурии қабулкунанда ва бастаи дигар барномаҳои музднокро доранд. Зиёдшавии миқдори онҳо марҳила ба марҳила ба вуҷуд меояд. Яке аз вазифаҳои раванди рақамикунонӣ – роҳ надодан ба фарқияти аз ҳад зиёди нобаробарии дастрасӣ ба иттилоот байни онҳое мебошад, ки ба каналҳои музднок шомиланд ва онҳоест, ки чунин имкониятро надоранд. Бастаи барномаҳои эфирии дастрасиашон озод бояд каналҳои гуногуннавъро дар бар гирад, ки талаботи гуногуни тамошобинонро қонеъ менамоянд. Ба зумраи ин каналаҳо ҳамеша пахши ҷамъиятӣ дохил карда мешавад.

Миқдори пакети каналҳои ройгони мамлакатҳо фарқ мекунад. Дар аксари мамлакатҳои аврупоӣ ба ғайр аз пахши мавҷудаи ҷамъиятӣ ва дигар каналҳои эфирӣ ба ин баста лоақал як канали иловагӣ дохил мешавад. Масалан, канали шабонарӯзаи навигариҳо (ба мисли Шветсия ва Финландия), ки моҳиятан хизматрасонии ҷамъиятиро пешниҳод менамоянд[42]. Вале мултиплексҳои барномаҳои музднокро низ бояд каналҳои гуногун пешниҳод намоянд ва интихоби онҳо, ки аз тарафи танзимкунандаи мустақил иҷро мешавад, бояд ба меъёрҳои воқеӣ ва равшан асоснок шуда бошад. Агар интихоб аз тарафи соҳиби мултиплекс амалӣ гардад, пас танзимкунанда бояд барои назорати иҷрои қоидаҳо имкон ва ҳуқуқи дахолат дар ҳолати ихтилофҳои имконпазир дошта бошад.

## 6.3 Кумаки молӣ барои харидани таҷҳизоти қабулкунанда

Масъалаи муҳим он аст, ки чӣ тавр ва ба кадом андоза ба аҳолӣ барои харидани таҷҳизоти қабулкунанда кумаки молӣ расондан лозим аст. Пеш аз ҳама аниқ кардан лозим аст, ки аҳолӣ чӣ гуна сигнали пахши аналогии телевизонро қабул менамояд ва миқдори тамошобинони пахши кабелӣ ё бевоситаи моҳворагӣ чӣ қадар

42 Тавсияҳои Rec (2003)9 Кумитаи вазирони Шӯрои Аврупо ба давлатҳои иштирокчӣ оид ба чораҳои рушди имкониятҳои демократӣ ва иҷтимоии пахши рақамӣ

аст. Ин барои фаҳмидани он имконият медиҳад, ки чӣ қадар маҷмӯи таҷҳизоти қабулкунанда ва кадом навъ талаб карда мешавад. Он масъала низ муҳим аст, ки оё истифодабарандагони зиёд мустақилона рамзкушоҳоро харидорӣ мекунанд, барои хизматрасониҳои иловагӣ аъзо мешаванд ва талаботи воқеӣ ба таҷҳизоти иловагӣ чӣ гуна аст.
Барои ҳимояи манфиатҳои истифодабарандагон риояи қоидаҳои равшан, ошкор ва одилона нисбати имконияти гирифтани таҷҳизоти ройгони қабулкунанда, масалан приставкаи рақамии телевизионӣ ё кӯмаки молиявӣ дар харидани он аҳамияти калон дорад. Қайд кардан зарур аст, ки рӯйхати қолабии меъёрҳои кӯмаки иҷтимоӣ аз сабаби шароити гуногуни ҳаёт дар мамлакатҳои САҲА вуҷуд надорад.

Таҷрибаҳои тақсими ройгони таҷҳизот ба аъзои ТРР дар он мамлакатҳое, ки рақамикунонӣ бештар аз дигарон таҷриба карда шудааст, масалан, дар Испания ва Британияи Кабир, аз сабаби таваҷҷӯҳи пасти истифодабарандагон, муваффақият пайдо накард.

Ба зиммаи давлат масъулияти барои ҳама таъмин намудани имконияти иштирок дар раванди мазкур вогузор карда мешавад. Хароҷоти умумиро барои рақамикунонӣ баҳо дода истода, ба онҳо хароҷоти маъмуриро низ илова кардан лозим аст, ки бо тақсими таҷҳизоти субсидияшавандаи қабулкунанда алоқаманд аст. Дар он ҷое, ки рақамикунонӣ аллакай гузаштааст (дар Финландия ва Шветсия, инчунин дар Берлин) приставкаҳои рақамии телевизионӣ тақсим ё чун кумаки молӣ дода нашуданд. Дуруст аст, ки дараҷаи инкишофи иқтисодии ин минтақаҳоро ба назар гирифтан лозим аст – ҳамаи онҳо нисбатан бой мебошанд ва нархи приставка барои аксарияти аҳолӣ дастрас мебошад. Қайд кардан зарур аст, ки қоидаи кӯмаки имконпазири молиявӣ ба аҳолӣ ҳамеша аз шароити мушаххаси мамлакат бармеояд. Дар бисёре аз мамлакатҳо дарк кардани бартарияти пахши рақамӣ аз хоҳиш надоштани бисёриҳо бо хароҷот барои таҷҳизот, махсусан ҳангоме ки шароити бозор зиёдшавии нархро ба чунин таҷҳизот боз медорад, зиёдтар аст[43]. Гоҳо додани иттилоот ба аҳолӣ оид

43 Дар давлати бузург, масалан, дар Британияи Кабир шумораи каналҳои эфирии дастрасии озод метавонад то ба 30 расад, ҳол он ки дар Шветсия 6 ва дар ФИнландия 5 ва илова радиобарномаҳо

ба бартарияти натиҷаҳои рақамикунонӣ кифоя аст ва саҳмгузориҳои нисбатан начандон зиёд ба муқовимати истифодабарандагон дучор намегарданд. Вале агар дар мамлакат бисёриҳо камбизоат бошанд, эҳтимолияти он вуҷуд дорад, ки ҳангоми набудани кӯмаки молиявӣ одамон аз пахш – сарчашмаи муҳими иттилоот дур мемонанд. Онҳо наметавонанд аз хизматрасониҳои нави рақамӣ истифода баранд ва бартарияти фоидаи рақамиро ба даст намеоранд.

Ба ғайр аз масъалаҳои амалӣ оид ба тартиб ва нархи лоиҳаҳои расонидани кумаки молӣ барои тақсими декодерҳо дар чунин барномаи иҷтимоӣ имконнопазир будани фароҳам овардани бартариятҳо фақат барои қисме аз пахшкунандагонро, яъне ташкили шароити нобаробари рақобати онҳоро пешбинӣ кардан лозим аст.

Дар ин ҷо диққат додан ба натиҷаҳои тадқиқоте, ки Комиссияи Иттиҳоди Аврупо дар нисбати Италиё аз сабаби вайронкунии имконпазири ҳуқуқи ИА дар модели миллии расонидани кӯмак барои дарёфти приставкаҳои рақамии телевизионӣ гузарондааст, мувофиқи мақсад аст. Шикоятҳое, ки дар асоси онҳо моҳи декабри соли 2005 ин тадқиқот шурӯъ гардид, аз тарафи рақибони бозори хизматрасониҳои алоқа пешниҳод гардиданд. Комиссияи Аврупоӣ муқаррар намуд, ки ҳатто чораҳои ба ҳимояи бо ном манфиатҳои умумӣ[8] равонашуда (масалан, рақамикунонӣ) бояд ба ҳадафҳо мувофиқ бошанд ва ба рақобат зарар нарасонанд. Шарҳи ҳукумати Италиё дар бораи он, ки кумаки молӣ аз рӯи қоидаҳои дастгирии давлатии хусусияти иҷтимоӣ дошта амалӣ карда шудаст ва набояд мавриди баррасӣ қарор гирад, ба назар гирифта нашуд, зеро кӯмак на фақат ба гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ расонида шуда буд. Амалан операторҳои дигар бояд худашон ба паҳн намудани таҷҳизоташон машғул мешуданд. Комиссия ҳамчунин бо санадҳое розӣ нашуд, ки кӯмак қисме аз сиёсати хизматрасониҳо ба манфиатҳои умумии иқтисодӣ буд ва пас дар ҳимояи ҳуқуқии давлатҳои иштирокчии ИА қарор дорад[9].

8 Моддаи 14 (собиқ моддаи 16) ва моддаи 106 (собиқ моддаи 86) Шартнома дар бораи фаъолияти Иттифоқи Аврупо
9 Моддаи 107.3c (собиқ моддаи 87.3c) Шартнома дар бораи фаъолияти Иттифоқи Аврупо (Treaty on the Functioning of the European Union).

Азбаски пахши рӯизаминӣ усули асосии дастрасии сигнал дар Италиё мебошад, барномаи кумаки молӣ муваффақияти калон дошт. Ҳукумат кӯшиш намуд, ки сиёсати худро бо нишондодҳо ба манфиати рақамикунонӣ, ба мисли истифодаи оқилонаи басомадҳо ба манфиати гуногунандешии бештар, мусоидат ба инкишофи иқтисодиёт, технологияҳои иттилоотӣ ва хизматрасониҳои ҷамъияти электронӣ муҳофизат намояд. Вале кӯмак дар лоиҳаҳои дастрас намудани хизматрасониҳо ба манфиатҳои умумии иқтисодӣ фақат дар ҳолати бемувафаққият будани механизмҳои бозорӣ имконпазир аст, чораҳои андешидашуда бошанд бояд зарурӣ ва мутаносиб бошанд, ки ба фикри Комиссия ба ҳолати мазкур мувофиқ набуданд[10]. Баъдан системаи итлоиёӣ тағйир дода шуд (ниг. ба боло).

10 S.Santamato & M.Salto (DG Competition) "State aid to digital decoders: proportionality is needed to meet common interest" / Competition Policy Newsletter, 2006, Number 1 (European Comission, Brussels0 pp.97-99)

Танзими ҳуқуқии сиёсати дастгирии давлатӣ ва рақобат дар ИА барои мамлакатҳое низ муфид аст, ки ба ин ташкилот шомил нестанд. Вай аз баҳисобгирии принсипҳое иборат аст, ки ба он Комиссия ҳангоми баррасии барномаи кумаки молии дар Италиё нодуруст таҳияшуда диққат дода буд. Аз ҷумлаи норасоиҳои он барнома - ин фароҳам овардани монеаҳо барои рақобат ба таъминкунадагони хизматрасониҳо, хусусан барои бозигарони нави бозори мазкур мебошанд.

Дар охир боз як бори дигар муҳимияти ҳам таъмини дастрасии умуии телевизион дар давраи рақамикунонии он, ҳам мувофиқи мақсад будани кумакҳои молии дар ин ё он мамлакат пешниҳодшавандаро қайд менамоем.

## 6.4 Ӯҳдадорӣ оид ба хизматрасониҳои ҳаматарафа

Консепсияи ӯҳдадории хизматрасониҳои ҳаматарафа, ки ҳамчунин консепсияи дастрасии ҳаматарафа номида мешавад, дар адабиёти илмӣ оид ба алоқаи барқӣ ва дигар намуди хизматрасониҳо нағз маълум аст. Моҳияти он аз ин иборат аст, ки намудҳои муайяни хидматрасониҳои арзишманд, ҳатто агар бозор ҳанӯз барои расонидани чунин хизматрасонӣ бо қувваҳои худ тайёр набошад ҳам, бояд барои ҳар як кас пешниҳод карда шавад. Ба сифати мисол одатан ӯҳдадориҳо оид

ба хизматрасониҳои алоқаи барқӣ, хизматрасониҳои почта ё неруи барқ барои шаҳрвандон, ки дар қисматҳои камаҳолии маҳал зиндагӣ мекунанд ва ба ин хизматрасониҳо ниёз доранд, оварда мешаванд.

Ӯҳдадориҳо оид ба хизматрасонии ҳаматарафа одатан ба доираи хизматрасониҳои ҷамъиятӣ, яъне хизматрасониҳо оид ба қонеъ намудани ниёзҳои асосии аҳолӣ дохил мешаванд. Чунин консепсия бояд мутаҳаррик ва ба тағйирот дар ҷамъият ҳамбаста бошад. Намунаи он Интернет буда метавонад, ки сараввал хизматрасонии махсус шуморида мешуд, вале ҳоло дар як қатор мамлакатҳои Аврупо ҳамчун яке аз талаботи заминавӣ баррасӣ карда мешавад, ки дастрасӣ ба он барои хама бояд қонеъкунанда бошад.

Нисбат ба мундариҷаи пахш қоидаи ҳатмӣ будани транслятсияи каналҳои пахши ҷамъиятӣ (ниг. болотар) яке аз намудҳои ӯҳдадориҳои хизматрасониҳои ҳаматарафа мебошад, зеро ба души ширкатҳои хусусӣ бор намудани ӯҳдадории расонидани хизматрасониҳои муайянро пешбинӣ менамояд. Ин хизматрасонӣ барои тамоми аҳолӣ муҳим мебошад ва бояд ба ҳар як кас дастрас бошад. Ин ӯҳдадорӣ нигоҳ дошта мешавад ва дар марҳилаи рақамӣ, ки каналҳои зиёдро ба майдон меоварад, ҳатто шояд, аҳамияти нав пайдо кунад. Дар акси ҳол хатари он пайдо мешавад, ки ба ин ё он бастаи барномаҳо аъзо шуда истода, одамон бе дастрасӣ ба пахшкунии ҷамъиятӣ мемонанд, охир қабули барномаҳо бо шарти аъзо шудан ба хизматрасониҳои ин ё он ширкат асоснок карда мешавад. Хоҳиши қабули барномаҳои пахши ҷамъиятӣ набояд боиси хароҷоти иловагии тамошобинон гардад, вай бояд бепул аз тарафи таъминкунандагони хизматрасониҳо қонеъ гардонда шавад.

Ба ғайр аз қоидаи транслятсияи каналҳои ҳатмие, ки ба мундариҷаи пахш дахл доранд, дар мухити рақамӣ ӯҳдадории хизматрасонии технкии ҳаматарафа ҳам аҳамият дорад. Ин бо он шарҳ дода мешавад, ки таҷҳизоти мураккабу гаронбаҳои интиқоли сигнал метавонад «девори чине» гардад, ки дастрасии як қатор операторҳоро ба бозор мушкил гардонад. Дар ҳолате ки агар худи бозор аз ӯҳдаи пешниҳоди имконияти дастрасии ҳаматарафаи телевизиони рақамӣ набарояд, дар

назди қонунгузор ва танзимгари миллӣ вазифаи муҳими вогузор намудани ӯҳдадории хизматрасониҳои ҳаматарафа ба ин ё он операторон меистад. Чунин ӯҳдадор кардан бояд ба шарти риояи принсипҳои ошкорбаёнӣ, мутаносибият ва адами поймолкунии ҳуқуқ, мувофиқи зарурат ва бе дахолати зиёдатӣ ба кори ширкатҳои хусусӣ гузарад. Қайд кардан зарур аст, ки ӯҳдадории хизматрасонии ҳаматарафа фақат зарурати мавҷуд будани хизматрасониҳои муайянро бо нархҳои дастрас мефаҳмонад. Он чунин маъно надорад, ки чунин хизматрасонӣ бояд ройгон расонда шавад ё давлат худ аз худ ба ҳар як нафар истифода бурдани онро таъмин менамояд – вай чунин маъно дорад, ки хизматрасонӣ ҳангоми хоҳиши аз он истифода бурдан мавҷуд мебошад. Ҳар як мамлакат дараҷаи дастрасии нархро бояд на фақат вобаста ба дараҷаи даромади аҳолӣ муайян намояд, балки мувофиқи он амал намояд, ки кадом қисми даромади мавҷудаи барои пардохти хизматрасониҳо пешбинишуда қисми қонунӣ ба шумор меравад.

## 6.5 Ҳамдигаривазкунӣ

Ӯҳдадорӣ оид ба хизматрасонии ҳаматарафа ба дастрасии хизматрасониҳо дар сурати мавҷуд будани таҷҳизоти зарурӣ муносибат дорад. Ба тиҷорат, на ба давлат, ё дар ниҳояти кор ба тиҷорат ва давлат таъмин намудани аҳолӣ бо асбобҳои гуногуни барои қабули ТРР зарур бо нархи начандон баланд пешниҳод карда мешавад. Мамлакатҳое, ки аввалин шуда ба рақамикунонӣ қадам гузоштаанд, рақобатро инкишоф додаанд ва ба ин васила ба он муяссар гардиданд, ки рамзкушоҳо ва таҷҳизотҳои нисбатан мураккаб бо нархи начандон зиёд паҳн карда шуданд. Аз ин сабаб ҳамдигарро ивазкунии таҷҳизоти қабулкунанда консепсияи муҳим мебошад: вай аз тарафи Иттиҳоди Арупо дастгирӣ карда мешавад, зеро бозори мувофиқро барои истифодабарандагон нисбатан дилкаш мегардонад.

Гарчанде мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ бевосита ба тиҷорат дахолат ё нархҳоро муқаррар накунанд ҳам онҳо метавонанд бо ширкатҳои тиҷоратӣ гуфтушунид намоянд ва барои арзон намудани нархи таҷҳизот

шароит фароҳам оваранд. Махсусиятҳои техникӣ ва стандартҳо, то ҷое имкон дорад, бояд дар сатҳи байналхалқӣ, ба мақсади таъмини унификатсияи максималии молҳо ва имконияти бемонеа паҳн намудани онҳо дар бозори ҷаҳонӣ қабул карда шаванд. Иттиҳоди Аврупо, ки аз сабаби таъсири худ ба бозорҳои аврупоӣ амалан стандартҳоро, ҳатто барои мамлакатҳои узви он набуда, муқаррар менамояд, чунин мешуморад, ки стандартҳо бояд аз рӯи имконият аз тарафи худи бахши хусусӣ пешниҳод карда шаванд[44]. Хеле муҳим аст, ки система бо стандартҳои қатъӣ маҳдуд карда нашавад, агар инкишофи технологӣ дар он идома ёфта, барои чандирӣ ва имконияти ҳамкории стандартҳои гуногун монеъ намешавад.
Иттиҳоди Аврупо талаб менамояд, ки давлатҳои иштирокчӣ тамоми чораҳои заруриро барои он андешанд, ки операторони алоқае, ки ба пахшкунандагон хизматрасонии паҳн намудани телевизиони рақамиро пешниҳод менамоянд (новобаста аз паҳнкунии сигналҳо) онро дар асоси одилона, оқилона ва поймол накардани ҳуқуқ ба роҳ монанд, ба истифодабарандагони қонунии барномаҳо имконияти истифода бурдани онҳоро бо ёрии рамзкушоҳое фароҳам оваранд, ки аз тарафи операторони хизматрасониҳо таъмин мешаванд. Моҳиятан ин чунин маъно дорад, ки давлатҳои ИА бояд қабули хизматрасониҳои рақамиро новобаста аз платформаи технологии паҳнкунӣ таъмин намоянд.

Ба ин монанд Тавсияи Rec (2003) 9 дар бораи чораҳои инкишофи имкониятҳои демократию иҷтимоии пахши рақамӣ ба давлатҳои иштирокчии Иттиҳодии Аврупо андешидани чораҳоеро пешниҳод менамояд, ки барои ба даст овардани дараҷаи баланди мувофиқат ва муқоисаи таҷҳизоту системаҳои қабулкунанда ва рамзкушоянда равона карда шуда, дастрасӣ ба пахши рақамиро таъмин мекунанд. «Дастурамали ИА мувофиқати хизматрасониҳои рақамии интерактивии телевизионӣ ва таҷҳизоти муосири хонагии рақамиро ба мақсади таъмини маҷрои озоди иттилоот, гуногунандешии ВАО ва гуногунрангии фарҳангӣ пешниҳод менамояд. Мувофиқи мақсад аст, ки истифодабарандагон тамоми хизматрасониҳои рақамии

44 Дар ИА вазифаи транслятсияи каналҳо дар Дастурамал оид ба хизматрасонии ҳаматарафа, № 2002/22/ИА, бо иловаҳои Дастурамал дар бораи хизматрасонии ҳаматарафа ва ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон нисбати шабака ва хизматрасониҳои алоқаи баркӣ, № 2009/136, ИА, саҳ. 31 муқаррар карда шудааст.

интерактивии телевизиониро бо назардошти принсипи бетарафии технологӣ, инчунин кӯшиши рушди минбаъда ва пурзӯр намудани нақши телевизиони рақамӣ ба кор баранд. Операторони платформаҳои рақамӣ бояд барои истифодаи интерфейси барномасозии амалие кӯшиш намоянд, ки ба стандартҳои аврупоӣ мувофиқ аст ва гузариш аз як система ба дигар системаро ҳал менамояд.

Инкишофи технологияи нав (ба мисли телевизиони интерактивӣ ва мобилӣ, Интернет ва телевизиони дақиқияташ баланд) метавонад боиси мушкилоти нав ба нав гардад, ки бо ҳамдигаривазкунии таҷҳизот алоқаманданд. Ба ҳамин тариқ, таъмини он вазифаи доимӣ мебошад. Чи хеле ки ИПА нишон медиҳад, ҳуқуқи истифодабарандагон барои дастрасӣ ба мундариҷаи васеъ ва гуногунранг дар платформаҳои гуногун ва нигаҳдории сифати ба таври максималӣ баланд ва нархи ба таври минималӣ пастро ба назар гирифтан лозим аст. Ин вазифаро бо роҳи рақобати бозорӣ ҳал намудан мумкин аст. Стандартҳои ҳамдигарро ивазкунанда ва дараҷаи баланди ҳамидгаривазкунии таҷҳизоти рақамӣ талаботи истифодабарандагонро баланд мегардонад, он бошад ба афзоиши суръати рақамикунонӣ мусоидат менамояд[45]. Дар он мамлакатҳое, ки аввалин шуда ба рақамикунонӣ қадам гузоштаанд (Шветсия, Финландия, Британияи Кабир), ба имконияти истифодаи таҷҳизоти яхкела аз тарафи ширкатҳои гуногуни паҳнкунандаи сигналҳо диққати махсус дода мешавад, то истифодабаранда ҳангоми иваз намудани таъминкунандаи хизматрасониҳо нороҳатӣ эҳсос накунад.

## 6.6 Муҳофизати ҳуқуқҳои истифодабарандагон

Дар стратегияи рақамикунонӣ ҳамчунин масъалаҳои ҳуқуқи истифодабарандагонро ба назар гирифтан лозим аст. Ба кадом андоза иваз намудани қонунҳои мавҷуда ё ба вуҷуд овардани қонунҳои нав аз системаи умумии муҳофизати ҳуқуқҳо дар ин мамлакат бастагӣ дорад.

Ҳангоми мавҷуд будани системаи пурзӯри ҳуқуқии муҳофизати истифодабарандагон онро дар нисбати пахши рақамӣ истифода бурдан мумкин аст

45 Даромади холис – даромаде, ки ба истифодаи шахсӣ равонашуда ва аз андоз холис. – Эзоҳи тарҷумон.

ва эҳтиёҷ ба қонунгузории махсус пайдо намешавад. Вале агар чунин система суст бошад, шояд қабул намудани қонунгузории махсус барои соҳаи мазкури иқтисодиёт талаб карда шавад.

Оид ба зарурати пурзӯр намудани ҳуқуқҳои истифодабарандагон нисбат ба хизматрасониҳои гуногуни электронӣ ва дигар бизнес-қолабҳо Иттиҳоди Аврупо ҳушдор медиҳад. Мушкилоте, ки дар ин соҳаҳо ба вуҷуд меояд, ба масъалаҳои ҷузъиёти суратҳисобҳо барои ҳазинаи хидматҳо; (муфассалгардонии суратҳисобҳо барои пардохти хизматрасониҳо, махсусан ҳангоми пардохти якчанд хизматрасонӣ аз рӯи як квитансия), имконияти бекор намудани шартномаи хизматрасонӣ, қоидаҳои истифодаи таҷҳизоте, ки набояд истифодабарандаро ба як таъминкунанда вобаста намоянд, дахл доранд.

Моҳи феврали соли 2008 танзимкунандаи англис дар соҳаи алоқа Офком[11] якчанд пешниҳоди тозаро барои таъминкунандагони хизматрасониҳои алоқа нашр намуд. Дар онҳо ба таври дақиқ дар суратҳисобҳо нишон додани хароҷоти иловагии муштариён тавсия карда мешавад, то ин ки онҳо ба осонӣ фаҳманд, ки барои чӣ маҳз бояд пардохт намоянд. Дар назди Офком шӯрои махсус оид ба масъалаҳои шахсони кӯҳансол ва маъюбон фаъолият менамояд, ки ба ҳисоб гирифтани манфиатҳои ин гуруҳи аҳолиро дар рафти рақамикунонӣ ва дигар тағйироти муҳити коммуникатсионӣ таъмин менамояд. Дар Финландия дар саҳифаи махсуси сомонаи Интернет шаҳрвандон метавонанд савол диҳанд ё шикоят кунанд, бо телефони «самти доғ» метавонанд бо масъалаҳо ва мушкилоти ба рақамикунонӣ алоқаманд мурочиат намоянд.
Дар Шветсия оператори асосии алоқа блогеро баррасӣ менамояд, ки ҳар хоҳишманд метавонад мушкилоти истифодабарандагонро муҳокима намояд ё саволи худро пешкаш намояд.

11 МОфком (анг. Ofcom) – танзимкунандаи мустақили британӣ ва мақомоти зиддиинҳисорӣ мебошад, ки салоҳияти васеъ оид ба муҳофизати манфиатҳои шаҳрвандон ва истифодабарандагонро дар соҳаи коммуникатсия дорад. Офком барои таъмини рақобати байни платформаҳои гуногуни рақамӣ, истифодаи беҳтари спектри басомадҳои радио, инчун барои аз тарафи пахшкунандагон ва дигар иҷозатномаҳо иҷро намудани шартҳои иҷозат, аз ҷумла бо пахш фаро гирифтани минтақаҳои мувофиқ ҷавобгар мебошад.

# Боби 7. Пахшкунандагон: масъалаҳои иқтисодӣ ва техникӣ

Рақамикунонӣ раванди барои пахшкунандагон гаронбаҳо мебошад. Маблағгузориҳое, ки дар ин кор сарф мешаванд, ба зудӣ барнамегарданд. Дар ин фасл мо масъалаҳоеро баррасӣ менамоем, ки бо маблағгузориҳо (инвеститсияҳо) ва зерсохтори пахшкунандагон алоқаманданд, аз ҷумла бо имкониятҳои гирифтани кӯмак аз тарафи давлат ҳангоми шартҳои риояи озодии рақобат.

## 7.1 Инвеститсия дар рақамикунонӣ

Гарчанде ки аз рақамикунонии пахш бештар ширкатҳои тозатаъсис - пахшкунандагоне, ки барояшон гирифтани басомадҳои озодшуда муяссар шудааст, истеҳсолкунандагони таҷҳизоти рақамӣ ва таъминкунандагони дигар хизматрасониҳо манфиат мебардоранд, вале хароҷоти асосии молиявӣ ба дӯши онҳо намеафтад. Барои давлати амаликунандаи рақамикунонӣ он масъала муҳим аст, ки барои ин раванд кӣ пардохт мекунад ва маблағҳои заруриро аз куҷо гирифтан лозим аст. Агар тамоми вазнинии хароҷот ба зиммаи пахшкунандагон вогузор карда шавад, пас истисно нест, ки онҳо муфлис мегарданд.

Чи хеле ки дар роҳнамо аллакай қайд карда шуд, чунин инкишофи ҳодиса метавонад барои гуногунандешӣ ва гуногунрангии ВАО оқибатҳои манфӣ дошта бошад. Илоҷи имконпазир - ин ташкили ҳамкории давлат, пахшкунандагон, ширкатҳои тиҷоратӣ ва операторони алоқа (дар доираи ба истилоҳ Ҳамкории Расмӣ-Хусусӣ, минбаъд бо шакли ихтисоршудаи ҲРХ) мебошад.

ҲРХ – консепсияи дар Аврупо хеле машҳур аст, ки усули ҷалби капитали хусусиро ба лоиҳаҳое дар бар мегирад, ки барои ҷамъият аҳамият доранд. Корбурди чунин усул аз сохтори соҳаи пахш дар иқтисодиёти мамлакат, масалан, аз он вобаста аст, ки оё давлат соҳиби шабакаҳои алоқа аст ё ягон ширкати ягонаи дигар (одатан – собиқ монополияи давлатии хусусикардашуда). Нақшаи ягонаи ҲРХ дар Аврупо вуҷуд надорад, ҳар як давлат усули беҳтари ҷалби тиҷорат ва пахшкунандагони хусусиро бо назардошти принсипҳои рақобати озод ҷустуҷӯ менамояд, ки он ҳама гуна имтиёзро барои ин ё он иштирокчии раванд аз тарафи давлат истисно менамояд.

Эътироф намудан лозим аст, ки хароҷоти аввала ҳамеша зиёданд ва ҷолибияти неруи сармоягузории пахши рақамӣ даррав пайдо намешавад. Кай ва ба кадом андоза вазъият тағйир меёбад, номаълум аст. Ин раванд ба андозае нав аст, ки байни мамлакатҳо мусобиқа ташкил намудан ҳанӯз барвақт аст. Пахши рақамӣ, чи хеле ки тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ганҷи нуҳуфта нест ва ширкатҳое, ки ба он маблағ мегузоранд, барои дар ин самт дуру дароз ва устуворона фаъолият намудан бояд тайёр бошанд.

Маълум аст, ки дар ҳар гуна ҳолат қисме аз хароҷоти гарони рақамикунонии телевизионро бояд пахшкунандагони хусусӣ ба зимма гиранд. Гарчанде ин оқилона аст, эътироф намудан лозим аст, ки ҳавасмандиҳои муайяне лозим шуда метавонанд, ки онҳоро барои сармоягузории зарурӣ водор созанд. Чунин ҳавасмандӣ метавонад кам намудан ё ба мӯҳлати муқарраршуда пурра мавқуф гузоштани ҳаққи пардохти истифодаи иҷозатнома барои пахшкунандагони хусусӣ, инчунин дароз намудани мӯҳлати иҷозатнома бошад.

Дар **Финландия** барои он ки бори сармоягузории пахшкунандагон сабук карда шавад, қонун дар бораи Хазинаи давлатӣ оид ба телевизион ва радио аз 1-уми июли соли 2002 сиёсати семарҳилагиро пешниҳод намуд. Аввалан, то 50 фоиз ҳаққи пардохти истифодаи иҷозаиномаҳо барои пахшкунандагони хусусӣ кам карда шуд, пахшкунандагони ба «рақамӣ» гузашта бошад – онро то 1-уми августи соли 2010 пардохт намекунанд. Сониян, аз 1-уми январи соли 2004 пардохти абонентӣ барои тамошобинон то 13 фоиз зиёд карда шуд. Сеюм, ин пардохт ҳамасола то соли 2010, ки давраи пахши мувозии аналогӣ ва рақамӣ идома дошт (бо ном симулкаст), зиёд мешуд[12].

Ба ин монанд, зиёд кардани пардохти абонентӣ дар **Австрия** ба амал омад. Ҳамзамон дар **Ирландия** соли 2002 ва дар **Шветсия** соли 2003 мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба пахшкунандагони ҷамъиятӣ барои ҷуброн намудани хароҷоташон дар пахши мувозӣ дар давраи гузариш аз ҳисоби муваққатан зиёд шудани пардохти абонентӣ иҷозат надоданд[13].

12 Osterlund-Karinkanta M. Finland: Higher Television Licence Fees in Finland as of 1 January 2005/IRIS 2004-9:10/18. Ниг.: http://merlin.obs.coe.int/iris/2004/9/article18.en.html

13 Ниг.: http://merlin.obs.coe.int/iris/2002/4/article15.en.html и http://merlin.obs.coe.int/iris/2003/8/article14.en.html

Дар **Британияи Кабир** бо ном дивиденди рақамӣ боиси кам кардани пардохти пахшкунандагон барои истифодаи басомад мегардад, агар миқдори муайяни тамошобинон сигналҳоро дар формати рақамӣ гиранд. Чунин сиёсат метавонад барои тезонидани гузариш ба ТВ-и рақамӣ аз тарафи пахшкунандагон ҳавасмандии пурзӯре гардад[14]. Дар Эстония тағйироти аз 18 июни соли 2008 ба қонун дар бораи пахши телевизиону радио қабулшуда пардохти истифодаи басомадро тақрибан то 20 млн крон барои ҳар яке аз ду пахшкунандаи хусусии телевизионӣ бекор намуд. Ин саҳмия дар буҷети давлатӣ ба сифати ҷуброн ба пахшкунандагони ҷамъиятӣ барои даст кашидан аз транслятсияи реклама дар барномаҳояшон буд. Тағйирот бо зарурати озод намудани пахшкунандагони хусусӣ аз вазнинии молиявӣ дар давраи гузариш ба пахши рақамӣ асоснок шуда буд ва 1-уми январи соли 2009 ҷорӣ гардид. Шурӯъ аз он давра пахшкунандаи ҷамъиятӣ ин ҷубронро аз бӯҷети давлатӣ мегирад.
Дар **Малта** пардохти истифодаи басомад барои он пахшкунандагоне бекор карда шуд, ки пахши мувозиро дар шакли рақамӣ идома медиҳанд.

14 Working Group on Digital Terrestrial in EPRA Countries. Final Report. 2 June 2004. Ниг. ба сомонаи расмии ташкилоти байнидавлатии «Платформаи Аврупоии мақомоти танзимкунанда» (ЭПРА): http://www.epra.org/content/english/press/papers/DTTWG_finalreport.doc

Ба намунаи дастгирии пахшкунандагон аз қисмати дигари олам диққат медиҳем. Дар **Австралия** ба хотири он ки ба пайдоиши телевизони рақамӣ мусоидат намоянд, ӯҳдадории ҳуқуқии (ва вазнинии иқтисодӣ) пахши барномаҳои кӯдакона ва барномаҳои истеҳсоли автралиягӣ барои муддати муайян суст карда шуд. Чунин усул хатарнок аст, зеро метавонад ба гуногунандешӣ ва гуногунрангӣ, инчунин сифати пахш зарар расонад. Зиёда аз ин, агар ин усул дар Аврупо истифода бурда мешуд, вай ба Конвенсия дар бораи телевизиони бурунмарзӣ (моддаи 10) ва дигар созишномаҳо мухолифат мекард.

Боз яке аз намудҳои ҳавасмандӣ ба ин ё он ширкат додани кафолати мавқеи қариб инҳисорӣ аст, то ки барои баргардондани маблағгузориҳояш дар пахши рақамӣ эътимод ҳосил намояд. Чунин усул ба мо аз рӯи танзими хизматрасониҳои коммуналӣ шинос аст. Ин раванди хеле мураккабе мебошад, зеро ҳамеша инҳисор

ё мавқеи бартариятдоштаи як ширкатро пурқувват мекунад, ки ахиран ба озодии рақобат таъсири худро расонда метавонад.

Барои мақсадҳои пахши рақамӣ ҳамчунин ба дараҷаи максималӣ бояд зерсохтори мавҷуда истифода бурда шавад. Ҳангоми баррасии масъалаи тавсеа ва ё созмон додани зерсохтори мувозӣ оқибати онро барои муҳити атроф, норозигии эҳтимолии аҳолӣ (аз сохтани манораҳои нави телевизионӣ), инчунин зарурати хароҷоти иловагӣ барои насби таҷҳизотро ба назар гирифтан лозим аст. Истифодаи зерсохтори аллакай мавҷуда ва навсозии марҳила ба марҳилаи он мувофиқи мақсад аст. Ҳангоми баррасии масъалаҳои инкишофи зерсохтор ошкорбаёнӣ ва оммавӣ будани чорабиниҳо ба назар гирифтани ҳамаи ақидаҳоро таъмин менамояд. Бисёриҳо чунин мешуморанд, ки барои ҳадафҳои телевизиони рақамӣ шабакаи пахши рӯизаминӣ ва нигоҳдории нақши ёридиҳандаи пахши маҳворагӣ комилан мувофиқ аст. Шабакаи пахши рӯизаминӣ аллакай қариб дар ҳама ҷо вуҷуд дорад, ба замми ин вай ягона интиқолдиҳандаи сигнал ба қабулкунандаҳои қобили ҳамлу нақл (портативные приемники) аст.

Пахшкунӣ дар Интернет низ технологияи аҷиб дорад. Иттиҳоди Аврупо сиёсти бетарафии технологиро дастгирӣ менамояд, зеро афзалияти он худи имконияти дастрасӣ ба пахши рақамӣ новобаста аз усули расондани он мебошад. Ин принсип берун аз ИА низ истифодашаванда аст.

«Колокейшн» («Ҷойгиршавии муштарк»[46]) ва дигар усулҳои истифодаи умумии зерсохтор ба кам шудани хароҷот мусоидат мекунад. Чунин муносибат ҳамчунин барои муҳофизати муҳити зист кӯмак мерасонад. Дар бисёре аз мамлакатҳо қоидаи истифодаи ҳатмии якҷоя дар қонунгузорӣ дар бораи алоқа амал мекунад, ин принсип метавонад нисбати муҳити рақамӣ низ истифода бурда шавад (дар баъзе аз мамлакатҳо ин масъалаҳо аллакай аз тарафи қонунгузорӣ дар бораи алоқа ба иллати доштани қобилияти амалӣ сохтани иқтидораш дар муҳити рақамӣ

46 Қазияи C-320/91 Courbeu ва C-280/00 Altmark Суди Аврупо (Суди ИА)

танзим карда мешавад). Ин масъалаҳо аз масъалаҳои дастрасӣ, ки поёнтар баррасӣ мешаванд, фарқ мекунанд. Онҳо ба истифодаи худи асбобҳо, аз ҷумла манораҳои телевизионӣ, иншоотҳо ва ғайра дахл доранд.

## 7.2 Платформаи паҳнкунии сигнал

Дар бисёре аз мамлакатҳо шабакаи алоқа, ки платформа барои пахши рақамӣ мебошад, аз ширкати давлатӣ ё ба қарибӣ хусусишуда иборат аст. Одатан чунин ширкат дар бозори хизматрасониҳо мавқеи бартариятдошта ё ҳатто инҳисорирo ишғол менамояд, вале рақамикунонӣ на бояд барои мустаҳкам намудани ин вазъият ё лоақал пурзӯр шудани оқибатҳои имконпазири манфӣ хизмат намояд. Қоидаҳои дастрасӣ муҳиманд ва эътироф кардан лозим аст, ки ин қоидаҳо метавонанд бартарияти ширкати муайян –оператори шабакаро пурзӯр намоянд, агар он инкишофи дигар шабакаҳоро боз дорад.

Дар бисёре аз мамлакатҳо шабакаи пахши телевизиону радио на фақат аз пахшкунанда ҷудо, балки хусусӣ карда шудааст, ки иқдоми мусбат мебошад. Хусусигардонӣ ва ҳудудмуайянкунӣ масъалаҳое мебошанд, ки бо рақамикунонӣ алоқаманд нестанд ва рақамикунонӣ набояд барои он сабаб шавад, ки ин ислоҳот мавқуф гузошта шаванд. Дар ин ҷо омӯзиши таҷрибаи озодгардонии бозори телекоммуникатсия бояд фоидаовар бошад, зеро ин равандҳо ба ҳам монанданд. Дар ҳалли ин масъалаҳо иштироки мақомоти танзимкунандаи соҳаи телекоммуникатсия муҳим аст.

Новобаста аз масъалаи имконпазири моликияти давлатӣ будани шабакаи паҳнкунии сигнал қоидаҳои дастрасӣ ба чунин шабакаҳо бояд қатъиян риоя карда шаванд, соҳибони шабакаҳо дар навбати худ набояд ба мазмуни барномаҳо таъсир расонанд. Инҳо масъалаҳое ҳастанд, ки ба он танзимкунандаи мустақил машғул аст. Ба мисли пахши аналогӣ ҳамаи пахшкунандагон, аз ҷумла ҷамъиятӣ, бояд аз дахолат ба фаъолияташон аз тарафи мақомоти ҳокимияти давлатӣ муҳофизат карда шаванд. Иттиҳоди Аврупо чунин мешуморад, ки чораҳои сиёсати давлатӣ дар робита ба пахш бояд ба мақсади кам кардани хатари зарар ба муносибатҳои бозорӣ ба таври

ошкоро, асоснок, мутаносиб ва саривақтӣ бошанд. Ин ҳадафи сазовор барои тамоми давлатҳои САҲА мебошад.

### 7.3 Фоидаи пахшкунандагон

Боз як мушкилоти маблағгузории рақамикунонӣ он мебошад, ки дар ҷаҳон даромад аз реклама паст фуромадааст. Ҳангоми фарогирии кам ва ба гурӯҳҳо тақсим шудани аудитория, бозор барои рекламадиҳандагон ҷолиб нест ва ин маънои кам шудани даромади пахшкунандагонро дорад. Дар Австралия ба туфайли пахшкунандагони тиҷоратӣ, ки аз реклама ё обуна вобастагӣ доранд, дар рафти рақамикунонӣ сараввал на ба зиёдкунии максималии миқдори каналҳо, балки ба ворид намудани телевизиони дақиқияташ баланд (ТДБ) диққат дода шуд. Маълум аст, ки ТДБ доираи васеи басомадҳоро истифода мебаранд ва ба ин васила аниқтараш барои беҳтар намудани сифат имконият медиҳанд, на ба зиёд намудани миқдори барномаҳо. Яке аз сабабҳои чунин муносибат роҳ надодан ба фрагментатсияи (ба қисмҳо тақсим намудан) бозор мебошад. Ба мақсади мароқовар намудани ТВ-и рақамӣ барои тамошобинон ҳатто тағйир додани қонунгузории Австралия дар бораи рақамикунонӣ лозим омад. Вале таҷрибаи маълуми рақамикунонии бомуваффақият (масалан, дар Британияи Кабир) зиёд намудани миқдори барномаҳоро пешбинӣ менамояд. Дар ниҳояти кор ба Австралия низ пайгирӣ намудани он лозим омад, то ки аҳолиро ба мароқовар будани рақамикунонӣ бовар кунонанд.[47]

Пешгирии тамоюлҳои манфӣ аз ҳаҷми реклама, ки дар рафти бӯҳрони имрӯзаи иқтисодии ҷаҳон пурзӯртар мегарданд, қариб номумкин аст. Намунаи онро дар мисоли Австралия дидан мумкин аст. Маъмулан одатҳои одамон тағйир меёбанд ва пахши анънавӣ аллакай диққати аҳолиро чун солҳои пеш ҷалб намекунад. Замони тамошои дастҷамъонаи мардум дар як вақт ва аз як барнома гузашт.

---

47 Колокейшн (аз вожаи инглисии co-location) – номи умумии хизматрасонии насби таҷҳизоти телекоммуникатсионӣ дар майдони техники пешниҳодкунандаи чунин хизмат мебошад. Зарурат ба чунин хизмат беш аз ҳама бинобар он ба амал меояд, ки бидуни ҳиссагузории ҷиддӣ дар ҷой ва бо қувваи фармоишгар параметрҳои барои кори Интернет-маъхазҳоро таъмин карда мушкил аст.

Индустрияи реклама ин тағйиротро дарк менамояд ва аллакай якчанд сол боз имконоти реклама, масалан рекламаи мақсаднок дар Интернет ё тавассути телефонҳои мобилӣ (ҳамроҳ) -ро меомӯзад. Ин тағйирот ба анҷом нарасидаанд, вале барои рақамикунонӣ он чиз аҳамияти аввалиндараҷа дорад, ки онҳо боиси кам шудани даромади бисёре аз пахшкунандагон маҳз дар он лаҳзае мегарданд, ки онҳо бояд гузариши пуррқиматро ба пахши рақамӣ маблағгузорӣ кунанд. Дар ин замина ба имкониятҳои пахшкунандагони хусусӣ барои маблағгузории рақамикунонӣ оқилона рафтор намудан лозим аст.

## 7.4 Дастгирии давлатӣ

Дар иртибот бо ҳаҷми сармоягузориҳое, ки барои тадбирҳои гузаронидани рақамикунонӣ заруранд, маблаггузории давлатӣ ва таъмини кафолати маблаггузориҳо аз ҷониби давлат метавонанд лозим шаванд. Ба ин механизмҳо эҳтиёткорона муносибат кардан лозим аст, то тарҷеҳи нолозим барои ин ё он оператор ба вуҷуд оварда нашавад ва қоидаҳои дастгирии давлатӣ ва дигар қоидаҳои зиддиинҳисорӣ вайрон нашаванд.

Иттиҳоди Аврупо якчанд маротиба тадқиқоти ҳодисаҳоеро гузаронид, ки маблағгузории рақамикунонӣ қоидаҳои дастгирии давлатиро вайрон мекунад. Ин дар бораи он шаҳодат медихад, ки аз нуқтаи назари ин ташкилот, рақамикунонӣ зотан барои даст кашидан аз дигар қоидаҳои ИА баҳона шуда наметавонад.

Масалан, Комиссияи аврупоӣ соли 2005 ҳодисаи дастгирӣ намудани рақамикуниро дар вилояти Берлин-Бранденбург (ҶФО) тадқиқ намуд. Ин парванда стандарту ҳудуди дастгирии давлатиро дар ИА муқаррар намуд. Он ҳамчунин барои мамлакатҳои хориҷи ин ташкилоти байналхалқӣ манфиатдор аст[48]. Идораи пахш (МАВВ) дастгирии молиявиро барои ҷуброни хароҷоти рақамикунонӣ пешниҳод намуда, мултиплексҳоро барои панҷ сол дар байни он каналҳои тиҷоратие тақсим намуд, ки дар ҷавоб барои пахш дар шакли рақамӣ, ҳамзамон новобаста аз рағбат

48 ОМ (2005) 204 «Оид ба тезонидани гузариш аз пахши аналогӣ ба рақамӣ»

ба барномаҳояшон аз тарафи аудитория, розӣ шуданд[49]. Барои ширкатҳое, ки пахши эфирӣ надоштанд, дигар нақшаи дастгирӣ таҳия карда шуд. Маблағҳо аз буҷети МАВВ ҷудо карда шуданд, ки аз ҳисоби пардохти пахшкунандагон барои истифодаи басомад шакл мегирад. Дар навбати худ пахшкунандаи ҷамъиятӣ хароҷоти мувофиқро аз ҳисоби пардохти абонентӣ мепӯшонид.

Комиссия тадқиқ намуд, ки чунин дастгирӣ ва амалӣ намудани он, оё ифодагари кумаки давлат буд ва оё расонидани он асоси ҳуқуқӣ дошт. Комиссия муқаррар намуд, ки дар рафти интихоби кӯмакгирандагон бартарияти мавҷудаи иқтисодӣ бартараф карда нашудааст, раванд амалан барои рақобати довталабони гирифтани дастгирӣ кушода набуд, шартҳои он бештар номуайян ва ношаффоф буданд. Маблағи ҷуброни хароҷот барои рақамикунонӣ вобаста ба канал фарқ мекард. Тамоми система яктарафа буд, зеро фақат як платформаи паҳнкунии сигналро дастгирӣ мекард, ки он метавонист ба аудитория дар додани афзалият ба барномаҳо таъсир расонад[50].

Сабабе, ки аз рӯи он кӯмаки давлатӣ расонида мешавад, бояд ба мақсад – манфиати умум ва зарурати дастгирӣ намудани навовариҳо мувофиқ бошад. Вале Комиссия сабабҳои дастгирӣ намудани ТВ-и рӯизаминӣ ва дастгирӣ накардани дигар платформаҳои паҳнкунии сигнали телевизиониро ошкор накард. Ба ҳамин тариқ, вайрон карда шудани принсипи бетарафии технологӣ (фановарӣ) муқаррар карда шуд. Шояд зарурияти ислоҳи проблемаҳои бозор вуҷуд дошт, вале ин дар ҳолати расонидани кумак дар вилояти Берлин-Бранденбург бараъло маълум набуд.

Танзими ҳуқуқӣ дар соҳаи иҷозатномадиҳӣ ба паҳнкунии сигнал шояд усули камтар хатарноки ба даст овардани натиҷаи дилхоҳ буд. Шояд худи бозор аз ӯҳдаи ҳолати номуайяни рақамикунонӣ мебаромад[51]. Кӯмак ба пахшкунандагони тиҷоратӣ

---

49 J. Bosland "Digital Television and Multichalling: Changes under the Broadcasting Legislation Amendment (Digital Television) Act 2006", Melbourne Law School, Legal Studies Research Paper No. 258. Дастрасӣ дар Интернет: http://ssm.com/abstract=1014457

50 *Қарори Комиссия дар суд шикоят карда шуд.*

51 *Дар ҳаҷми 265-330 ҳазор евро дар як сол, 66 250 – 82 500 евро барои барнома*

пешниҳод карда шуда буд ва бар ивазаш расонидани ягон хел хизматҳои махсуси ҷамъиятӣ талаб карда намешуд. Инкишофи рақамикунонӣ фақат ба пахши рӯизаминӣ вобаста нест. Пахши кабелӣ ва маҳворагӣ ҳамчунин саҳми худро дар ин раванд мегузоранд ва ҳуқуқи баробари дастгириро доранд (бо назрдошти афзалиятҳои тамошобинон)[52].

Ҳамчунин дастгирии давлатӣ дар дигар мамлкатҳо низ тадқиқ карда шуд. Дар бораи тафтиши системаи дастгирии тамошобинон дар Итолиё аллакай дар боло сухан рафта буд. Дар Британияи Кабир доимо атрофи вазъияти Би-би-си мубоҳиса меравад. Ҳамзамон соли 1999 ин масъала нисбатан тезу тундтар буд, ки ворид намудани пардохти махсуси абонентӣ барои обунашавандагони ТВ-и рақамӣ пешниҳод карда шуда буд. Пахшкунандагони хусусӣ он вақт нияти бо шикоят ба Комиссияи Аврупоӣ муроҷиат карданро доштанд. Дар ниҳояти кор ҳукумат аз нақшаи ворид намудани пардохти иловагӣ даст кашид ва бо баландкунии ночизи тадриҷии пардохти анъанавии абонентӣ барои ҳама розӣ шуд. Роҳҳои сарфа намудани хароҷоти Би-би-си ва зиёд шудани даромад аз ҳисоби фурӯши барномаҳо дарёфт карда шуданд. Ҳодисаи бо Би-би-си рӯйдода устувор нест – аз ширкат ҷудо намудани хизматрасониҳои асосии ҷамъиятӣ аз дигар каналҳо (ва вазифаҳо) интизор меравад. Ба он ҳамчунин ёфтани шарикон барои лоиҳаҳои тиҷоратӣ пешниҳод карда мешавад.

Комиссияи Аврупоӣ якчанд шикоятро барои додани тарҷеҳ баррасӣ намуд, ки пахшкунандагони ҷамъиятӣ дар ин ё он давлатҳои Иттиҳоди Аврупо раво дидаанд. Ҳолати кӯмаки давлатӣ гирифтани пахшкунандагони ҷамъиятӣ ва меъёрсозии ИА дар ин ҷо ба қоидаҳои махсус муносибат доранд, вале онҳо бо масъалаҳои умумӣ алоқаманданд, на бо дастгирии иловагии махсуси рақамикунонӣ.

Зарурати дастгирии давлатии молиявии рақамикунонӣ пурра дар манотиқи гуногуни Аврупо эътироф карда мешавад. Комиссияи Аврупоӣ чунин мешуморад, ки агар

52 C. Shoser (DG Competition) "Comission rules subsidy for digital terrestrial television (DVB-T) in Berlin Brandenburg illegal" Competition Poicy Newsletter, 2006, Number 1 (European Commission, Brussels), pp 93-96

рақамикунонӣ ба ихтиёри пурраи бозор дода шавад, инкишофи ин раванд метавонад суст гардад. Вай ҳамчунин бовар дорад, ки дахолати давлатӣ ба ин раванд метавонад дар шакли танзим, кӯмаки молиявӣ барои истифодабарандагон, маъракаҳои иттилоотӣ ё субсидияҳо барои бартараф намудани мушкилоти махсуси механизмҳои бозор ё таъмини баробарии иҷтимоӣ ё минтақавӣ вуҷуд дошта бошад. Ин ҷо асосан таъкид бар ӯҳдадориҳои давлатҳои иштирокчии ИА карда мешавад, ки бояд нишон диҳанд, ки чунин кӯмак воситаи нисбатан мувофиқ аст, бо минимуми зарурӣ маҳдуд карда шудааст ва ба озодии рақобат зарар расонида наметавонад. Ба ҳамин тариқ шаклҳои қобили қабули дастгирии давлатии рақамикунонӣ инҳо мебошанд:

- ба роҳ мондани шабакаи интиқоли сигнал дар он минтақаҳое, ки қабул на он қадар боваринок аст;
- ҷуброни молиявии хароҷоти пахшкунандаи ҷамъиятӣ барои фарогирии пурраи аҳолӣ;
- кӯмаки молии истифодабарандагон барои харидани рамзкушоҳо (декодерҳо) – и рақамӣ ба шарти риояи принсипҳои бетарафии технологӣ ва пеш аз ҳама истифодаи стандартҳои кушодаасос барои бо ҳам созиш кардани ин асбобҳо;
- ҷуброни молиявӣ барои пахшкунандагоне, ки аз онҳо қатъ намудани пахши аналогӣ то тамом шудани мӯҳлати амали иҷозатномаашон талаб карда мешавад, ба шарте ки имконияти паҳн намудани барномаро дар платформаи рақамӣ гирифта бошанд.

# Боби 8. Танзимкунанда: масъалаҳои иҷозатномадиҳӣ

## 8.1 Раванди иҷозатномадиҳӣ

Калиди қулфи баррасии масъалаҳои танзими пахш ба манфиати озодии ВАО – ин раванди иҷозатномадиҳӣ чӣ ба пахшкунандагони аналогӣ ва чӣ ба рақамӣ мебошад.

Моддаи 10 Конвенсияи Аврупо оид ба муҳофизати ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ эълон мекунад:

> *«1. Ҳар кас барои изҳори озодонаи ақидаи худ ҳақ дорад. Ин ҳақ озодии ироаи ақида ва озодии гирифтану паҳн кардани иттилоот ва идеяҳоро бе ягон дахолат аз тарафи ҳукумати расмӣ ва новобаста аз марзҳои давлатӣ, дар бар мегирад. Моддаи мазкур ба давлатҳо барои ба амал баровардани иҷозатномадиҳӣ ба пахшкунандагони радио, корхонаҳои... телевизионӣ монеъ намегардад.*
> *2. Амалӣ намудани ин озодиҳо, ки ӯҳдадориву ҷавобгариро вогузор менамояд, метавонад бо расмиёти махсус, шартҳо, маҳдудиятҳо, санксияҳое тавъам бошад, ки дар қонун пешбинӣ гардида, дар ҷомеаи демократӣ ба манфиати бехатарии миллӣ, бутунияти ҳудудӣ ё тартиботи ҷамъиятӣ, ба мақсади пешгирӣ намудани бетартибиҳо ё ҷиноятҳо, ба мақсади муҳофизати саломатӣ ва маънавиёт, муҳофизати шаъну эътибор ва ҳуқуқи шахсони дигар, пешгирӣ намудани фошкунии иттилооти ба таври махфӣ гирифташуда, ё таъмини обрӯ ва устувории адолати судӣ зарур бошанд».*

Мувофиқи қисми якуми моддаи 10 Конвенсияи Аврупо оид ба муҳофизати ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ба давлатҳо тавассути низоми иҷозатномадиҳӣ ба танзим даровардани пахши телевизиону радио дар қаламравашон, махсусан ҷанбаҳои техникии чунин пахш, иҷозат дода мешавад. Ба беғаразӣ ва ошкорбаёнии равнади иҷозатномадиҳӣ диққати махсус бояд дода шавад, ки дар ин бора дар як қатор ҳуҷҷатҳои ба наздикӣ қабулшудаи аврупоӣ ва қарорҳои суди Аврупо оид ба ҳуқуқи башар сухан меравад.

Дар қарорҳои суди Аврупо оид ба ҳуқуқи башар қайд карда мешавад, ки гирифтани иҷозатнома метавонад масъалаи техникӣ бошад, вале маъмулан, вобаста аст ба шартҳое, мисли хусусияту мақсади пахшкунандаи эҳтимолӣ, аудиторяи эҳтимолии он дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ё маҳаллӣ, ҳуқуқу талаботи аудиторияи махсус, инчунин ӯҳдадориҳое, ки аз ҳуҷҷатҳои байналхалқӣ бармеоянд. Чунин ҳолат метавонад боиси дахолати онҳое гардад, ки мақсади онҳо вобаста ба қисми 1 қонунӣ мебошад, гарчанде ба мақсадҳои дар қисми 2 моддаи 10 номбаршуда мувофиқ нест. Вале баҳо додан ба мувофиқати чунин дахолат маҳз дар заминаи талаботи қисми 2 моддаи 10 зарур аст.[53]

Аз ҷумла суд қайд намуд, ки хусусияти истифодаи меъёрҳои иҷозатномадиҳӣ бояд кафолати кофии муҳофизат аз қарорҳои ноодилонаро таъмин намояд. Масалан, мақомоти иҷозатномадиҳӣ бояд қарорҳои худро дар мавриди рад намудани аризаи гирифтани иҷозатнома муфассалан шарҳ диҳанд.

Кумитаи вазирони Иттиҳодии Аврупо 20-уми декабри соли 2000 ба давлатҳои иштирокчӣ дар робита ба мустақилият ва вазифаҳои мақомоти танзимкунанда дар соҳаи пахш Тавсияи Rec (2000) 23-ро қабул намуд, ки тибқи он дар қонунгузорӣ ба таври равшан муайян намудани шароиту меъёрҳои асосиро ҳангоми додан ва тамдиди иҷозатномаи пахш талаб менамояд. Тартиби иҷозатномадиҳӣ бояд на танҳо равшану дақиқ муайян карда шавад, балки ба таври кушода ва ошкоро истифода бурда шавад. Қарорҳои дахлдори мақомоти танзимкунанда барои ҳамаи хоҳишмандон бояд дастрас бошанд. Зиёда аз ин, қарорҳо:

- ба таври лозимӣ ва мувофиқи қонунгузории миллӣ асоснок шуда бошанд;
- барои шикоят намудан дар мақомоти салоҳиятдор мувофиқи ҳуқуқи миллӣ кушода бошанд;
- ба шаҳрвандон дастрас бошанд[54]

Тавсияи Rec (2000) 23-и Кумитаи вазирони Иттиҳоди Аврупо ба давлатҳои иштирокчӣ оид ба чораҳои инкишофи имкониятҳои демократӣ ва иҷтимоии пахши

53 *Ҳамон ҷо.*
54 Recommendation Rec (2000) 23 of the Committee of Ministers to member states on the independence and functions of regulatory authorities for the broadcasting sector.

рақамӣ чунин мешуморад, ки мақомоти иҷозатномадиҳандаи давлатӣ ё ҷамъиятӣ ҳангоми додани иҷозатнома барои пахши рақамӣ пуррагӣ ва гуногунрангии хизматрасониҳои пешниҳод намудаи гирандаи иҷозатномаро ба инобат гиранд ва ташкили хадамоти минтақавӣ ё маҳаллиеро таъмин намоянд, ки талаботи аҳолиро дар дараҷаи мувофиқ қонеъ намоянд.

## 8.2 Намунаҳои иҷозатномадиҳии пахши рақамӣ

Мувофиқи тадқиқоти платформаи Аврупоии мақомоти танзимкунанда барои тақсими имкониятҳои пахши рақамӣ усулҳои гуногун истифода бурда мешаванд. Дар аксари ҳолатҳо (Олмон, Британияи Кабир, Голландия, Испания, Австрия, Ирландия ва Литва) ин имкониятҳоро як ё якчанд оператори шабака ё мултиплекс мегиранд. Дар дигар мамлакатҳо (Шветсия ва Финландия) он бевосита байни каналҳо тақсим карда мешавад. Ин ё он қолаби танзими ин масъаларо баҳо дода истода, бояд дарк кард, ки аз ҷониби кӣ тақсим шудан аниқтараш аҳамият надорад, балки он муҳим аст, ки дастрасӣ ба имкониятҳои пахш чӣ гуна тақсим мешаванд.

Чунин ба назар мерасад, ки дар ин замина ду қолаби ҳуқуқӣ пайдо шудааст. Дар гурӯҳи аввали мамлакатҳо Филандия, Олмон ва Шветсия маҷмӯи каналҳо – натиҷаи интихоби танзимгари миллӣ ё ҳукумат тавассути чораҳои расмӣ, ки ба чораҳои иҷозатномадиҳии пахши аналогӣ монанд мебошад: дар ин ҷо аҳамият надорад, ки кӣ бевосита басомадҳоро идора мекунад – пахшкунанда ё оператори шабака; интихоби каналҳо, ки ба онҳо дастрасӣ ба басомадҳо муяссар мегардад, қаблан бо қарори ҳукумат ё танзимкунанда муайян шудаанд.

Дар қисми дуюми мамлакатҳо (Итолиё, Британияи Кабир ва Норвегия) ба тамоми ин спектр оператори мултиплекс ё шабака роҳбарӣ менамояд, ки дар истифода ва интихоби каналҳо барои қисмати таркиби бастаи барномаҳо нисбатан озод аст. Дар ҳолати мазкур ӯҳдадориҳои нигоҳ доштани ҳадафҳои манфиатҳои ҷамъиятӣ, масалан гуногунрангӣ ва гуногунандешӣ, вогузор карда мешаванд.

Тартиби озмунӣ (интихоби муқоисавӣ) ба таври васеъ истифода бурда мешавад, довталабон дархости худро барои гирифтани иҷозатномаҳо дар асоси меъёрҳои

тибқи шартҳои озмун муқарраршуда пешниҳод менамоянд. Ба ибораи дигар, озмун барои додани иҷозатномаҳо мувофиқи нақшаҳои муфассали аризадиҳанда имконият медиҳад. Тартиби муҳими чорабинии дигар – музояда (акусион) он аст, ки иҷозатномаро оне мегирад, ки нархи баландтар пешниҳод менамояд[55].

Дар ҳар гуна ҳолат ҳуқуқи интиқоли каналҳои телевизиони рӯизаминии рақамӣ бо шартҳои муайяне пешниҳод карда мешавад. Масалан, дар Австрия моҳи феврали соли 2006 Идораи миллии алоқа (Kommunikationsben rde) ба ширкати ORS иҷозатнома барои идоракунии мултиплекси пахши рӯизаминӣ то 1-уми августи соли 2016 додааст. Қарори додани иҷозатнома шартҳои муфассали интиқоли ТРР-ро дар бар мегирад. Аз ORS фарогирии марҳила ба марҳилаи пӯшондани сигнал талаб карда мешавад. Таъмини пахши каналҳои миллӣ ва ба мӯҳлати муайян, каналҳои минтақавии пахшкунандаи ҷамъиятӣ аз ҷониби ОРФ зарур аст. Ҳуқуқи пахшкунандаи умумимиллии хусусии АТВ ба истифодаи ин мултиплекс барои транслятсияи канали хусусии АТВ+ муқаррар карда мешавад. Шароит бояд нархҳои маъқули интиқоли сигнал ва хизматрасониҳои иловагӣ, инчунин он чизро пешбинӣ намояд, ки барои тамоми онҳое, ки дар мултиплекс ҷой мегиранд, хизматрасониҳои интишори барномаҳоро бо таруфаҳои ягона пардохт мекунанд.

Қаблан Kommunikationsben rde низомномаро дар бораи меъёрҳои интихоби оператори мултиплекс қабул намуд. Бартарият бояд ба онҳое дода мешуд, ки зуд ба таври максималӣ аудиторияро фаро мегирифтанд, сифати аълои сигналро кафолат медоданд, транслятсияи барномаҳои пахшкунандагони амалкунандаро таъмин мекарданд ва дар истифодаи хидматрасониҳо одӣ мебуданд. Ҳамчунин пешниҳоди беҳтарин стратегияи инкишофи системаи тақсими декодерҳои мувофиқ, ба тамошобинон кафолат додани маҷмӯи каналҳои рақамие, ки гуногунрангии максималии ақидаҳоро таъмин менамояд, зарур буд[56]

55 Худи ҳамон ҷо

56 *J.F. MacLennan "Facing the Digital Future: Public Service Broadcasters and State Aid Law in the European Union" pp 159-202 Cambridge Yearbook of European Legal Studies Vol. 2 1999, (ed. A.Dashwood & A.Ward), pp 193-195*

Ба ҳамин монанд ӯҳдадориҳо метавонанд барои операторҳои платформаҳои дигар пайдо шаванд. Маслан, танзимкунандаи фаронсавӣ – Шӯрои олии аудиовизуалӣ (CSA) соли 2006 барои тамоми операторҳои шабакаҳои кабелӣ оид ба иҷрои талаботи моддаи 34-1 қонун дар бораи озодии коммуникатсия (1986) фармон нашр намуд. Дар он гуфта мешавад, ки сокинони хонаҳои бисёрҳуҷрагӣ, ки дигар аз мавҷгираки хонагӣ истифода намебаранд, балки ба шабакаи кабелӣ пайвастанд, бояд ҳуқуқи ройгон ва бе ӯҳдадорӣ обуна шудан ба ин ё он маҷмӯи ТВ-и кабелиро дошта бошанд, аз каналҳои пахши эфирӣ, ки дар он маҳал (сигналашон) қабул мешаванд, истифода кунанд. Диққати CSA-ро дар ин ҷо ҳодисаҳои таҳмили шарту мӯҳлатҳои расонидани чунин хизматҳо, инчунин нархи баъзе аз ширкатҳои кабелӣ барои ба иҷора додани тюнери барномаи телевизионӣ ба худ ҷалб намуд.

Моддаи 34-1 қонун муқаррар менамояд, ки ҳазина бояд танҳо «хароҷоти насб, хидматрасонӣ ва ивазкунии шабакаро» пушонад. Ин чунин маъно дорад, ки агар пардохт барои дастрасӣ ба каналҳои эфирӣ ва каналҳои озоди TPP бештар аз он бошад, ки қаблан барои истифодаи телевизионхои пахши аналогӣ мегирифтанд, пас, дар он сурат оператори алоқа бояд ба CSA барои болобарии нарх асос пешниҳод намояд[57].

Шабеҳи ин созишнома дар робита ба паҳн намудани барномаҳои телевизиони ҷамъиятӣ ва озод дар шабакаҳои кабелӣ дар Олмон соли 2004 баста шуд[58].

Шартҳои қатъӣ ба он равона карда шудаанд, ки назорати нархҳо дар платформаҳои нав муқаррар шавад ва ба ширкатҳо барои бор кардани вазнинии хароҷоташон ба зиммаи аҳолӣ монеъ шаванд. Агар мавқеи бартаридоштаи таъмингарони хизматрасониҳо ба амал ояд, пас маҳдудиятҳои дигар низ имкон доранд. Масалан, дар Испания имконияти яке аз ширкатҳои асосӣ дар бозори ТВ-и рақамии тиҷоратӣ барои бастани шартномаҳои дарозмӯҳлати транслятсияи бозии футболи

57 *Blocman A. France: CSA Recommendation on the "Aerial Service" to be Offered by Digital Cable Networks / IRIS 2006-5:12/10. Ниг.: http://merlin.obs.coe.int/iris/2006/5/article19.en.html*

58 Scheuer A.Germany: Agreement Between Public Servise Broadcasters and Germany's Largest Cable Proviser / IRIS 2004-5:7/11. Ниг.: http://merlin.obs.coe.int/iris/2004/5/article11.en.html

тимҳои мамлакат маҳдуд аст, вай ҳамчунин ба манъ кардани интишори каналҳои тахассусиаш аз ҷониби дигар ширкатҳо ҳақ надорад. Ба вай бастани шартномаҳои эксклюзивӣ бо киностудияҳои машҳури ИМА ё истеҳсолкунандагони байналхалқии маводи аудио- ва видеоӣ иҷозат дода намешавад. Илова бар ин вай барои пешниҳод намудани имконият ба ширкатҳои мустақил барои дастрасӣ ба платформаҳояш бидуни поймолкунии ҳуқуқи онҳо ва ба шартҳои оқилона ва шаффоф, ӯҳдадор аст[59].

Дар минтақаи ИДМ барои бисёре аз мамлакатҳо Россия намуна мебошад, ки имрӯз 10 фоизи аҳолӣ ба ТВ-и рақамӣ дастрасӣ дорад[60]. Дар Россия таркиби мултиплекси аввалин бо фармони Президенти ФР аз 24 июни соли 2010 муайян карда шуд (ниг. поёнтар 8.5.).

Аллакай моҳи октябри соли 2009 моратория барои додани басомадҳо дар минтақаҳое бекор карда шуд, ки тақсимоти басомадҳо барои мултиплекси аввалини ТВ-и рақамӣ ба анҷом расида буд. Дар он ҷойҳое, ки зарур буд, каналҳои телевизионии аналогӣ ба дигар басомадҳо гузаронида шуданд. Қисман бекор намудани моратория барои дароз намудани иҷозатномаҳои пахши аналогӣ барои ширкатҳое, ки мӯҳлаташон ба охир расидааст, имконият дод (дар Россия он аз 5 сол зиёдтар буда наметавонад). Бо вуҷуди ин, дар натиҷаи таъсири моратория якчанд пахшкунанда аз имконияти давом додани иҷозатномаҳои худ маҳрум шуданд ва басомадҳоро аз даст доданд.

Ин басомадҳо ба оператори мултиплекси аввалин дода шуданд ё озод боқӣ гузошта шуданд, то ин ки дар паҳнкунии сигнали рақамӣ халал ворид карда нашавад.
Дар Белоруссия ва Қазоқистон таркиби мултиплекси аввалин аз тарафи ҳукумат муайян карда шуд. Дар Украина бошад вай аз тарафи танзимгари миллӣ дар рафти чорабиниҳои кушода интихоб карда шуд.

---

59 G mez A P Spain: Government's Conditional Approvai o« Merger of Leading Digital-TV Platforms / IRIS 2003 3-10/17. См.: http://merlin.obs.coe.int/iris/2003/3/art,cle17.en.html
60 Ниг. . http://www.rosbalt.ru/2009/05/13/640331.html

## 8.3 Нақши мақомоти танзимкунанда

Мувофиқи тадқиқоти ЭПРА нақши мақомоти миллии идоракунии пахш (ё танзимкунандаи миллӣ) дар рафти рақамикунонӣ ҳалкунанда мебошад. Дар доираи қонунэҷодкунӣ ин нақш аз муосидати парламент барои таҳияи ҳуҷҷатҳои ҳуқуқии барои пахши рақамӣ зарур, инчунин аз идоракунии раванди хомӯш кардани ТВ-и аналогӣ иборат аст. Дар самти иҷрои қонунҳо чизи асосӣ дар фаъолияти танзимкунанда такмил ва истифодаи чорабиниҳои иҷозатномадиҳӣ, тақсими басомадҳо ва муайян намудани таркиби мултиплексҳо мебошад. Барои фароҳам овардан ва дастгирии қолаби нисбатан мувофиқи пахши рақамӣ салоҳияти техникӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқии танзимкунанда аҳамияти ҳалкунанда дорад. Пахши рақамӣ пешбинӣ менамояд, ки дар бисёре аз мамлакатҳо пахшкунандагони эфирӣ операторони шабакаҳо мешаванд. Аз ин сабаб танзимкунандагон бояд донишҳои навро барои танзими раванди «хусусияти дугонаи» пахш дошта бошанд: аз як тараф ҳамчун шабакаи алоқа; аз тарафи дигар – мундариҷаи аудиовизуалӣ.

Дар Ирландия қонун дар бораи пахши телевизиониву радио (2001) Комиссияи радио ва телевизиони мустақили соли 1988 ташкилшударо ба Комиссия оид ба пахш бо салоҳиятҳои васеъ номгузорӣ намуд. Аз вай таъмини он талаб карда мешавад, ки миқдор ва категориҳои хизматрасониҳои мавҷудаи пахш «ба таври беҳтар барои талаботи сокинони ҷазираи Ирландия бо назардошти забоне, ки бо он ҳарф мезананд, урфу одати онҳо, гуногунрангии динӣ, ахлоқию маданӣ хизмат намоянд (моддаи 11(2). Аз вай ҳамчунин таҳия ва ба ҳаёт татбиқ намудани кодексҳо нисбати меъёрҳои завқу ахлоқ, инчунин реклама ва тиҷорати телевизионӣ интизорӣ меравад.

Тавсияи Rec (2000) 23 дар нисбати мустақилият ва вазифаҳои мақомоти тазимкунанда дар соҳаи пахш нишон медиҳад, ки мустақилияти мақомоти танзимкунанда ва иҷозатномадиҳӣ барои иҷрои салоҳияташон хеле муҳим аст. Дар ҳуҷҷат ба давлатҳои иштирокчии Иттиҳодии Аврупо пешниҳод шудааст, ки «дар қонунгузории худ муқарраротро ворид намоянд, дар барномаҳои амалашон - тадбирҳое андешанд, ки ба мақомоти танзимкунандаи соҳаи пахш, барои иҷрои вазифаҳояшон, чи хеле ки дар қонунгузории миллӣ муқаррар шудааст – самаранок,

мустақилона, шаффоф ва мувофиқи принсипҳои роҳбарикунандаи дар замимаи он овардашуда», салоҳиятҳоро фароҳам оваранд.[61]

Декларатсияи баъдтар қабулкардашудаи Кумитаи вазирони Иттиҳоди Аврупо нисбати мустақилият ва вазифаҳои мақомоти танзимкунанда дар соҳаи пахш қайд менамояд:

*"«Дар аксари мамлакатҳои иштирокчии Иттиҳоди Аврупо аъзои мақомоти танзимкунанда аз тарафи парламент ё сардори давлат таъин карда мешаванд. Дар баъзе аз мамлакатҳои иштирокчӣ ба мақсади таъмин намудани гуногунрангии ҷамъиятию сиёсии мамлакат қисме аз ҳайати мақомоти танзимкунанда ё тамоми аъзои он аз тарафи ташкилотҳои ғайридавлатӣ пешбарӣ карда мешаванд, ки ба қавле манфиатҳои тамоми ҷомеаро пешниҳод менамоянд. Ғайр аз ин дар баъзе аз мамлакатҳои иштирокчӣ қонунгузорӣ меъёрҳои интихоби воқеии довталабонро ба ин мақомот меоварад. Дар як қатор мамлакатҳои дигар, баръакс аъзои мақомоти танзимкунанда бо қарори иродавии яке аз институтҳои давлатӣ, масалан, сардори давлат ё мақомоти идоракунии давлатӣ, гоҳо бо набудани ягон хел меъёри интихоб таъин карда мешаванд. Таъйини аъзои мақомоти танзимкунанда аз тарафи сардори давлат ва (ё) парламент чандин маротиба танқид карда шуд, ки дар чунин ҳайат мақомот сохтори ҳокимияти сиёсиро инъикос ё аз нав таҷассум менамояд. Гоҳо ташвишҳое низ садо доданд, ки мақомоти пешбарикунанда ё таъинкунанда метавонанд ба аъзои мақомоти танзимкунанда баъди таъин шуданашон фишор оваранд. Ва ҳақиқатан ҳам дар баъзе аз мамлакатҳои иштирокчӣ мақомоти танзимкунанда гоҳо ба фаъолият ба манфиати институтҳои онҳоро таъинкарда ё қувваҳои сиёсии дастгирикунандаи ин таъинот гунаҳкор карда мешаванд."*

---

61 Working Group on Digital Terrestrial in EPRA Countries. Final Report. 2 June 2004. Ниг. ба сомонаи расмии ташкилоти байнидавлатии «Платформаи Аврупоии мақомоти танзимкунанда» (ЭПРА): http://www.epra.org/content/english/press/papers/DTTWG_finalreport.doc

Ин мустақилият принсипи умумиэътирофшуда дар Аврупо мебошад, ки ба наздикӣ дар санади муҳим – Резолютсияи № 1636-и (2008) Ассамблеяи Парламентии Иттиҳоди Аврупо тасдиқ карда шуд. Дар матни он қайд карда мешавад, ки яке аз нишондиҳандаҳои фаъолияти ВАО маҳз дар ҷомеаи демократӣ аз он иборат аст, ки «мақомоти танзимкунанда дар соҳаи пахши телевизиону радио бояд холисона ва самаранок, масалан, ҳангоми додани иҷозатнома, фаъолият намоянд.

## 8.4 Моратория

Қадами зарурӣ дар рафти рақамикунонӣ эълон намудани моратория барои иҷозатномаҳои пахш мебошад. Моратория ба мақомоти танзимкунанда барои банақшагирӣ ва истифодаи самараноки спектр ҳангоми омода шудан ба оғози иҷозатномадиҳии пахшкунандагони рақамӣ, имконият медиҳад. Моратория ҳамчунин пахшкунандагонро маҷбур мекунад, ки қадамҳои амалиро оид ба озод намудани басомадҳои аз тарафи онҳо бандшудаи аналогӣ кашол надиҳанд.

Ҳамзамон чӣ хеле ки Дафтари Намояндаи САҲА оид ба масъалаҳои озодии ВАО қайд менамояд, кӯшиши истифодаи чунин моратория ба мақсадҳои сиёсӣ, масалан роҳ надодани стансияҳои мустақил ба фазои эфирӣ, истисно буда наметавонанд.

Масалан, 19-уми сентябри соли 2008 Намояндаи САҲА оид ба масъалаҳои озодии ВАО ба ҳукумати Арманистон бо хоҳиши баррасии тағйироти қабулшуда дар қонун оид ба пахши телевизиону радио муроҷиат намуд, ки мораторияро барои додани иҷозатномаҳои нави пахшкунӣ то оғози рақамикунонӣ - 20 июли соли 2010 муқаррар намуда буд.
Мораторияи эълоншуда барои Арманистон иҷро намудани қарори Суди Аврупо оид ба ҳуқуқҳои башарро номумкин гардонд. Дар ҳолати мазкур моратория боиси амалан вайрон карда шудани қарори Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи башар гардид. Гарчанде ҳукуматдорони Арманистон рақамикунониро ҳамчун сабаби тағйирот ба қонун нишон медиҳанд, моратория набояд қадами аввалин дар роҳи рақамикунонӣ бошад. Чи хеле ки қайд карда шуд, манъкунии мазкур барои гузаронидани

озмуни гирифтани иҷозатномаҳои пахш боиси нигарониҳои ҷиддии ташкилотҳои рӯзноманигорӣ ва байналхалқӣ гардид[62].

Ин раванд набояд боиси паст шудани гуногунрангӣ ва гуногунандешӣ гардад, ба истифодаи рақамикунонӣ ҳамчун баҳона барои маҳдуд намудани пахши озод ва мустақил роҳ додан лозим нест. Агар системаи пахшро дар мамлакат гуногунандеш ва гуногунранг шуморидан мумкин набошад, беҳтараш оғози рақамикунонӣ мавқуф гузошта шавад ва аввал дигар ислоҳот дар ин соҳа гузаронида шавад[63].

## 8.5 Пахши телевизион ва радиошунавонии давлатӣ

Ба гуногунандешии ВАО бартарӣ доштани пахши давлатӣ таъсири манфӣ мерасонад. Вуҷуд доштани пахшкунандагон таҳти назорати давлат озодии ВАО-ро зери хатар мегузорад. Ин мушкилот метавонад дар рафти рақамикунонӣ фақат пурзӯртар гардад. Дар **Россия** масалан ҳукумат барномаи федералиро тасдиқ намуд, ки мувофиқи он аз ҳашт барномаи телевизионӣ, ки ҳатман бепул ба аудитория аз соли 2001 пешниҳод карда мешаванд, панҷтоашон ширкатҳои давлатӣ мебошанд, се тои боқимонда бошад аз тарафи ширкатҳои наздик ва (ё) қисман ба давлат тааллуқдоша идора карда мешаванд.

Ин каналҳо аз тарафи ҳукумат бе гузаронидани мубоҳисаи ҷамъиятӣ ё чорабиниҳои кушода интихоб шуда буданд. Ҳукуматдорони Россия ин маҷмӯро «бастаи иҷтимоӣ» номиданд, ки маънои аз буҷети давлат пардохт шудани ҳамаи хароҷоти паҳнкунии рақамии ин каналҳоро дар се платформа – ТРР, аз рӯи кабел ва тавассути моҳвора доранд. Таркиби дақиқи баста аз тарафи Президенти ФР тасдиқ карда шуд. Дар он масалан шарҳи онро пайдо намекунед, ки барои чӣ канали варзиш интихоб шуд на маърифатӣ, инчунин барои чӣ ин ё он барномаҳо аз қатори шабакаҳои хусусии телевизионӣ интихоб карда шуданд. Ба истисноӣ Канали панҷуми *Петербург* дар он барои пахшкунандагони минтақавӣ ҷой ёфт нашуд.

---

62 McGonagle M. Ireland: Broadcasting Bill Becomes Law / IRIS 2001-4:9/19. Ниг.: http://merlin.obs.coe.int/ iris/2001/4/article19.en.html

63 Тавсияи Rec(2000)23-и Кумтаи Вазирони давлатҳои иштирокчӣ нисбати мустақилият ва функсияи мақомоти танзимкунанда дар бахши пахш. Ниг. матн (ба забони русӣ): http://medialaw.ru/ laws/other_laws/european/rec2000-23.htm

Ҳамаи пахшкунандагони дигар бояд барои имконияти пахш намудан дар шакли рақамӣ аз рӯи нархҳои бозорӣ пардохт намоянд. Дар ин ҳолат давлат тамоми вазнинии маблағгузории рақамикунониро ба зиммаи худи пахшкунандагон мегузорад. Ин набудани кафолати воридшавии каналҳои хусусиро ба мултиплексҳои рақамӣ дар Россия мефаҳмонад, ки то соли 2015, то лаҳзаи хомӯш карда шудани пахши аналогӣ дар назар аст. Мултиплекси аввалини ТРР, инчунин дутои баъдина аз тарафи ширкати давлатии РТРС идора карда мешаванд.

Ба ҷои дар мамлакат қабул шудани қонун дар бораи радио ва телевизион, ки кайҳо боз интизораш ҳастанд, фақат даровардани баъзе тағйирот ба қоидаҳои мавҷудаи ҳукумат нисбат ба иҷозатномадиҳӣ ва дигар ҷанбаҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ пешбинӣ карда мешавад. Барномаҳои давлатии рушд дар ин соҳа дар Россия дар рафти рақамикунонӣ пайдо шудани пахши ҷамъиятиро пешбинӣ накардаанд.

САҲА онро нишон дод, ки мақомоти ҳокимият бояд аз чораҳои сабук намудани гузариш ба ТВ-и рақамӣ фақат ба хотири пахшкунандагони давлатӣ ё ба он моил, худдорӣ намояд. Дар акси ҳол яке аз принсипҳои асосии аврупоӣ вайрон карда мешавад, ки ба наздикӣ дар Резолютсияи № 1636-и (2008) Ассамблеяи Парламентии Шӯрои Аврупо тасдиқ карда шудааст. Дар матни он қайд карда мешавад, ки яке аз нишондиҳандаҳои ВАО дар ҷамъияти демократӣ он мебошад, ки ҳамаи онҳо дастрасии одилона ва баробарро ба каналҳои паҳнкунӣ, аз ҷумла зерсохтори техникӣ доранд (масалан, басомадҳои радиоӣ, шабакаҳои кабелӣ, интиқодиҳандагони маҳворагӣ).

## 8.6 Хомӯш кардани пахши аналогӣ

Дар хулосаи роҳнамо мо мӯҳлатҳои хомӯш карда шудани пахши аналогиро баррасӣ менамоем.

Ба назари мо, муқарарр намудани санаи хомӯш карда шудани пахши аналогӣ фашанги нисбатан пурзӯр ва самараноки гузаронидани сиёсати рақамикунонӣ дар дасти давлат мебошад. Таҷрибаи Олмон, масалан, нишон медиҳад, ки санаи зуд ва устувори гузариши пурра ба пахши рақамӣ барои дар амал татбиқ шудани гузариш мусоидат мекунад.

Комиссия Аврупоӣ чунин мешуморад, ки хомӯш кардани пахши аналогӣ бояд фақат вақте амалӣ карда шавад, ки «бо пахши рақамӣ қариб тамоми аҳолии мамлакат фаро гирифта шавад.» Дар заминаи мазкур мо аллакай ба тавсияҳои Иттиҳоди Аврупо (ниг. 6.1.) оид ба рушди дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои аудиовизуалӣ ишора кардем.

Ҳамчунин Доктринаи ИА дар бораи хидматҳои аудиовизуалӣ кишварҳои иштирокчиро ӯҳдадор месозад, ки ба таъминкунандагони чунин хидматҳо мусоидат намоянд, то ки дастрасии одамони босира ва сомеашон халалёфтаро бо чунин хидматҳо таъмин намоянд.

Дар як қатор ҳолатҳо САҲА қайд намудааст, ки рақамикунонӣ бо хомӯш кардани пахши аналогӣ ба анҷом мерасад. Санаи чунин хомӯшкуниро бо эҳтиёткории том муқаррар намудан лозим аст, то ин ки телевизиони рақамии эфирӣ барои ин ё он гурӯҳи аҳолӣ дастнорас нагардад. Ин сана гарчанде пахшкунандагонро барои дар амал тезондани раванди рақамикунонӣ водор месозад, бояд дар ҳолати пайдо шудани чунин хатар барои аҳолӣ он мавқуф гузошта шавад. Аз ин сабаб гузаронидани **мониторинги** ҳолати муҳити рақамӣ тавсия дода мешавад.

Намунаи амалӣ метавонад вазъият дар **Британияи Кабир** бошад. Марҳила ба марҳила хомӯш карда шудани пахши аналогӣ дар ин ҷо аз соли 2008 то 2012 гузаронида мешавад. Телевизиони рақамӣ дар шакли лоиҳаи бомуваффақияти «Фривю» (Freeview) - корхонаи якҷояи Би-би-си ва пахшкунандагони хусусӣ таъмин карда мешавад. «Фривю» аз тарафи шаш мултиплекси телевизионӣ паҳн карда мешавад, ки панҷтои он иҷозатномаҳои Офкомро мегиранд (шашум аз тарафи Би-би-си бо шартҳои Хартияи махсуси шоҳӣ идора карда мешавад).

Танзимкунандаи миллии Офком дар шартҳои иҷозатнома менависад, ки то лаҳзаи хомӯш карда шудани ТВ-и аналогӣ фарогирии пахши рақамии рӯизаминии ин ё он стансия бояд ба фарогирии ҳозираи телесигнали аналогӣ мувофиқ бошад. Барои нигоҳдорандаҳои ду мултиплекси паҳнкунандаи сигнали ТВ-и ҷамъиятӣ ҳадди минималии фарогирӣ бо пахши рақамӣ – 98,5 фоизи аҳолии мамлакатро ташкил

медиҳад. Барои ин онҳо бояд аз 1154 нуқта пахш намоянд, ки имрӯз барои пахши аналогӣ (инчунин бо нӯҳ асбоби иловагии интиқолдиҳанда), истифода мешаванд. Дар шароити иҷозатномадиҳӣ рӯйхати ҳамаи ин нуқтаҳои пахш ворид карда шудааст. Барои се мултиплекси пахши тиҷоратӣ ҳад то 90 фоиз фарогирии аҳолӣ то лаҳзаи хомӯш карда шудани сигнали аналогӣ муқаррар карда шудааст. Соҳибони иҷозатномаҳо ба Офком ҳисоботи ҳарсоларо оид ба рафти иҷрои ин шартҳо пешниҳод менамоянд[64].

64 Article 7of the Directive 2017/13/EU .

# VI. Замима.
# Санадҳои байналхалқии дахлдор

# Иттиҳоди Аврупо

- Дастурамали 95/47/ИА дар бораи истифодаи стандартҳои интиқоли сигналҳои телевизионӣ (on the use of standards for transmission of television signals). 24 октябри соли 1995. Ниг. http://eur-lex.europa.eu
- Дастурамали 2002/19/ИА дар бораи дастрасӣ ва ҳамроҳ шудан ба шабакаҳои электронии алоқа ва асбобҳои ба онҳо алоқаманд («Дастурамал дар бораи дастрасӣ») (on access to, and interconnection of, electronic communication networks and associated facilities, Access Directive). 7 марти соли 2002. Ниг. http://eur-lex.europa.eu
- Дастурамали № 2002/21/ИА дар бораи чорчӯбаҳои умумии ҳуқуқии шабакаву хизматрасониҳои алоқаи электронӣ («Дастурамали чорчӯбагӣ») (on a common regulatory framework for electronic communications networks and services, Framework Directive). 7 марти соли 2002 Ниг. http://eur-lex. europa.eu
- Дастурамали № 2002/22/ИА дар бораи хизматрасонии ҳаматарафа ва ҳуқуқҳои истифодабарандагон нисбат ба шабакаву хизматрасониҳои алоқаи электронӣ («Дастурамал дар бораи хизматрасониҳои ҳаматарафа») (on universal service and users' rights relating to electronic communications networks and services, Universal Service Directive). 7 марти соли 2002. Ниг. http:// eur-lex.europa.eu
- Дастурамали 2009/136/ИА, ки ба Дастурамали № 2002/22/ЕС дар бораи хизматрасонии ҳаматарафа ва ҳуқуқҳои истифодабарандагон нисбат ба шабакаву хизматрасониҳои алоқаи электронӣ тағйирот даровардааст. 25 ноябри соли 2009. Ниг. http://eur-lex.europa.eu
- Дастурамали № 2002/58/ИА дар бораи коркарди маълумоти фардӣ ва муҳофизати сирри ҳаёти шахсӣ дар доираи тамосҳои электронӣ (concerning the processing of personal data and the protection of privacy in the electronic communications sector) ва Қоидаи (ИА) № 2006/2004 дар бораи ҳамкории мақомоти миллии давлатӣ, ки барои истифодаи қонунгузорӣ дар бораи муҳофизати ҳуқуқҳои истифодабарандагон масъул мебошанд (on cooperation between national authorities responsible for the enforcement of consumer protection laws). Ниг. http://eur-lex.europa.eu

- Дастурамали № 2010/13/EU дар бораи ҳамоҳангсозии муқаррароти муайян, ҳуҷҷатҳои муқарраршудаи ҳуқуқӣ, меъёрӣ ё маъмурӣ дар мамлакатҳои иштирокчӣ нисбат ба пешниҳоди медиа-хизматрасониҳои аудиовизуалӣ («Дастурамал дар бораи медиа-хизматрасониҳои аудиовизуалӣ»), (on the coordination of certain provisions laid down by law, regulation or administrative action in Member States concerning the provision of audiovisual media services, Audiovisual Media Services Directive). 10 марта 2010 г. Ниг. http://eur-lex.europa.eu

# Шӯрои Аврупо

- Тавсияи № Rec (2000)23-и Кумитаи Вазирон ба давлатҳои иштирокчӣ оид ба мустақилият ва вазифаҳои мақомоти танзимкунанда дар соҳаи пахш (on the independence and functions of regulatory authorities for the broadcasting sector). Аз тарафи Кумитаи вазирон 20 декабри соли 2000 дар ҷаласаи 735-уми муовинони вазирон қабул шудааст. Ниг. матн (ба забони русӣ): http://medialaw.ru/laws/otherjaws/european/rec2000-23.htm
- Тавсияи Rec(2003)9-и Кумитаи Вазирон ба давлатҳои иштирокчӣ нисбати чораҳои рушди имкониятҳои демократӣ ва иҷтимоии пахши рақамӣ (on measures to promote the democratic and social contribution of digital broadcasting). Аз тарафи Кумитаи вазирон 28 майи соли 2000 дар ҷаласаи 840-уми муовинони вазирон қабул шудааст. Ниг. матн (ба забони англисӣ): https://wcd.coe. int/rsi/common/renderers/rend_standard.jsp?DocId=38043&SecMode=1 &SiteName=cm&Lang=en
- Тавсияи №1641-и (2004) Ассамблеяи Парламентии Иттиҳоди Аврупо «Пахши ҷамъиятӣ». Ниг. матн (ба забони русӣ) http:// medialaw.ru/laws/other_laws/european/rec1641-2004.htm
- Тавсияи Rec(2007)2-и Кумитаи Вазирон ба давлатҳои иштирокчӣ оид ба гуногунандешии ВАО ва гуногунрангии мундариҷаи ВАО (on media pluralism and diversity of media content). Аз тарафи Кумитаи вазирон 31 январи 2007 дар ҷаласаи 985-уми муовинони вазирон қабул шудааст. Ниг. матн (ба забони англисӣ): https://wcd.coe. int/ViewDoc.jsp?id=1089699
- Тавсияи Rec(2007)3-и Кумитаи Вазирон ба давлатҳои иштирокчӣ оид ба рисолати пахши ҷамъиятӣ дар ҷомеаи иттилоотӣ (on the remit of public service media in the information society). Аз тарафи Кумитаи вазирон 31 январи соли 2007 дар ҷаласаи 985-уми муовинони вазирон қабул шудааст. Ниг. матн (ба забони англисӣ): https://wcd.coe.int/ViewDoc.jsp?id=1089759
- Эъломия дар бораи муҳофизати нақши ВАО дар ҷамъияти демократӣ дар иртибот ба тамаркузи ВАО (on protecting the role of the media in democracy in the context of media concentration). Аз тарафи Кумитаи вазирон 31 январи соли 2007 дар ҷаласаи 985-уми муовинони вазирон қабул шудааст. Ниг. матн (ба забони англисӣ): https://wcd.coe.int/ViewDoc. jsp?id=1089615

- Эъломияи Кумитаи вазирон дар бораи азхудкунӣ ва идоракунии дивиденди рақамӣ ва дар бораи манфиатҳои ҷамъиятӣ (on the allocation and management of the digital dividend and the public interest). Аз тарафи Кумитаи вазирон 20 феврали соли 2008 дар ҷаласаи 1018-уми муовинони вазирон қабул шудааст. Ниг. матн (ба забонианглисӣ): https://wcd.coe.int/ViewDoc.jsp?id=1252459&Site=CM
- Эъломияи Кумитаи вазирон дар бораи мустақилият ва вазифаҳои мақомоти танзимкунанда дар соҳаи пахш (on the independence and functions of regulatory authorities for the broadcasting sector). Аз тарафи Кумитаи вазирон 26 марти соли 2008 дар ҷаласаи 1022-уми муовинони вазирон қабул шудааст. Ниг. матн (ба забони англисӣ): https://wcd.coe. int/ViewDoc.jsp?id=1266737&Site=CM
- Қатъномаи № 1636 (2008) Ассамблеяи Парламентии Шӯрои Аврупо «Индикаторҳои ВАО дар ҷамъияти демократӣ». Ниг. матн (ба забони русӣ):http:// assembly.coe.int/Main.asp?link=/ Documents/AdoptedText/ta08/ERES1636.htm